# Таҳқиқи китобӣ

## Вазъи тозагӣ дар деҳоти Тоҷикистон

САҲА
Созмони амният ва
ҳамкорӣ дар Аврупо
**Дафтари барномаҳо дар Душанбе**

# *Раддия*

Гузориши мазкур аз ҷониби Сусмита Синҳа – соли 2020 омода карда шудааст. Он дар асоси таҳлилҳои сифатии маълумоте, ки дар ҷараёни мусоҳиба ва баррасии ҳуҷҷатҳо ҷамъоварӣ шудаанд, таълиф шудааст. Фикру андешаҳое, ки дар ин гузориш баён шудаанд, аз худи муаллиф ҳастанд, ки аз рӯи фаҳмиши ӯ, тафсирот ва хулосабарориҳояш дар рафти мунозираҳо бо мутахассисони соҳа ва баррасии ҳуҷҷатҳо рӯи кор омадаанд. Гузориш бечунучаро нуқтаи назари мусоҳибон ё САҲА-ро инъикос намекунад.

Маълумот тавассути сӯҳбатҳои интернетӣ бо ҷонибҳои манфиатдори соҳа, ки онҳо аз оҷонсиҳои гуногун ва созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ буданд ва аз баргузории ин гуна тадқиқот воқиф буданд, ҷамъоварӣ карда шуд. Сабаби баргузории тадқиқоти мазкур ва чаро муаллиф мехоҳад масъалаҳои марбутро баррасӣ намояд ба иштирокчиён пешакӣ фаҳмонида шуда, розигии воқифонаи онҳо ба даст оварда шудааст. Таҳлили мавзӯӣ дар асоси мусоҳибаҳои нимсохторӣ анҷом дода шуд, ки ҳадафаш дар бораи вазъияти мавҷуда аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва ҳамчунин зарфият ба даст овардани дарку фаҳмиши умумӣ иборат буд.

Дастгирии ташкилӣ, кӯмак дар идоракунии лоиҳа:
*Кай Вегерих, Таҳмина Ҷумъабоева*, Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе

ISBN 978-3-903128-90-3

# Мундарича:


1 МУҚАДДИМА ВА МАЪЛУМОТИ ЗАМИНАВӢ ..... 6

1.1 ҲАДАФ ВА МАҚСАДИ ТАДҚИҚОТ ..... 7

1.2 МЕТОДОЛОГИЯ ..... 8

1.3 ВАЗЪИ КИШВАР ..... 8

2 ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ САНИТАРӢ ..... 13

3 МУШКИЛОТ ..... 22

3.1 МУШКИЛОТИ ТЕХНИКӢ ВА ИНФРАСОХТОРӢ ..... 22

3.2 МУШКИЛОТИ ИҶТИМОИВУ ФАРҲАНГӢ ..... 26

3.3 МУШКИЛОТИ ИҚТИСОДӢ ..... 27

3.4 ЧОРЧӮБАҲОИ ҲУҚУҚӢ, МУАССИСАҲО ВА МУШКИЛИҲО ДАР СОҲАИ ИДОРАКУНӢ ..... 29

4 ТАЛАБОТУ ТАВСИЯҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САНИТАРИЯ ДАР МАНОТИҚИ ДЕҲОТ ..... 37

4.1 САБАҚҲОИ АСОСИИ ОМӮХТАШУДА ..... 37

4.2 УСУЛИ РОҲАНДОЗИИ ТАДБИРҲОИ ТОЗАГӢ ..... 43

5 ЗАМИМАҲО ..... 45

5.1 ЗАМИМАИ 1: ҚАЙДҲОИ СӮҲБАТУ МУҲОКИМАҲО ..... 45

5.2 ЗАМИМАИ 2: ЧОРЧӮБАИ CLUES ..... 64

5.3 ЗАМИМАИ 3: МАВЗЕИ ЛОИҲА – ҲАВЗАИ БОЛООБИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ..... 65

5.4 ЗАМИМАИ 4: ВАЗЪИ ТОЗАГӢ ДАР МИНОТИҚИ ҲАВЗАИ БОЛООБИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ВА ЗАРУРАТИ АМАЛҲО ..... 67

5.5 РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ВА ИСТИНОДҲО ..... 69

## ФЕҲРАСТИ АНГОРАҲО

Ангораи 1. Занҷираи арзишии санитария (Манбаъ: www.commons.wikimedia.org)........................7
Ангораи 2. Харитаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Манбаъ: Арзёбиҳои соҳавии кишвар: Ҷилди 2, Барномаи GoAL WASH БРСММ, Тоҷикистон, 2010).....................................................9
Ангораи 3. Харитаи релефи Тоҷикистон (Манбаъ: Донишномаи озод/Wikipedia).........................10
Ангораи 4. Таснифи иқлими Тоҷикистон дар асоси классификатсияи KÖPPEN (Манбаъ: Ali Zefan, Wikipedia)........................................................................................................11
Ангораи 5. Ҳоҷатхонаи чуқуридори номукаммал (Манбаъ: Бонки ҷаҳонӣ)..................................13
Ангораи 6. Ҳоҷатхонаи номукаммали чоҳӣ (Манбаъ: Бонки ҷаҳонӣ) ..........................................14
Ангораи 7. Ҳоҷатхонаи чоҳаш бо тахтаҳои чӯбӣ рӯйпӯшшуда......................................................14
Ангораи 8. Фарогирии санитарӣ – Сатҳи хидматрасонӣ (Манбаъ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019)) .15
Ангораи 9. Фарогирии санитарии минтақавӣ (Манбаъ: сут/юнисеф JMP (2019)).........................15
Ангораи 10. Сатҳи хизматрасонӣ дар мактабҳои Тоҷикистон (Манбаъ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019))..........................................................................16
Ангораи 11. Ҳолати кунунии санитарӣ ва шароитҳои чорчӯбавии таъсир дар мавзеи деҳот.....18
Ангораи 12. Мушкилот вобаста ба мудохилаҳои санитарӣ дар деҳот ва таъсироти онҳо ..........21
Ангораи 13. Манбаҳои маблағгузорӣ дар Бахши обу ташноб дар солҳои 2006–2015* ...............28
Ангораи 14. Сайрхаритаи оддии беҳтар кардани вазъи санитарӣ ...............................................38
Ангораи 15. Унсурҳои мусоидаткунандаи ҷорӣ ............................................................................39
Ангораи 16: Мавзеи лоиҳавӣ – Зарафшони боло (Манбаъ: Ҳисоботи бор, 2013).........................65
Ангораи 17. Ҳавзаи оби Зарафшон (Манбаъ: Welthungerhilfe) ....................................................66

## ФЕҲРАСТИ ҶАДВАЛҲО

Ҷадвали 1. Намудҳои иншооти санитарӣ дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон (Манбаъ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019))..........................................................................15
Ҷадвали 2. Дараҷаи хизматрасонии санитарӣ дар деҳоти Тоҷикистон (Манбаъ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019))..........................................................................16
Ҷадвали 3: Намуди ҳоҷатхонаҳо, аз рӯи ҷойгиршавии деҳот дар ҳавза / пойгоҳҳо.....................25
Ҷадвали 4. Ҷонибҳои манфиатдор дар бахши санитария, ки дар ҷараёни таҳқиқот муайян карда шудаанд..............................................................................................32
Ҷадвали 5: Усулҳои мудохилаи санитарӣ.......................................................................................43
Ҷадвали 6. Шарҳи мухтасари ниёзу эҳтиёҷот ва мушкилоти санитарӣ дар манотиқи деҳот......67

## ФЕҲРАСТИ ВАРАҚАҲО

Варақаи 1. Тадбирҳои Ҳукумат вобаста ба ОТБ ..........................................................................19
Варақаи 2. ИМК – Созгори тағйирҳо...............................................................................................26
Варақаи 3. Масъулияти давлат вобаста ба таъмини ҳуқуқҳо .........................................................29
Варақаи 4. Мушкилоти институтсионалӣ ва идоракунӣ.................................................................30
Варақаи 5. Мутааллиқии моликият ва тарзи амалиёти инфрасохтори санитарӣ ........................32
Варақаи 6. Робитаи байни таъминоти об ва санитария ................................................................36
Варақаи 7. Намунаи лоиҳаи тадбиқи усулҳои имконпазири мудохилаҳои санитарӣ...................39
Варақаи 8. Намунаи тадбиқи маркетинги санитарӣ.......................................................................40
Варақаи 9. Намунаи лоиҳаи тадбиқи усули ҳамгирошудаи таъмини тозагӣ ................................41
Варақаи 10. Намунаи тадбиқи усули санитарияи фарогир дар муҳити шаҳр..............................42

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| CLUES | Тозагии муҳити зисти шаҳр бо роҳбарии ҷомеа (*Community Led Urban Environmental Sanitation*) |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| МТҲС | Марказҳои тарзи ҳаёти солим |
| ТҒДБ | Ташкилоти ғайридавлатии байналмилалӣ |
| ХМК | Хоҷагии манзилию коммуналӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СМО | Стратегияи милли об |
| САҲА | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| ИҶШС | Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ |
| ОТБ | Об, тозагӣ ва беҳдошт |

# 1 МУҚАДДИМА ВА МАЪЛУМОТИ ЗАМИНАВӢ

Дар Тоҷикистон захираҳои об аз унсурҳои асосии рушд – яке аз захираҳои фаровонтарини кишвар ва ҳам захираи муҳими фаромарзӣ маҳсуб меёбанд. Барои ҳамин, истифодаи босуботи ин захираҳо барои рушди экологӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар аз ҷиҳати стратегӣ муҳим аст. Беҳтар гардонидани шароити тозагӣ ба сифати об ва миқдори он, ки барои истифодаи бехатари мо дастрас аст, таъсири бевосита дорад. Аз ин рӯ, беҳбудӣ бахшидан ба вазъи санитарӣ ба таври назаррас ба мо мусоидат менамояд, ки заминаҳои устуворро бунёд намуда, ба ҳадафҳои умумии рушд ноил гардем. Дар давоми тақрибан даҳ соли охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин воқеиятро хеле хуб дарк намуда, барои дар ин самт таъмин намудани афзалиятҳои миллӣ тадбирҳои созандаро роҳандозӣ карда истодааст. Ин кӯшишҳои Ҳукумат дар чунин ҳуҷҷатҳои стратегӣ, аз қабили Стратегияи миллии рушд то соли 2030, Стратегияи миллии об ва Барномаи миллии ислоҳоти соҳаи об барои солҳои 2016–2025 махсусан инъикос гардидаанд.

Сайъю талошҳои Ҳукуматро дар ин самт созмонҳои гуногуни байналмилалӣ дастгирӣ карда истодаанд. Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), ки тавассути Дафтари барномавиаш дар шаҳри Душанбе фаъолият дорад, яке аз онҳост. САҲА бо нияти таҳия намудани як барномаи махсус дар самти санитария, ки ба эҳтиёҷоти маҳаллӣ мувофиқ бошад, ба андешидани тадбирҳои тоза оғоз кардааст, ки дар назар аст, ин барнома ба беҳтар намудани вазъи тозагӣ, махсусан дар манотиқи деҳот ва мукаммалтар гардонидани лоиҳаҳои САҲА дар самти таъмини мардум бо оби ошомиданӣ мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки беш аз 73 дарсади аҳолии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Агарчи аксарияти аҳолии қишлоқ ба санитария дастрасӣ дорад[1] (ниг. *Ангораи 8*), аммо низому системаҳои таъмини тозагӣ дар деҳот дар ҳолати паст қарор доранд[2], ки истифодабарии онҳо барои мардум, алалхусус барои пиронсолон, шахсони маъюбиятдошта ва занон басо душвориҳо пеш меорад. Бо афзоиши тамоюлҳои шаҳришавӣ (урбанизатсия) ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои дигар, аҳолии деҳот одатан гурӯҳи осебпазир маҳсуб меёбад, ки дар байни он пиронсолон, одамони дорои маъюбият, занони танҳо ва кӯдакдор ниёзмандтаринашон мебошанд. Системаҳои ноқиси санитария зиндагии аҳолии деҳотро боз ҳам душвортар гардонида, дар натиҷа дар вазъи саломатӣ ва беҳдошти омма ба оқибатҳои ногувори ҷиддӣ оварда мерасонанд. Бинобар ҳамин, дар маҳалҳои зичи аҳолинишини деҳот, зарурати амиқи ҷорӣ намудан ва такмил додани системаҳо дар тамоми занҷираи арзишии санитарӣ вуҷуд дорад. Андешидани ин гуна чораҳо ба мо имкон медиҳад, ки вазъи саломатии мардум ва ободии муҳити зистро дар деҳот беҳтар гардонида, ба сабуктар гардонидани ҳаёти ҳаррӯзаи одамон саҳм гузорем.

Нигоҳ доштани системаҳои санитарии самараноку устувор саҳми бисёрсоҳавӣ ва бисёрҷонибаро талаб менамояд. Фаъолиятҳои серамал ва таҳаввулшавандаи рушд дар деҳот тақозо мекунад, ки барои ташаккул додани роҳҳои ҳалли мушкилоти санитарӣ услуби муназзаму ба вазъи ҷуғрофӣ (маҳаллӣ) мутобиқ ва ҳамзамон ғайримарказонидашудаи модулиро ба роҳ монем. Чунин тавсия дода мешавад, ки ин гуна роҳҳои ҳалли мушкилиҳо бояд ба таҷрибаҳои беҳтарин асос ёфта, мавриди қаноатмандии ҷомеа ва қобили қабули истифодабарандагон бошанд, инчунин аз ҷиҳати техникӣ мустаҳкам бошанд.

---

[1] Дастрасӣ ба санитария аз рӯи шумораи фоизи аҳолие, ки ба воситаҳои беҳтаршудаи санитарӣ дастрасӣ дошта аз он истифода мебаранд, чен карда мешавад.www.cdc.gov; Арзёбии дастрасӣ ба об ва санитария; 15 апрели соли 2021.

[2] Ҳоҷатхонаҳое, ки берун аз хона ҷойгиранд, бо рӯйпӯш ё бе он; баъзан ин рӯйпӯшҳоро ҷумбонидан душвор аст ё агар аз чӯб сохта шуда бошанд, пӯсида ва ба осонӣ шикаста, боиси садама гаштанашон мумкин аст. Ин маълумот дар асоси мунозираҳо бо одамоне, ки дар ҷараёни Тадқиқоти таҳлилӣ ширкат варзиданд ва бо онҳо сӯҳбатҳо доир карда шуда буд, рӯи коғаз омадааст.

## 1.1 ҲАДАФ ВА МАҚСАДИ ТАДҚИҚОТ

Ҳадафи умумии тадбирандешиҳои САҲА аз он иборат аст, ки дастрасии мардумони ҷамоатҳои деҳотро ба иншоот ва хидматрасониҳои санитарӣ беҳтару хубтар намуда, муҳити тозатари зистро нигоҳ дорад (махсусан вобаста ба захираҳои об) ва ба ин васила ба рушди босуботи деҳа мусоидат намояд.

Қадами аввал дар ин самт бояд чунин бошад, ки дар бораи вазъи кунунии тозагӣ дар деҳот фаҳмише пайдо намоем ва бо ин мақсад тамоми занҷираи хизматрасониҳои санитариро (ниг. *Ангораи 1)* арзёбӣ кунем. Барои ин мо бояд аз таҷриду нигоҳдории маводҳои маҳсули ҳаёт ва гардиши моддӣ (ахлоту партовҳо), ки одатан ба масъалаҳои санитария рабт дорад, сар карда то ба коркарду истифодаи дубораи онҳо ва барпартофтани онҳо аҳамият диҳем.




**Ангораи 1. Занҷираи арзишии санитария** (Манбаъ: www.commons.wikimedia.org)

Таҳлили вазъи санитарӣ тавассути омӯзиши «рӯимизӣ»-и таҳлилӣ, бо назардошти нуқтаи назари техникӣ, иҷтимоӣ, институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва зарфияту иқтидор гузаронида шудааст. Барои дуруст дарк намудани тарҳу талаботи масъала, гузоришу ҳисобот ва мақолаҳои марбут баррасӣ карда шуданд, инчунин бо коршиносони калидии байналмилалӣ ва миллии соҳавӣ ва намояндаҳои лоиҳаҳои санитария дар Тоҷикистон воҳӯриву муҳокимаҳо ба тариқи онлайн баргузор карда шуданд. Модоме ки пас аз анҷоми ин Таҳқиқоти таҳлилӣ дарку фаҳмиши амиқи масъала ба даст оварда шуд, инак мо ният дорем, ки дар асоси он марҳилаи навбатии тарҳрезии барномаи тозагиву беҳдошти САҲА-ро бо назардошти пайдо намудани роҳҳои ҳалли эҳтимолии масъалаҳои тозагӣ таҳия намоем – аз он ҷумла деҳа(ҳо), гузинаҳои технологӣ ва инфрасохтор, ҳамчунин татбиқи системаҳои намоиширо интихоб кунем.

Дар чорчӯбаи Тадқиқоти таҳлилии мазкур ҳадафи мо аз он иборат буд, ки дарку фаҳмиши масъалаҳои тозагӣ, вазъи кунунӣ ва норасоиҳои инфрасохторӣ, шаклу усулҳои ба роҳ монда шудани сохторҳои институтсионалӣ, шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дониш, огоҳӣ ва зарфиятҳои ҷонибҳои манфиатдор, ҳамзамон чорчӯбаҳои ҳуқуқиро муайян намоем. Ин ба мо имкон медиҳад, ки:

- Ба ҷонибҳои асосии манфиатдор ва қабулкунандагони қарорҳо маълумоти зарурро дар бораи он ки чӣ гуна вазъи санитариро беҳтар кардан мумкин аст ва дар ин самт чӣ корҳоро анҷом додан лозим аст, пешниҳод намоем.
- Барои омӯзиши минбаъдаи соҳавӣ камбудиву талаботҳои заруриро пайдо кунем.

Натиҷаҳои тадқиқот дар шакли гузориш оиди баррасӣ, бозёфтҳо ва тавсияҳо пешниҳод карда мешавад, ки дар он сабақҳои аз Тадқиқоти таҳлилӣ омӯхташуда дар бар гирифта мешаванд, вале ҳатто ба он ҳам маҳдуд намешавад.

## 1.2 Методология

Таҳқиқоти китобӣ дар асоси усули таҳлили муштараки муаммоҳо, ба воситаи мусоҳибаву муҳокимаҳои нимсохтории онлайн бо ҷонибҳои асосии манфиатдори ҷалбшуда ва баррасии маълумоти дуюмдараҷа роҳандозӣ шудааст. Ин усул чунин чорчӯбаи таҳлилро истифода мебарад, ки дар он ниёзу мӯҳтоҷиҳои мардум ва муаммоҳои муҳити зист дар мувозинат тадқиқ карда шуда, барои расидан ба муҳити зисти тозатар ва таъмин намудани солимии ҷомеа равона шудааст. Он барои муайян намудани норасоӣ ва мушкилоте, ки аз тарафи ҷонибҳои манфиатдор дарк ва муқаррар карда шуда тавассути арзёбии маълумоти дуюмдараҷа дар рафти Таҳқиқоти китобии вазъи тозагӣ ба даст оварда шудаанд, имконият медиҳад.

Таҳлили муаммо бо истифода аз қадамҳои зерин анҷом дода шудааст:

1. Ҷамъоварӣ ва ҷобаҷогузории маълумоте, ки аз сарчашмаҳои зерин ба даст оварда шудааст:
    - Таҳқиқоти китобӣ (рӯимизӣ) бо истифода аз интернет.
    - Омӯзиши маълумоте, ки ҳукумат нашр кардааст.
    - Ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби САҲА ва мусоҳибон мубодила шудааст.
2. Муҳокимаҳо ба тариқи онлайн бо истифода аз усули мусоҳибаҳои нимсохторӣ бо коршиносони калидии байналмилалӣ ва миллии соҳа ва лоиҳаҳое, ки дар Тоҷикистон дар самти санитария амалӣ шуда истодаанд (Қайдҳои ин мусоҳибаҳо дар Замимаи 1).
3. Таҳлили маълумот бо истифода аз чорчӯбаи муҳити мусоид (*CLUES, 2011, Замимаи 2*) (*баррасии системаҳои санитарӣ дар амал барои устувории онҳо тавассути унсурҳои ба ҳам алоқаманди шароитҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, иқтисодӣ, таълимӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ*).

Ақидаву андешаҳои дар ин гузориш баёншуда аз они худи муаллиф мебошанд, ки ӯ дар асоси дарку фаҳмиш, тафсиру хулосабарорӣ ва бардоштҳояш аз муҳокимаҳо бо мутахассисони соҳа ва баррасии ҳуҷҷатҳо ба даст овардааст. Ба ҳеҷ ваҷҳ онҳоро чун нуқтаи назари САҲА ё мусоҳибон маънидод набояд кард. Маълумот тавассути мусоҳибаҳои зангҳои интернетӣ бо ҷонибҳои манфиатдори соҳа, ки аз ташкилоту оҷонсиҳои гуногун ва созмонҳои байналмилалии ғайридавлатӣ буданд ва оиди таҳқиқоти баргузоршаванда пешакӣ огоҳ карда шуда буданд, ҷамъоварӣ карда шуд.

## 1.3 Вазъи кишвар

Тоҷикистон (ниг. *Ангораи 2*) яке аз хурдтарин кишварҳои Осиёи Марказӣ аст, ки соли 1991 аз ИҶШС-и пошхӯрда истиқлолият ба даст гирифт. Пас аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум, мамлакат саъй карда истодааст, ки дар ҳама самту ҷабҳа, ки барои рушди ҳамаҷонибаи кишвар муҳиманд, пайваста такмил ёбад ва пеш равад.




**Ангораи 2. Харитаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Манбаъ: Арзёбиҳои соҳавии кишвар: Ҷилди 2, Барномаи GoAL WASH БРСММ, Тоҷикистон, 2010)**

**Вазъи ҷуғрофӣ ва шароити муҳити зист**

Тоҷикистон мамлакати кӯҳистон аст (дар қисмати асосии қаторкӯҳҳои Помир ҷойгир мебошад) ва аз чор тарафаш бо хушкӣ иҳота шудааст (ниг. *Ангораи 3*). Қисми зиёди кишвар дар баландии 3 000 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст[3]. Ду минтақаи ҳамвори пастзамин мавҷуд аст – яке дар ҷануби кишвар вилояти Хатлон / ҳавзаи дарёи Панҷ ва дигаре дар шимол дар водии Фарғона ва ҳавзаи дарёи Сир. Пиряххои кӯҳсор барои дарьёву кӯлҳо манбаи об мебошанд[4].

[3] Стратегияи рушди соҳаи об дар Тоҷикистон, 2006, саҳ.11.
[4] Ҷуғрофиёи Тоҷикистон, мавод аз Википедиа (донишномаи озод) санаи 5 июни соли 2020 дастрас шудааст.




**Ангораи 3. Харитаи релефи Тоҷикистон (Манбаъ: Донишномаи озод/Wikipedia)**

Иқлими Тоҷикистон (ниг. *Ангораи 4)* континенталӣ, субтропикӣ ва нимхушк буда, дар кишвар баъзе минтақаҳои биёбонӣ мавҷуд ҳаст[4]. Тағйирёбии иқлим ҳам дар давоми рӯз ва ҳам дар давоми мавсимӣ ба таври назаррас аён мегардад. Шароити иқлимӣ вобаста ба баландӣ ҷиддан фарқ мекунад. Релефи кӯҳӣ сабабгори гуногунии шароитҳои иқлимӣ ва ҳарорат мебошад[3]. Дар манотиқи пасттарини Тоҷикистон ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл аз +23° то +30°C ва дар моҳи январ аз –1°C то +3°C мебошад. Дар Помири Шарқӣ ҳарорати миёна ҳаво дар моҳи июл аз +5° то +10°C ва ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи январ аз –15° то –20°C-ро ташкил медиҳад. Боришоти миёнаи солона аз 300 мм то 1 500 мм буда метавонад. Дар минтақаҳои камбориш (сояи боронӣ), ки дар шимоли водии Фарғона, ҷанубу шарқ ва водиҳои шарқии кишвар ҷойгиранд, камтар аз 100 мм бориш ба назар мерасад[5]. Боришот аксаран дар фасли зимистону баҳор ба амал меояд[4]. Бухоршавии кулл вобаста аз қишри хоку замин метавонад аз 300 мм/солона то 1 200 мм/солона фарқ кунад ва дар заминҳои санглох то ба 1 500 мм/солона расад[5].

[5] Манбаъ: Омори об (Aquastats), http://www.fao.org/nr/water/aquastat/countries_regions/TJK/TJK-CP_eng.pdf, мавод санаи 30 июни 2020 дастрас гардидаст.

Харитаи таснифи Тоҷикистон аз рӯи Кёппен



Иқлими хунуки биёбонӣ (BWk)
Иқлими нимкушии хунук (BSk)
Иқлими мулоими миёназаминӣ (Csa)
Иқлими мулоими континенталӣ/ иқлими континенталии миёназаминӣ (Dsa)

**АНГОРАИ 4. ТАСНИФИ ИҚЛИМИ ТОҶИКИСТОН ДАР АСОСИ КЛАССИФИКАТСИЯИ KÖPPEN**
**(МАНБАЪ: ALI ZEFAN, WIKIPEDIA)**

Хоки Тоҷикистон аз гумус ҳақир, вале аз нуриҳои маъданӣ бой аст. Тақрибан аз се ду ҳиссаи сатҳи замини кишварро қуму шағал, сангрезаву гил, шахҳои урён ва барфу яхи доимӣ фаро мегирад[6]. Дар минтақаи ҳавзаи дарёи Аму сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд буда заминҳояш ба осонӣ зери об монда ва ботлоқӣ мешаванд[7]. Ҳамин гуна шароит дар манотиқи пастхамиҳои водиҳо низ мушохида карда мешавад.

Азбаски нақши (топографияи) рӯи замини кишвар кӯҳӣ аст, аксари қисмати он барои зисти одамон номувофиқ мебошад. Нақши кӯҳӣ доштани кишвар ҳамчунин боиси он аст, ки танҳо 6 фоизи заминҳояш корам мебошад[8].

Заминҳои биёбону нимбиёбони кишвар, ки барои киштукори обӣ мувофиқ буданд, ба мавзеҳои сарсабзу хуррам мубаддал гардонида шудаанд[6].

Бархе аз масъалаҳои асосии экологии имрӯза дар Тоҷикистон бо тағйирёбии иқлим ва шароитҳои номуносиби санитарӣ; аз он ҷумла баланд шудани сатҳи шӯршавии замин; ифлосшавии саноатӣ; истифодабарии аз ҳад зиёди пестисидҳо (дорухимикатҳо); норасоии об, аз ҳад зиёд истифода бурдани оби мавҷуда барои обёрӣ ва ифлосшавиҳои ба он вобаста алоқаманд мебошанд[9]. Мушкилоти экологии Тоҷикистон дар натиҷаи шароитҳои иқлимӣ ва табиии он (релефи кӯҳӣ ва доманаҳои сарнишеб), дигаргуншавии тарзи истифодаи замин ва сохтори иқтисоди миллӣ ба миён меоянд.

[6] «Дар бораи Тоҷикистон». Манбаъ: https://www.britannica.com/place/Tajikistan). Мавод санаи 30 июни 2020 гирифта шудааст.
[7] Манбаъ: Истифода ва идоракунии захираҳои оби зеризаминӣ дар ҳавзаи дарёи Аму (Осиёи Марказӣ), 2010.
[8] Манбаъ: Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC.
[9] Масъалаҳои экологӣ дар Тоҷикистон. Мавод аз Донишномаи озод (Википедиа) санаи 5 июни соли 2020 дастрас шудааст.

**Вазъи иҷтимоӣ**

Шумораи аҳолии Тоҷикистон ҳудуди 9,5 миллион нафарро[10] ташкил намуда, тақрибан 73 фоизи он дар деҳот зиндагӣ мекунад. Аксарияти одамон дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Сатҳи камбизоатӣ дар кишвар дар даҳсолаи охир ба таври назаррас коҳиш ёфтааст (сатҳи камбизоатӣ соли 2018 – 27,4%)[11]. Сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз ҳолати шуғли аҳолӣ ва даромади он аз интиқолҳои пулӣ вобастагии зиёд дорад. Аз рӯи ҳисобҳои Бонки умумиҷаҳонӣ Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон бар ҳар сари аҳолии кишвар ба 870 доллари ИМА рост меояд (2019)[12]. Дар Стратегияи рушди бахши об дар Тоҷикистон чунин омадааст, ки «Некӯаҳволии мардуми камбизоат аз захираҳои табиӣ хеле вобаста буда, аксари онҳо аз таназзули муҳити зист, олудашавии табиат ва манобеъи об, ҳамчунин аз офатҳои табиӣ, аз ҷумла обхезӣ ва хушкӣ азият мекашанд».

Дар афкори ҷомеа чунин қабул шудааст, ки мардуми манотиқи шимоли кишвар нисбатан кушодафикртар ва мардуми минтақаҳои ҷануб ва ҷанубу шарқ бештар консервативӣ ҳастанд[13].

**Вазъи иқтисодӣ**

Иқтисодиёти Тоҷикистон бар пояи тавлиди нерӯи обӣ, истеҳсоли пахта ва алюмин асос ёфта, ҳамзамон аз интиқолҳои пулии шаҳрвандоне, ки берун аз кишвар кор мекунанд, вобастагии калон дорад (эҷоди ҷойҳои корӣ дар кишвар маҳдуд боқӣ мондааст). Аз ин рӯ, иқтисодиёт ба омилҳои беруна гирифтор аст, ки онро осебпазир мегардонад. Дар айни замон бахши хусусӣ дар иқтисодиёти кишвар нақши хеле маҳдуд дорад[14]. Иқтисод чандон устувор нест ва барои ҳамин ҳам ҳукумат муайян мекунад, ки афзалиятҳо ба кадом бахш дода шуда он дастгирӣ мешавад. Кишоварзӣ шуғли маъмултарини аҳолии деҳот буда, 60% таъмини ҷойи кори аҳолиро дар кишвар ташкил медиҳад ва тақрибан 30% ММД-ро ташкил медиҳад.

**Вазъи маъмурӣ**

Мутобиқи Сарқонун Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Аз ҷиҳати ҳудудӣ-маъмурӣ Тоҷикистон ба вилоятҳои Суғду Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Ноҳияҳои тобеи марказ (ҷумҳурӣ) ва инчунин шаҳри Душанбе тақсим шудааст. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тахти идоракунии бевоситаи ҳукумати марказӣ қарор доранд. Дар Тоҷикистон мувофиқи Сарқонуни ҷумҳурӣ идоракунии давлатӣ тавассути низоми ҳокимияти президентӣ амалӣ мешавад. Президенти Тоҷикистон ҳамзамон вазифаи Раиси ҳукуматро иҷро карда, Сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин мекунад, ки номи онҳо пасон аз ҷониби парлумон тасдиқ карда мешавад.

Воҳидҳои маъмурии болозикр мақомотҳои намояндагӣ (маҷлисҳои вакилон) доранд, ки ба муҳлати 5 сол интихоб мешаванд. Ҳар як вилоят ба якчанд ноҳияҳо тақсим шуда дар умум дар сартосари ҷумҳури 58 ноҳия мавҷуд аст[6]. Идоракунии ҷанбаҳои гуногуни рушд аз ҷониби вазорату идораҳо ва муассисаҳои гуногун, ки аз ҷониби ҳукумат таъсис дода шудаанд, амалӣ карда мешавад.

> Ҷанбаҳои ҷуғрофӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ ҳама ба бахши обу ташноб таъсири худро доранд. Ҳангоме ки қарорҳо дар бораи интихоби ин ё он тадбирҳои санитарӣ қабул карда мешаванд, ҳамаи ин ҷанбаҳо ба назар гирифта мешаванд.

---

[10] «Дар бораи Тоҷикистон». Мавод аз Википедиа 5 июни соли 2020 дастрас шудааст.
[11] Бонки Ҷаҳонӣ, (www.worldbank.org/Tajikistan). Мавод санаи 5 июни соли 2020 дастрас шудааст.
[12] ММД ба ҳар сари аҳолӣ (аз рӯи мизони ҷории доллари ИМА) – Тоҷикистон, Бонки Ҷаҳонӣ, 2019, https://data.worldbank.org/indicator/NY.GDP.PCAP.CD?locations=TJ.
[13] Мусоҳибаҳо 02/I-D/13;02/I-D/14; 03/I-N-I/15.
[14] Манбаъ: https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/overview accessed on June 30, 2020.

# 2 ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ САНИТАРӢ




**АНГОРАИ 5. ҲОҶАТХОНАИ ЧУҚУРИДОРИ НОМУКАММАЛ (МАНБАЪ: БОНКИ ҶАҲОНӢ)**

Дар Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи охир дар бахши ОТБ пешравиҳои мусбӣ ба мушоҳида мерасанд, вале мушкилоти ҷиддӣ то ҳол боқӣ мондаанд (ниг. *Ангораи 5*[15], *Ангораи 6*[15], *Ангораи 7*). Тавре ки дар *Ангораи 8* дида мешавад, сатҳи хидматрасонии санитарии шаҳру деҳот дар бист соли охир беҳтар шуда бошад ҳам,[16] вале аслу моҳияти он то ба ҳол оддитарин боқӣ мемонад. Аз нуқтаи назари минтақавӣ вазъи тозагӣ дар вилояти Хатлон аз ҳама беҳтар аст, дар ҳоле ки вазъияти дар вилоятҳои Суғду Бадахшон ҳақиртарин аст (ниг. *Ангораи 9*). Баррасии гузоришҳои гуногун ва таҳлили андешаҳои мутахассисони соҳа, ки бо онҳо мусоҳибаҳо баргузор карда шуданд, аз он далолат мекунанд, ки мавҷудияти ин мушкилотро метавон ба омилҳои зерин рабт дод: суст будани амалишавии раванди ислоҳот, ба қадри нокифоя ҷудо карда шудани захираҳо аз ҷониби ҳукумат (тамаркузи кӯшишҳо ба таъминоти об), вобастагӣ аз маблағҳои байналмилалӣ ва бад шудани инфрасохтори мавҷудаи санитарӣ[17]. Ин омилҳо боиси он мегарданд, ки ба дастовардҳои бахши таъмини об таъсири манфӣ расонида шуда, ҳамзамон хавфу хатарро ба саломатии ҷомеа ва муҳити зист афзоиш медиҳанд. Таъсири иқтисодии хизматрасониҳои пасти обу тозагӣ дар Тоҷикистон дар як сол баробар ба 275 миллион доллар (қариб 4%-и ММД) арзёбӣ мешавад, ки ин таносуби баландтарин дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ аст (Бонки Ҷаҳонӣ, 2015)[18]. Системаҳои санитарии мавҷуда махсусан дар деҳот хеле оддӣ буда, дар таи чанд даҳсолаи охир ба таври назаррас беҳтар нашудаанд, вале бояд иқрор шуд, ки дефекация (қазои ҳоҷат)-и кушод кам шудааст. Чӣ тавре ки дар *Ҷадвали 1* дида мешавад, шумораи аҳолии деҳот, ки ба шабакаҳои ташноб (канализатсия) ё септикҳо пайвастанд, мутаносибан 0,2 ва 0,07 фоизро ташкил медиҳад. Арзёбиҳои вобаста ба Тоҷикистон ахиран пешниҳоднамудаи Бонки

---

[15] Манбаъ: Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳ.5.

[16] Шумораи фоизи аҳолӣ, ки ҳадди ақал аз хизматрасониҳои (шароитҳои) оддии санитарӣ истифода мебаранд, ин яъне иншоотҳои санитарии беҳтаршуда, ки хонаводаҳои дигар аз он истифода намекунанд. Ин нишондиҳанда ҳам одамонеро, ки аз хизматрасониҳои (шароитҳои) санитарии оддитарин истифода мебаранд дар бар мегирад ва ҳам онҳоеро, ки аз хизматрасониҳои (шароитҳои) санитарии бехатар идорашаванда истифода мебаранд. Иншоотҳои беҳтаршудаи санитарӣ ҳоҷатхонаҳои обрездор / обравоншавандаро дар бар мегиранд, ки ба системаҳои канализатсия ва қубурҳо, зарфҳои септикӣ ё ҳоҷатхонаҳои чуқуридор пайваст гардидаанд; ҳоҷатхонаҳои муқаррарии чуқуридор, ки бо плитаҳо рӯйпӯш шудааст (аз ҷумла ҳоҷатхонаҳои ҳавокашдор) ва ҳоҷатхонаҳои компосткунанда. Аз ҷониби СУТ муқаррар шудааст; мавод 15 апрели соли 2021 дастрас шудааст, манбаъ: https://www.who.int/data/gho/indicator-metadata-registry/imr-details/4821. Барои гирифтани маълумоти бештар рӯй оред ба: https://washdata.org/monitoring/methods/estimation-methods. Навъи бартаридоштаи омор: тасҳеҳшуда ва пешбинишуда

[17] Бардошту хулосабарориҳои муаллиф дар асоси мусоҳибаҳо ва баррасии ҳуҷҷатҳо.

[18] Тоҷикистон: Навсозии иқтисодии кишвар – Тирамоҳи соли 2019, www.worldbank.org, мавод санаи 3 июни соли 2020 дастрас шудааст.

Ҷаҳонӣ (2017)[19] нишон медиҳанд, ки беҳбудии дастрасии об ба ҳисоби 74% ва дастрасӣ дар сатҳи миллӣ ба воситаҳои тозагӣ ва беҳдошт ба ҳисоби 95% ноил гардида шудааст. Ин рақамҳо вазъият, ҳолат ё самаранокии хизматрасонҳо / системаҳоро дар деҳот инъикос намекунанд. Дар деҳот фарогирии умумии санитарӣ аз рӯи фоизи хонаводаҳое, ки ҳоҷатхона доранд, хеле баланд аст (зиёда аз 90%), аммо сифати ин системаҳо дар аксари мавридҳо (ниг. *Ангораи 7*), ба иҷрои вазифаҳои санитарӣ ва таъмини тозагии муҳити зист ва беҳтар намудани саломатии аҳолӣ мувофиқат намекунанд. Сатҳи хизматрасонӣ (шароитҳои санитарӣ) асосан хеле паст[16] (97,8%-и аҳолии деҳот) мебошад (ниг. *Ҷадвали 2*).




**Ангораи 6. Ҳоҷатхонаи номукаммали чоҳӣ (Манбаъ: Бонки ҷаҳонӣ)**




**Ангораи 7. Ҳоҷатхонаи чоҳаш бо тахтаҳои чӯбӣ рӯйпӯшшуда**

[19] Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC.




**Ангораи 8. Фарогирии санитарӣ – Сатҳи хидматрасонӣ (Манбаъ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019))**




**Ангораи 9. Фарогирии санитарии минтақавӣ (Манбаъ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019))**

**Ҷадвали 1. Намудҳои иншооти санитарӣ дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон (Манбаъ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019))**

| Навъи иқомат | Навъи хизматрасонӣ | Сол | Фарогирӣ (%) | Шумораи аҳолӣ | Навъи иншоот |
|---|---|---|---|---|---|
| Деҳотӣ | Тозагӣ | 2017 | 99,06 | 6 452 923 | Ҳоҷатхонаи такмилшуда ва ғ. |
| Шаҳрӣ | Тозагӣ | 2017 | 45,7 | 1 100 716 | Ҳоҷатхонаи такмилшуда ва ғ. |
| Деҳотӣ | Тозагӣ | 2017 | 0,07 | 4 723 | Чоҳи септикӣ |
| Шаҳрӣ | Тозагӣ | 2017 | 0,2 | 5 224 | Чоҳи септикӣ |
| Деҳотӣ | Тозагӣ | 2017 | 0,2 | 13 593 | Ташноб |
| Шаҳрӣ | Тозагӣ | 2017 | 53,7 | 1 293 540 | Ташноб |

**ҶАДВАЛИ 2. ДАРАҶАИ ХИЗМАТРАСОНИИ САНИТАРӢ ДАР ДЕҲОТИ ТОҶИКИСТОН**
**(МАНБАЪ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019))**

| Навъи иқомат | Навъи хизматрасонӣ | Сол | Фарогирӣ (%) | Шумораи аҳолӣ | Навъи иншоот |
|---|---|---|---|---|---|
| Деҳотӣ | Тозагӣ | 2017 | 97,8 | 6 370 323 | Ба ҳадди ақал оддӣ |
| Деҳотӣ | Тозагӣ | 2017 | 1,5 | 100 916 | Хизматрасонии маҳдуд |
| Деҳотӣ | Тозагӣ | 2017 | 0,1 | 5 881 | Қазои кушодаи ҳоҷат |
| Деҳотӣ | Тозагӣ | 2017 | 0,6 | 37 064 | Ҳоҷатхонаҳои номукаммал |

Вазъи ҳолати санитарии муассисаҳои давлатӣ – мактабумуассисаҳои тандурустӣ низ дар ҳамин аҳвол аст (ниг. *Ангораи 10*). Тибқи гузориши СУТ/ЮНИСЕФ JMP, 2019, маълумот дар бораи муассисаҳои тандурустӣ нокифоя аст[20].




**АНГОРАИ 10. САТҲИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР МАКТАБҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**(МАНБАЪ: СУТ/ЮНИСЕФ JMP (2019))**

Чӣ тавре ки маълум гардидааст, ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ ва ҳоҷатхонаҳо дар муассисаҳои тандурустӣ ва мактабҳо дар умум дар ҳолати паст нигоҳдорӣ мешаванд. Сабаби асосии он норасоии захираҳои моддӣ мебошад – аз он ҷумла нарасидани ҳадамотрасон (оператор)-ҳои хизматрасонӣ ва маблағҳо. Миқдори ҳоҷатхонаҳо дар мактаб кофӣ нест (масалан, тақрибан барои ҳар 90 нафар кӯдак танҳо як ҳоҷатхона мавҷуд мебошад) ва дар баъзе ҳолатҳо ҷудокунии ҳоҷатхонаҳо аз назари ҷинсӣ/гендерӣ ба тарзи нокифоя ба роҳ монда шудааст. Огоҳӣ ва идоракунии беҳдошти ҳайз дар мактабҳо суст ё нокифоя роҳандозӣ мешавад. Азбаски шумораи истифодабарандагон бар ҳар яки ҳоҷатхона зиёд аст, чоҳҳо ё чуқуриҳои септикӣ хеле зуд пур мешаванд ва агар онҳо сари вақт холӣ карда нашаванд, онҳо ё лабрез шуда берун ҷорӣ мешаванд (ки боиси беҳдошти бади муҳити зист мегардад) ё ба дохили ҳоҷатхонаҳо баромада онҳоро корношоям мегардонанд. Дар муассисаҳои тандурустӣ низ вобаста ба ҳоҷатхонаҳо ҳамин гуна муаммоҳо арзи вуҷуд доранд – миқдори ҳоҷатхона кам аст, нигоҳдории онҳо дар ҳолати бад аст ё умуман нест, ки ин ҳолат боиси истифода нашудани ҳоҷатхонаҳо мегардад.

[20] Иншоотҳое, ки имконияти онҳоро ҳамчун такмилёфта ё номукаммал тасниф кардан мавҷуд нест, ҳамчун маълумоти нокифоя қабул карда мешаванд – WHO/UNICEF JMP (2019) – WHO/UNICEF JMP (2019).

Дар гузаштаи наздик созмонҳои байналмилалӣ барои беҳбудӣ бахшидан ба вазъи тозагии мактабҳо ва муассисаҳои тандурустии давлатӣ тавассути татбиқи лоиҳаҳои сохторӣ кӯшишҳо ба харҷ медоданд. Стандартҳои санитарии мактабҳо ва муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ низ тартиб дода шуда истодаанд. Масалан аз ҷониби ташкилоти Оксфам (Oxfam) барои як беморхона системаи ғайримарказонидашудаи тозакунии обҳои партов сохта шуда истоддаст[21].

Тоҷикистон, ки яке аз кишварҳои фақиртарини Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад, дар гузашта ба масъалаҳои сармоягузорӣ намудани бахши обтаъминкунӣ ва тозагӣ аҳамияти аввалиндараҷа надодааст.

Арзёбии фаврӣ тавассути таҳлили маълумоти дуюмдараҷа ва баргузории мусоҳибаҳо гузаронида шуд, то ин ки оиди вазъи тозагии кишвар фаҳмише ба даст оварда шавад ва чораҳои зарурӣ муқаррар карда шаванд, ки тавассути беҳтар намудани дастрасии иншоотҳо ва хизматрасониҳои санитарӣ ба рушди ҷамоатҳои деҳот мусоидат мекунанд. Дар доираи чорчӯбаи муҳити мусоид [22],санитарияи устувор (таъмини об, тозакунии партовҳо ва истифодаи дубораву такрории онҳо, идоракунии партовҳои маишии дурушт ва таъмини тозагӣ – обҳои ташноб ва обҳои хокистарӣ[23]), имконият медиҳад, ки муҳити тоза ва саломатии хуби ҷамъият таъмин карда шавад ва боиси рушд дар муҳити мусоид гардад, ки ин дастовардҳо тавассути иқтидор ва дониш, чораҳои муносиби ҳуқуқӣ, амалияи мусбати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, роҳнамоии институтсионалӣ ва дастгирии молиявӣ имконпазир мегарданд. Бо истифода аз ин чорчӯбаи таҳлилӣ вазъияти кунунии деҳоти Тоҷикистон (хусусан деҳаҳое, ки дар ҳавзаи болои дарёи Зарафшон ҷойгиранд) аз нуқтаи назари устувории санитарӣ баҳо дода шудааст. Вазъи ҳозираи тозагӣ (таъминоти об, ҳолати ҳоҷатхонаҳо, масъалаҳои нобудкунии обҳои партов, обҳои боришот ва партовҳои дурушт), инчунин шароитҳои мавҷудаи чорчӯбаи таъсиркунанда дар асоси ҳуҷҷатҳои баррасишуда ва фаҳмиши нуқтаи назари мусоҳибон аз саросари кишвар дар *Ангораи 11.* нишон дода шудааст.




---

[21] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 20/I-E/2; 20/I-D/3; 02/I-D/14; 03/I-N-I/15; 27/I-F/11; 27/I-D/12.
[22] CLUES, 2011.
[23] Оби истифодашуда аз ошхона, ҷомашӯӣ, душ ва шустани косаву табақ (ба ибораи дигар «Мағзоба» ё «Хокистароб»).




**Ангораи 11. Ҳолати кунунии санитарӣ ва шароитҳои чорчӯбавии таъсир дар мавзеи деҳот[24]**

Нуктаҳои асосии таҳлил чунинанд: гарчанде ки хонаводаҳо ва муассисаҳои давлатӣ дар деҳот ба ҳоҷатхонаҳо дастрасӣ дошта бошанд ҳам, тарҳу намои оддии ин ҳоҷатхонаҳо, иншооти бади нигоҳдории наҷосат, инфрасохтори кӯҳнашуда ва корношоями идоракунии обҳои партов, мавҷуд набудани идоракунии партовобҳо (хокистароб) ё ихроҷи бехатари лойҳои наҷосат аз иншооти нигоҳдорӣ, дар баробари дар амал риоя нашудани қоидаҳои беҳдошт ба шароитҳои пасти зиндагӣ, нопокии муҳити зист, сатҳи баланди гирифторшавӣ ба бемориҳои тавассути об сирояткунанда боис гардида, ба афзоиши таҳдиди хатар ба вазъи саломатии одамон дар мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ, ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ, дар сатҳи хонаводаҳо ва муҳити зист оварда мерасонад. Агар сохторҳои нигоҳдории наҷосат дар ҳоҷатхонаҳо зичу обногузар набошанд, метавонанд хокҳои гирду атрофро олуда ва бесубот намоянд. Обҳои партов аз ҳоҷатхонаҳо/иншоотҳои нигоҳдорӣ, инчунин оби хокистарии тамоми ҷузъҳои хоҷагӣ ба системаҳои ҷӯйборҳои кушода, ки онҳо рафта ба канал ё дренажҳои оби боришот пайваст мешаванд, ҷорӣ шуда дар ниҳояти кор ба рӯду дарёҳо рафта мерезанд. indiscriminate Набудани ягон иншооти коркарду безараргардонӣ дар минтақаҳо инчунин боиси бетартибона нобудсозии лойҳои наҷосат мегардад, ки ин ҳолат ҳангоми аз иншоотҳои мавҷудаи нигоҳдорӣ хориҷ карда шудан ба муҳити зист сурат мегирад. Маълумот дар бораи сифати оби дарёҳо ва обҳои зеризаминӣ дастрас нест, аммо яқин тахмин кардан мумкин аст, ки ин обҳо (инчунин манбаи обҳои ошомиданӣ) бо ташноб / канализатсия (сиёҳобу хокистароб) олуда шудаанд.

Дар дохили обҳои партов моддаҳои ғизоӣ ва органикӣ мавҷуд ҳастанд, ки онҳоро пас аз коркарди махсус истифода бурдан мумкин аст. Аз сабаби он ки ҷомеаҳо (дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ) ба истифодаи дубораи ахлоти коркардшудаи инсон майл надоранд, ин захираҳо аз даст рафта истодаанд. Одамон дар деҳот дар мавриди истифодаи ҳоҷатхонаҳои хушки анъанавӣ таҷриба доранд. Бинобар он, дар умум дида мешавад, ки барои гузаштан ба истифодабарии системаҳои наву алтернативии қазои ҳоҷат ва тозагӣ байни мардум дудилагӣ вуҷуд дорад. Таъминоти нокифояи обро метавон ҳамчун сабаби дудилагӣ барои гузаштан ба дигар намудҳои истифодабарии ҳоҷатхона ва системаҳои нигоҳдорӣ маънидод намуд.

Ҳаҷми таъминоти об (тақрибан 30 литр ба як нафар дар як рӯз[25]) барои таъмин намудани тамоми талаботу эҳтиёҷоти инсон вобаста ба амалкардаҳои мукаммали тозагӣ ва беҳдошт нокифоя мебошад. Дар баъзе деҳаҳо таъмини об тавассути қубурҳо ба роҳ монда шуда бошад ҳам, вале он одатан ба таври пайвастшавӣ танҳо ба як нуқтаи умумӣ – зарфи ягонаи

[24] Дар асоси дарку фаҳмиши муаллиф аз ақидаҳои дар мусоҳибаҳо иброзшуда ва ҳуҷҷатҳои омӯхташуда.

[25] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 03/I-N-I/15; 27/I-F/11.

нигоҳдории об ё постгоҳ (чумаки об)-и ягона роҳандозӣ карда шудааст[26 27]. Аз рӯи баҳодиҳиҳо, партовҳои дурушти маишӣ, ки дар хонаводаҳо ва муассисаҳои ҷамъиятии деҳот ҳосил мешаванд, гарчанде ки аз нигоҳи ҳаҷму миқдор нисбатан камтар бошанд ҳам, одатан бе саракунӣ ҷамъ карда шуда ва ба таври бетартибонаву бепарвоёна партофта ё нобуд карда мешаванд. Ин раванд ба бахши идоракунии партовоб ва дар навбати худ ба одамон ва муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад.

Бо тағйирёбии иқлим мумкин аст ҳароратҳо баландтар, давраҳои хушкии бардавомтар, камобӣ дар дарёҳо ва наҳрҳо зиёдтар ва боришоти шадид бештар шавад, ки ба обхезӣ ва ярчҳо оварда мерасонад. Инфрасохтори заиф ва майл надоштан ба тағйир додани тафаккур ва рафтор ҷамоатҳоро осебпазиртар ва ба тағйирёбии иқлим нопойдор мегардонад.

> «Ҳукумати Тоҷикистон таи солҳои охир барои беҳбуди шароити ОТБ дар саросари кишвар тадбирҳои мушаххас андешидааст. Он зиёда аз 15 барнома, стратегия ва нақшаи амалҳоро қабул намуда, як қатор қонунгузориҳоро барои рафъи шароити бади таъмини ОТБ дар саросари кишвар қабул кардааст. Ин талошҳо бо сармоягузории давлатӣ ва маблағгузории донорҳо, ки ба барқарорсозии системаи шабакаҳои оби шаҳрӣ, сохтану насб кардани ҳоҷатхонаҳо, чоҳҳо, насосҳо ва системаҳои хурди обтаъминкунӣ дар деҳот ва шаҳракҳои хурд нигаронида шудаанд, ҳамроҳӣ карда шуданд. Дар сатҳи сиёсати ҷаҳонӣ Тоҷикистон узви Панели сатҳи баланд оид ба об мебошад, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва Созмони Милали Муттаҳид таъсис дода шудааст ва ӯҳдадории худро ба Ҳадафи Рушди Устувор «Таъмини дастрасӣ ва идоракунии устувори ва санитария барои ҳама» (ҲРУ-6) эълон кардааст». Тоҷикистон инчунин барои беҳтар кардани дастрасӣ ба ОТБ ва рафъи таъсироти гуногуни ногувор ба некӯаҳволии мардум, аз ҷумла ба саломатӣ ва оқибати вазъи ғизоии кӯдакон тавассути Стратегияи миллии рушди худ кӯшишҳои назаррас ба харҷ додааст».
>
> Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC.

**ВАРАҚАИ 1. ТАДБИРҲОИ ҲУКУМАТ ВОБАСТА БА ОТБ**

Солҳои охир аз ҷониби Ҳукумат барои беҳбуди бахшидан ба вазъи ОТБ кӯшишҳо ба харҷ дода шуданд (ниг. *Варақаи 1*). Бо вуҷуди ин, муассисаҳои сершуморе, ки вазифаҳояшон бо ҳам омехта ва иқтидорашон нокифоя аст, боиси идоракунии сусти масъалаҳои санитарӣ ва дар сатҳи паст ва бесамар расонида шудани хизматрасониҳо мегарданд. Масалан, **Вазорати энергетика ва захираҳои об** барои банақшагирӣ ва танзими соҳа масъул аст, аммо амалиётҳо бояд аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ идора карда шаванд. **Вазорати тандурустӣ, Раёсати хадамоти санитарию эпидемиологӣ** барои назорат кардани риояи талабот ҳангоми интихоб ва сохтмон, инчунин истифодаи системаҳои санитарӣ масъул мебошанд. Мониторинг низ аз ҷониби онҳо амалӣ карда мешавад. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» («ХМК») субъекти асосии хизматрасонӣ, истифода ва нигоҳдории шабакаҳои обтаъминкунӣ ва ташноб (канализатсия) мебошад. Дар сатҳи марказӣ он вазифаи идоракуниро дорад, аммо дар сатҳи ноҳия, шаҳр ва деҳот, вазифаи он асосан фароҳам овардани хидматрасонист. Дар деҳот ХМК тавассути идораҳои обу ташноб ё водоканалҳо (ташкилоти давлатии сатҳи зерноҳиявӣ) фаъолият мекунанд, зеро дар сатҳи аз ноҳияҳо пасттар ХМК ҳузур надорад. Кумитаҳои маҳалла ва ҷамоатҳо низ дар самти тозагӣ ва беҳдошт ба мисли идораҳои обу ташноб вазифа доранд. Ба ҳамаин ин нигоҳ накарда, водоканалҳо на ҳама вақт дар сатҳи деҳа вуҷуд доранд. Дар сурати ба миён омадани муаммову мушкилот дар робита бо инфрасохтори санитарӣ ё хидматрасонӣ, мардуми деҳот намедонанд, ки ин мушкилотро ба ҷуз бо раисони кумитаи маҳал / деҳа дигар бо кӣ ҳал кунанд.

Дар саросари кишвар созмонҳои зиёди сатҳи деҳа / ҷомеавӣ мавҷуданд, ки ин гуна хидматҳоро идора мекунанд, вале асосан ин бо масоили таъмини об вобастагӣ дорад.

Сиёсат ва қонунҳои ҷорӣ оид ба масоили санитария ба он равона шудаанд, ки ба вазъи тозагӣ беҳбудӣ бахшида шавад[28], вале дастуру зерқонунҳо баъзан ҳолатҳо ва шароитҳои замони

---

[26] Хулосабарориҳо дар асоси дарки фикру мулоҳизаҳои дар мусоҳиба баёншуда.
[27] Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015. Манбаъ: SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, ОКСФАМ БК, TajWSS, GoAL WaSH, саҳ.25.
[28] Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015; SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, ОКСФАМ БК, TajWSS, GoAL WaSH.

ҳозира[29], ё ба деҳот мувофиқ нестанд (масалан, миқдори обтаъминкунӣ, обанборҳои ифлосшудаи рӯизаминӣ, ки манбаи об мебошанд, истифодаи об ё манбаҳои ифлосшавӣ). Дар асоси баррасии (ҳуҷҷатҳо ва фаҳмиши андешаҳои мусоҳибон) маълум мешавад, ки иқтидори нокифояи мақомоти масъули амалиёт ва мониторинг (аз рӯи шумора ва захираҳои дар ихтиёри онҳо мавҷудбуда) боиси суст будани иҷрои қонунҳо мегардад. Инфрасохтори санитарии ба таври бад тарҳрезишуда ва дар сатҳи паст фаъолияткунанда ҷаримабандӣ намегардад, зеро татбиқи система ва воситаҳои алтернативии санитария аз сабаби набудани захираҳо маҳдуд ё имконнопазир аст[30]. Ин ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Сармоягузорӣ ба соҳаи тозагӣ аз ҷониби ҳукумат хеле кам ё қариб тамоман карда нашудааст [31] [32]. Оҷонсиҳои байналмилалӣ барои пешбурди тозагӣ тавассути лоиҳаҳои алоҳида кор карда истода буданд. Ин сармоягузориҳо лоиҳавӣ буда, танҳо барои як давраи муайян тарҳрезӣ шудаанд ва аз ин рӯ аз ҷониби ҳукумат ё худи мардум такроран иҷро карда шудани онҳо ва маблағгузорӣ карда шуданашон ба гумон аст[30].

Ин таҳлил нишон медиҳад, ки дар бораи манфиатҳои санитария, такмил додани тарҳу намои ҳоҷатхонаҳо, иншоотҳои нигоҳдорандаи наҷосат огоҳиву таваҷҷӯҳи мардум нокифояву норасо аст, ки ин омил дар умум боиси бад будани рафтори беҳдоштии одамон дар деҳот мебошад. In addition, sustainable and effective management of wastewater is lacking without appropriate service provision and required facilitation and support from legal, institutional and financial perspectives[33]. Илова бар ин, идоракунии устувор ва самараноки обҳои партов бидуни пешниҳоди хидматрасонии мувофиқ ва мусоидату дастгирии зарурӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва молиявӣ вуҷуд надорад. Ҳамаи ин барои беҳтар намудани вазъи санитарӣ ва аз ин рӯ, рушди ҷомеа, бешак монеаи асосӣ пеш меоранд. Мувофиқи маълумоти БРСММ, рушди умумии инсонӣ нисбат ба дигар омилҳои рушд, аз ҷумла хароҷот барои тандурустӣ ё маориф ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои энергетикӣ ба дастрасӣ ба об ва санитария зичтару бештар алоқаманд аст (БРСММ 2010).

[29] Саҳифаи 46-52, Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015; SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, ОКСФАМ БК, TajWSS, GoAL WaSH.
[30] Дар асоси дарку таҳлил ва фаҳмиши фикру мулоҳизаҳои дар мусоҳиба баёншуда.
[31] Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаи 11.
[32] Саҳифаи 6, Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015; SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, Оксфам БК, TajWSS, GoAL WaSH.
[33] Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015; SDC, БРСММ, SIWI, Water Фонди идоракунии об, Оксфам БК, TajWSS, GoAL WaSH.




**АНГОРАИ 12. МУШКИЛОТ ВОБАСТА БА МУДОХИЛАҲОИ САНИТАРӢ ДАР ДЕҲОТ ВА ТАЪСИРОТИ ОНҲО**[34]

[34] Дар асоси дарку фаҳмиши муаллиф аз фикру андешаҳои дар мусоҳибаҳо иброзшуда ва маълумоти аз ҳуҷҷатҳои омӯхта ба даст овардашуда.

# 3 Мушкилот

Ҳукумат дарк мекунад, ки шароити номуносиби санитарӣ барои беҳтар кардани саломатии ҷомеа ва вазъи муҳити зист монеаи асосӣ мебошад. Таҳлили муаммо, ҳамкорӣ бо коршиносони соҳа, мутахассисони ботаҷриба ва баррасии гузоришу ҳуҷҷатҳое, ки дар рафти Тадқиқоти китобӣ корӣ анҷом дода шуд, аён намуд, ки мушкилоти асосии зерин мавҷуданд, ки ба беҳбуди вазъи санитарӣ дар деҳоти Тоҷикистон монеъ мешаванд. Норасоии маърифатнокӣ дар бораи манфиатҳои санитария дар байни мардуми ҷамоатҳои деҳот ва набудани имконоти алтернативии идоракунии обҳои партов, маҳдудиятҳои захираҳои моддии ҳукумат (зарфият ва молия) ва сохторҳои номуносиби институтсионалӣ ва татбиқкунандаи ҳукуматӣ аз ҷониби муаллиф ҳамчун камбудиҳои асосӣ қабул карда мешаванд[39]. Маъмулан чунин қабул карда мешавад ва интизорӣ меравад, ки ташкилотҳои давлатӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои экологӣ масъуланд, сарфи назар аз таҷрибае, ки нишон медиҳад, ҳукумат натавонистааст ба таври возеҳ равшанӣ андозад, ки дар деҳот дар ин самт кӣ хидмат мерасонад[29]. Вобаста ба ин вазъият мушкилоти мушаххасе муайян карда шудаанд, ки барои рушди санитарии муҳити зист дар деҳоти Тоҷикистон монеаҳо эҷод мекунанд. Ин масъалаҳо дар *Ангораи 12* аён карда шуда ва баъдан шарҳ дода шудаанд.

## 3.1 Мушкилоти техникӣ ва инфрасохторӣ

**Бозёфтҳои асосӣ**[42]

- Аз солҳои 90-ум инҷониб ягон шабакаи нави канализатсия сохта нашудааст. Системаҳои мавҷуда ба таври муносиб нигоҳ дошта намешаванд ва ё умуман нигоҳдорӣ намешаванд. Аз ин рӯ, партовҳои маишӣ аз биноҳои давлатӣ ва хусусӣ, аз ҷумла партовҳои одамон, бештар ба дарёҳо ва заминҳои корам рехта мешавад, ки барои саломатии аҳолӣ ва ҷомеа оқибатҳои вазнин дорад[35]. Аз сабаби мавҷуд набудани маълумотҳои дақиқи оморӣ, маълумот оид ба канализатсия дар деҳот дар муқоиса бо маълумот вобаста ба таъминоти об дар деҳот ба тафсил оварда нашудааст[36].
- Аксари хонаводаҳо дар деҳоти Тоҷикистон (ҳиссаи аҳолие, ки ба воситаҳои тозагӣ дастрасӣ надошт дар соли 2016 дар атрофи 1,9 дарсад буд[37]) дар ҳудуди ҳавлии худ **ҳоҷатхонаҳои** худро доранд, дар шакли «**сӯрохӣ дар замин**», ҷоҳе, ки **деворaҳои он рӯйбандӣ нашудааст** ва он ҳамчун сохтори нигоҳдорандаи моддаҳои наҷосат истифода мешавад[38]). Ин ҳоҷатхонаҳо ба меъёрҳои оддии беҳдошт ҷавобгӯ нестанд, зеро онҳо дар сатҳи паст сохта шуда ва одатан бо системаи таъминоти оби равон муҷаҳҳаз нашудаанд. Умуман гирем, ҳоҷатхонаҳо дар ҳолати ғайрибеҳдоштӣ қарор дошта, ҳаво дар дохили онҳо тоза нест (системаи ҳавокаш надоранд), покиза кардани онҳо душвор буда ва дар умум барои истифода нороҳатанд. Ин иншооти санитарии хонаводагӣ одатан **сарпӯшҳои муҳофизатӣ** надоранд.
- Ҳангоми сохтани ҳоҷатхонаҳо ва иншооти нигоҳдорӣ, хусусиятҳои хоси замин ба тарҳу намо ва фаъолияти онҳо таъсир мерасонад – дар минтақаҳое, ки сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд аст, одамон бо мушкилоти хеле зуд пур шудани чоҳҳои ҳоҷатхона рӯ ба рӯ мешаванд, ки зуд-зуд ва мунтазам кашида холӣ кардани чоҳҳоро талаб мекунанд ва дар минтақаҳои кӯҳӣ бошад мушкилиҳои замини санглох пеш меояд, ки дар он ҷо чуқуртар кофтани замин аз як то ду метр зарурият дорад, вале об аз ин умқ бештар ба қишри замин ҷаббида шуда наметавонад, вале ба таври уфуқӣ озодона ҳаракат мекунад[39].

[35] Саҳифаи 25, 27-29, 48, Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015; SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, Оксфам БК, TajWSS, GoAL WaSH.
[36] Саҳифаи 47, Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015; SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, Оксфам БК, TajWSS, GoAL WaSH.
[37] Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаи 65.
[38] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 25/I-N-I/9.
[39] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 03/I-N-I/15.

- Қайд кардан муҳим аст, ки ба ғайр аз пешоб ягон моеъи дигар ба чоҳҳо партофта намешавад. Сабаб дар он аст, ки амалияи истифодабарандагон барои поксозии мақъад аз пок кардан иборат аст, на ин ки шустан. Маводе, ки баро поксозӣ истифода мешавад, одатан коғаз ё гил ё санг аст, вале на об. Ин як таҷрибаест, ки дар деҳот ва гирду атрофи шаҳрҳои Тоҷикистон хеле хуб қабул шудааст.
- Одатан ҳоҷатхонаҳо дар ҳудуди ҳавлии хонавода ҷойгир мешаванд. Дастрасӣ ба ин ҳоҷатхонаҳо барои маъюбон мушкил аст. Дар фаслҳои хунуки сол аз сабаби бориши шабнам ва яхбандӣ истифодабарии ҳоҷатхонаҳо барои одамони калонсол ва дигар одамон беҳад душвор мегардад[40].
- Чуқурии ҳоҷатхонаҳо одатан солҳои зиёд пур намешаванд[41], зеро маводҳои моеъ ба қишри замин инфилтратсия (ҷаббида ворид) мешаванд. Дар ҳолати пур шудани чуқурии ҳоҷатхона он баста шуда ва мавзеи ҳоҷатхона ба дигар ҷои ҳавлӣ кӯчонида мешавад (*ҳоҷатхона бо чуқурии нав сохта мешавад*). Аз рӯи гузоришҳои мавҷуда маълум аст, ки дар баъзе манотиқи кишвар ин чоҳҳо ҳамасола пур мешаванд (аз сабаби баланд будани сатҳи обҳои заминӣ). Барои пӯшидани чуқурӣ / сӯрохии баъзе ин ҳоҷатхонаҳо аз тахтаҳои чӯбӣ истифода бурда шудааст. Хеле кам хонаводаҳое ҳастанд, ки ҳоҷатхонаҳои дорои унитаз дошта бошанд, ки ба чоҳҳо пайваст карда шудаанд ё ҳоҷатхонаҳое, ки ба зарфҳои септикӣ пайваст шуда бошанд, ки аз маълумотҳои аз ҳавзаи Зарафшони Боло ба даст овардашуда чунин бармеояд (ниг. *Ҷадвали 3*). Чунин ба назар мерасад, ки гӯё барои хонаводаҳо, агар онҳо [*барои ободии хонаашон*] сармоягузорӣ карданӣ шаванд, ҳоҷатхонаҳои мукаммал аҳамияти аввалиндараҷа надоранд[42].
- Дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар ин деҳот бештар аз чашмаву рӯдхонаҳо сурат мегирад. Таъминоти об метавонад тавассути қубурҳо ба роҳ монда шуда бошад ва ё аз ҷониби одамон бевосита аз чашмаву наҳрҳо ҷамъ карда шавад. Истеъмоли шабонарӯзии об дар як хонавода дар фасли тобистон тақрибан 30–40 литр барои як нафар[43] буда ва дар фасли зимистон хеле камтар аст. Аксарияти одамон бар он боваранд, ки сифати обашон хуб[44] ё қаноатбахш аст. Ба ақидаи онҳо нишонаи асосии бад будани сифат, чӣ тавре ки аз ҷониби корбарон тавсиф карда шудааст, таъми бад доштани об ва ё маҷуд будани таҳшинҳо дар таркиби он мебошад.
- Оби хокистарӣ (мағзоба) аз хонаводаҳо одатан ба рӯи ҳавлӣ ё берун аз хонавода равон карда мешавад. Дар баъзе хоҷагиҳо онро дар фасли тобистон барои обчакориву обёрии сабзавот истифода мебаранд. Дар фасли зимистон бошад, вақте ки яхбандӣ ва барф аст, обро аз ҳавлӣ берун карда, ба ҷӯйборҳо ё наҳрҳои кушод ҷорӣ менамоянд[45]. Ин об дар ягон ҷой ҷамъ мешавад ва ё ба сӯи чашмаҳо ё дарёҳои наздик равон мешавад. Ин боиси ифлосшавии объектхои об мегардад. Аз рӯи гузоришҳо дар баъзе минтақаҳо вақте ки хокистароб/мағзоба дар ҷӯйборҳо ҷорӣ мешавад, пас аз чанд фосила ба назар тоза расиданаш мумкин аст ва одамон метавонанд ин обро ҷамъ карда, барои мақсадҳои гуногун истифода баранд.
- Дар қишлоқҷойҳо (ба истиснои хурд) раванди ҷамъоварӣ кардан ва нобудсозии партовҳои дурушти маишӣ бе ташкили дурусти кор ба роҳ монда шудааст. Аксари партовҳои дурушт дар ҷойҳои мамнӯъ / иҷозат доданашуда ихроҷ ва дафн карда мешавад, ки ин сабаби ифлосшавии хок ва обҳои зеризаминӣ мегардад[46]. **Партовҳои дуруште**, ки дар сатҳи хонаводаҳо тавлид мешаванд, одатан хеле камтаранд. Аксари одамон партовҳоро танҳо берун аз ҳавлии худ дар ҷӯйбор ё наҳру кӯлҳо мепартоянд[47]. Баъзан партовҳои дурушти органикии дар сатҳи хонавода ҷамъшударо бо саргини чорво омехта карда, барои тайёр кардани кулчаҳои хушки сӯзишворӣ (таппак) ё ҳамчу компост (нуриҳо) дар обчакорӣ истифода мебаранд ва ё дар хок гӯр мекунанд[47,42]. Ҷамъоварӣ ва идоракунии мутамарказонидашудаи партовҳо дар деҳот хеле маҳдуд аст[46].

[40] Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаи 5.
[41] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 21/I-N-I/4; 25/I-N-I/9; 02/I-D/14.
[42] Тарҳ аз ҷониби муаллиф дар асоси андешаҳои дар мусоҳиба баёншуда.
[43] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 03/I-N-I/15.
[44] Барномаи рушди деҳоти ИА-1, Консорсиуми WHH, ACA/2016/373-575, Гузориши ибтидоӣ, 2016.
[45] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 27/I-F/11; 02/I-D/14.
[46] Саҳифаи 26, Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015, SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, ОКСФАМ БК, TajWSS, GoAL WaSH.
[47] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1.

- **Системаҳои санитарӣ** ва хидматрасонӣ дар **муассисаҳои иҷтимоӣ ва давлатӣ**, аз қабили мактабҳо[48] ва муассисаҳои тиббӣ низ дар ҳолати хеле паст қарор дорад[49]. Аксари мактабҳои деҳот ҳоҷатхонаҳои чукуридор доранд, ки сарпӯш шудаанд ё нашудаанд[50]. Баъзан шумораи ҳоҷатхонаҳо ба шумораи талабагон мувофиқ нест (як ҳоҷатхона барои 90–100 хонанда)[51]. Нигоҳдории ин ҳоҷатхонаҳо беҳад бад ба роҳ монда шудааст. Системаҳои нигоҳдории наҷосат дар мактабҳо дар давоми шаш моҳ пур мешаванд ва баъдан тоза карда намешаванд. Ин ҳол ба он оварда мерасонад, ки талабагон аз ҳоҷатхонаҳо истифода набурда, қазои ҳоҷати худро дар гирду атроф мешикананд, ки ин ба мушкилоти беҳдоштӣ ва саломатии ҷомеа ба вуҷуд меоранд. Иншоотҳои таъмини беҳдошти ҳайз низ тамоман нокифоя мебошанд[51]. Миқдори ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ хеле маҳдуд буда сифаташон паст мебошад. Вазъият дар муассисахои тиббӣ низ хамин гуна аст. Дар баъзе муассисаҳои тиббӣ, ҳоҷатхонаҳои оби равондор мавҷуданд, аммо онҳо ба шабакаи ташноб/канализатсия, ки дорои системаҳои безараргардонӣ ва коргард бошад, пайваст нестанд[52]. Дар баъзе аз маркази ноҳияҳо, ин гуна ҳоҷатхонаҳои оби равондор ба системаи канализатсия ва инчунин системаи безараргардониву коркард пайваст буданашон мумкин аст. Аммо, ин системаҳо беш аз 30–40 сол дошта ва дар ҳолати корӣ нестанд, бинобар ин барои муҳити зист ва саломатии аҳолӣ хатари бештар доранд[53].
- Сарфи назар аз мавҷудияти системаҳои санитарии нисбатан беҳтаршуда (ҳоҷатхонаҳои чукуридор бо сарпӯшҳо), манфиат аз он ба саломатии ҷомеа бо таъсири омилҳои зерин коҳиш меёбад: аксари и**н ҳоҷатхонаҳои беруна низоми обтаъминкунӣ, маводҳои дезинфексиякунӣ, покизакунӣ ва дастгоҳҳои шустани даст надоранд**[54]. Ин ҳолат асосан аз он сабаб ба миён омадааст, ки ин ашёҳои номбаршуда дар бозорҳои маҳаллӣ арзиши қиммат дошта ва худи об низ дар хонаводаҳо ба миқдори маҳдуд аст. Барои ҳамин ҳам **компоненти беҳдоштии** санитария халалдор ё ҳатто бекор карда шудааст.
- Маводу маҳсулоти истеҳсоли маҳаллӣ – ба монанди дастшӯйҳо, чумакҳои об, қубуру арматураҳо, лӯлаҳо ба осонӣ дастрас нестанд[55].
- Дар деҳот муҳандисони таълимдидаву соҳибихтисос, бинокорон (хишткор) ва таъмингарони хидматрасониҳои марбутро пайдо кардан мушкил аст[56].

**Мушкилот**[57]

- Кор карда баромадани гузинаҳои (вариантҳои) камхарҷу аз ҷиҳати техникӣ мувофиқ барои заминҳои кӯҳии санглоху шаххҳо.
- Бо маҳдуд будани таъминоти об, татбиқ кардани системаҳои ташноби ба об асосёфта имконнопазир буданаш мумкин аст.
- Дар сурати беҳтар будани таъминоти об, тарзи идоракунии обҳои партов бояд таҳия, амалӣ ва нигоҳдорӣ карда шавад, ки он тадбиқи шароитҳои (захираҳои) иловагии ёрирасонро тақозо менамояд.
- Дарёфт намудан ва ба кор даровардани системаҳои коркарду безараргардонии хокистароб (зеро ки заминҳои ҷамъиятӣ ё давлатии дастрас на ҳамеша мавҷуданд, ҳамчуноне ки набудани захираҳои молиявӣ барои фаъолияту идоракунии онҳо ва ҷалби кормандон метавонанд ба ин кор садди ҷиддӣ гарданд).
- Мавҷудияти масолеҳи сохтмонӣ.

---

48 Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаи 6.
49 Мусоҳибаҳо – 03/I-N-I/15; 21/I-N-I/4.
50 Ҳоҷатхонаи чуқурӣ бо плита: як системаи хушки санитарӣ мебошад, ки наҷосатро дар чоҳ дар замин ҷамъ мекунад. Чоҳро "плита" ё платформае, ки аз масолеҳи устувор ва тоза кардан осон сохта шудааст, пӯшидааст. «Плита» як сӯрохи хурди тарканда дорад ё бо курсӣ муҷаҳҳаз шудааст, ки имкон медиҳад, ки наҷосат мустақиман дар чоҳ ҷойгир карда шавад. *Саволҳои асосӣ оид ба оби нӯшокӣ, санитария ва гигиена барои тадқиқоти хонаводаҳо: Навсозии соли 2018. Ню Йорк: Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) ва Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, 2018.*
51 Мусоҳиба – 02/I-D/14.
52 Мусоҳиба -03/I-N-I/15.
53 Мусоҳиба – 27/I-F/11.
54 Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаҳои 5–6.
55 Мусоҳибаҳо – 03/I-N-I/15; 02/I-D/14; 27/I-D/12.
56 Мусоҳибаҳо – 21/I-N-I/4; 03/I-N-I/15; 02/I-D/14.
57 Тарҳҳо аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумот аз мусоҳибаҳо.

- Мавҷудияти косибони таълимдидаву соҳибихтисоси маҳаллӣ барои тарҳрезии имконоти алтернативӣ ва таъмингарони хидматрасонӣ.

**Оқибатҳо**[57]

- Гузинаҳои камхарҷу босамари беҳдоштӣ маҳдуд мебошанд ва аз ин рӯ муносибату рафтори одамон ба мисли пештара идома доранд.
- Ифлосшавии хок, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ.
- Ифлосшавии оби нӯшокӣ (дар наҳру дарёҳо, инчунин оби зеризаминӣ; ҳангоми ҷамъоварӣ кардани дастӣ ё дар сурати насб кардани насосҳои дастӣ).
- Сифати пасти тарҳрезӣ ва сохтмон (аз сабаби нарасидани мутахассисони ботаҷриба ва маводҳои сохтмонии дастрасу муносиб).
- Аз даст рафтани захираҳои ғизоӣ (чун коркарду безараргардонӣ ва истифодаи такрорӣ амалӣ карда намешавад).
- Ба ҳадди камтар ташриф овардани сайёҳон ба деҳот аз сабаби набудани ҳоҷатхонаҳои мукаммалу босифати ҷамъиятӣ.

**ҶАДВАЛИ 3: НАМУДИ ҲОҶАТХОНАҲО, АЗ РӮИ ҶОЙГИРШАВИИ ДЕҲОТ ДАР ҲАВЗА / ПОЙГОҲҲО**

| Ҳавзаи об / пойгоҳ | Ҳоҷатхонаи анъанавии чоҳӣ дар ҳавлӣ | | Ҳоҷатхонаи оддӣ бо унитаз дар ҳавлӣ | | Ҳоҷатхона дар дохили хона ва септик берун аз хона | | Ҳоҷатхонаи ҷамъиятӣ | | Мо ҳоҷатхона надорем | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | # | % | # | % | # | % | # | % | # | % |
| Пойгоҳи Сарразм | 71 | 100 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Пойгоҳи Моғиёндарё | 149 | 93,7 | 6 | 3.8 | 2 | 1.3 | 0 | 0 | 2 | 1,3 |
| Пойгоҳи Киштут | 71 | 98,6 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1,4 | 0 | 0 |
| Ревад | 17 | 100 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Мадм | 13 | 100 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Кум | 9 | 100 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Пойгоҳи Пасруд | 21 | 100 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **351** | **97** | **6** | **1,7** | **2** | **0,6** | **1** | **0.3** | **2** | **0,6** |

*Манбаъ: EU-Rural Development Program 1, WHH Consortium, ACA/2016/373-575, Baseline Report, 2016*

## 3.2 МУШКИЛОТИ ИҶТИМОИВУ ФАРҲАНГӢ

### Бозёфтҳои асосӣ

Кирдору рафтори одамон ва маҳдудиятҳои фарҳангии онҳо омили дигаре мебошанд, ки ба қабули меъёрҳои тозагӣ ва рафтору таҷрибаҳои устувор таъсир мерасонанд. Сарфи назар аз он ки одамон соҳиби маълумот ҳастанд (сатҳи саводнокӣ байни шахсони аз 15-сола боло ба 99,8% мерасад[58]), дар бораи санитария тафаккури шахшуда доранд. Мисолҳоеро аз кишварҳои дигар овардан мумкин аст, ки он ҷо пахши иттилоот, болобарии маърифатнокӣ ва таълимоти муносиб ба тағйир додани тафаккури ҷомеа мусоидат кардаанд (ниг. *Варақаи 2*).

- Ба масъалаи санитария аҳамияти кам дода мешавад (камбизоатӣ монеаи асосӣ аст).[59]
- Набудани огоҳӣ ва дониш дар бораи манфиатҳои санитария (ва алоқамандии он бо саломатии хуби ҷомеа)[60].
- Набудани таҷрибаи истифодаи системаҳои алтернативӣ ё системаҳои муосири санитарӣ.[61]
- Шустани дастҳо пас аз истифодаи ҳоҷатхона кирдори маъмулан қабулшуда нест.[62]
- Истифодаи такрории ахлоти коркардшудаи инсон бехатар ё аз ҷиҳати беҳдоштӣ муносиб ҳисобида намешавад (хусусан дар байни аҳолии консервативӣ; дар қисматҳои шимолии кишвар бошад ин гуна истифодабарӣ нисбатан бештар маъмул аст), агарчанде ки деҳқонон аз арзиши ғизоии ахлоти инсон огоҳ ҳастанд ва баъзеҳо ҳатто лойқаи наҷосати хушкидаро дар хоҷагиҳои худ истифода мебаранд.[63]
- Дар минтақаи лоиҳа аҳолӣ сифати оби нӯшокиро хуб арзёбӣ мекунад, аммо дарунравӣ ва зардпарвин бемориҳои маъмулии тавассути об сирояткунанда ба шумор мераванд[64].

> Иттилоот, маориф, коммуникатсия (ИМК), яке аз таҳқурсисангҳои асосии Миссияи Свач Бҳарати Ҳиндустон (Миссияи Ҳиндустони тоза) дар солҳои 2014–2019, ки ба омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва рафтории дефекатсия (қазои ҳоҷат)-и кушод нигаронида шуда, ба коҳиш додани дефекатсияи кушод ва ҳаракат ба сӯи нигоҳдорӣ ва безараргардонӣ кӯмак кард. Коркунони фидокори бахши санитарӣ дар бораи оқибатҳои зараровари дефекатсияи кушод ба аҳолӣ маълумот медоданд, огоҳ мекарданд, меомӯзониданд, таълим медоданд ва ташвиқ менамуданд, ки аз ҳоҷатхонаҳо истифода намоянд. Барои интиқоли паёме, ки боиси тағирёбии рафтор мешавад, воситаҳои гуногун ва платформаҳои расонаӣ истифода мешуданд ва ҳоло ҳам истифода мешаванд. **ИМК яке аз омилҳои асосии дастовардҳои Миссияи Ҳиндустони тоза буд.**
>
> *Манбаъ: Арзёбии таъсири иқтисодии Миссияи Свач Бҳарат дар сатҳи миллӣ, Ҳисоботи ниҳоӣ, ЮНИСЕФ, январи 2020.*

**ВАРАҚАИ 2. ИМК – СОЗГОРИ ТАҒЙИРҲО**

### Мушкилиҳо[65]

- Эҷоди огоҳӣ ва дониш барои тағйир додани тафаккури одамон.
- Ҷуброн кардани набудани таҷрибаи системаи алтернативӣ (ба ҳоҷатхонаҳои хушк) ва алоқамандии он бо манфиат ба одамон (беҳдошти саломатӣ, муҳити тозатар, даромад ва пасандозҳо, таълими беҳтар барои кӯдакон) ва бартариҳои беҳтари вазъи санитарӣ, дастгирии молиявӣ.
- Мулоқот бо ҷомеа барои муҳокима намудани масъалаҳои санитарӣ, зеро сӯҳбат намудан дар мавзӯи тозагӣ осон нест.

---

[58] Манбаъ: UNESCO, 2014; http://uis.unesco.org/en/country/tj accessed on June 3, 2020.
[59] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; – 20/I-D/3; 21/I-N-I/4; 25/I-N-I/9; 27/I-D/12; 03/I-N-I/15.
[60] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 20?I-E/2; 20/I-D/3; 21/I-N-I/4; 22/I-D/7; 25/I-N-I/9; 27/I-D/12; 02/I-D/14; 03/I-N-I/15.
[61] Мусоҳибаҳо –26/I-R/10; 27/I-D/12; 02/I-D/14; 03/I-N-I/15.
[62] Мусоҳибаҳо – 20/I-E/2; 02/I-D/14; Саҳифаи 75, Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Нисфи шиша: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, санитария ва гигиенӣ дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии WASH. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC.
[63] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1;21/I-N-I/4; 26/I-R/10; 27/I-D/12; 02/I-D/14; 03/I-N-I/15.
[64] Барномаи рушди деҳоти ИА-1, Консорсиуми WHH, ACA/2016/373-575, Гузориши ибтидоӣ, 2016.
[65] Тарҳҳо аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумот аз мусоҳибаҳо, ҳуҷҷатҳои баррасӣшуда ва таҷрибаи ...

- Бовар кунонидани одамон дар бораи тағйир додани рафтору кирдорашон, таҷрибаҳо ва махсусан тарзҳои дубора истифодабарӣ.
- Таъмини устувории рафтори тағйирёфта.

**Таъсирот**[65]

- Набудани огоҳӣ боиси суст шудани суръати рушд мегардад.
- Сифат ва сатҳи пасти зиндагӣ.
- Саломатии бад ва арзиши баланди таъмини саломатӣ.
- Истисноии иҷтимоӣ (аз сабаби набудани рушд).
- Надоштани хоҳиши қабулкунӣ ва саҳмгузорӣ ба системаҳои беҳтару мукаммали санитарӣ.

## 3.3 Мушкилоти иқтисодӣ

**Бозёфтҳои асосӣ**

- Сармоягузориҳо дар бахши санитария асосан аз ҷониби оҷонсиҳои беруна,[66] тавре ки дар Ангораи 13 мебинед, таъмин карда мешаванд. Аз рӯи ҳисобҳо тақрибан 23% сармоягузории зарурӣ аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ, тақрибан 8% аз донорҳои байналмилалӣ ва тақрибан 3% аз ҷониби ҳукумат ба амал баровaрда мешавад. Ҳисобҳо инчунин норасоӣ (дефисит)-и сармоягузориро дар ҳаҷми 60%-и нишон медиҳанд.
- Ҳукумат ҳарчанд ки сиёсати беҳтар кардани вазъи санитариро пеш гирифта дар ин самт майлу кӯшишҳо дорад, аммо барои амалӣ намудани тадбирҳои такмили санитарӣ ҷудошавии маблағ аз буҷет ҳамоно нокифоя мебошад[67].
- Барои аз нав барқарор кардани шабакаҳои ташноб / канализация ва иншоотҳои тозакунандаи партовоб аз буҷети давлат маблағ ҷудо карда намешавад[68].
- Сармоягузориҳои байналмилалӣ бо саҳми ҷомеа ва саҳмҳои ҳадди ақал/минималӣ ё ночиз аз буҷети кишвар барои беҳтар кардани беҳдошти муассир ва дарозмуддат усулу равиши муносиб намебошад[69].
- Лоиҳаҳои санитарӣ (инфрасохторӣ) амалӣ карда мешаванд (дар сатҳи хонаводаҳо ё муассисаҳои иҷтимоӣ), аммо барои амалиёт ва идоракунии системаҳои сохташуда аз буҷет маблағҳои зарурӣ ҷудо карда намешаванд[70].

---

[66] Мусоҳибаҳо – 20/I-N-D/1; 20/I-D/3; 25/I-N-I/9; 26/I-R/10; 03/I-N-I/15; Бонки ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаҳои 70-71.

[67] Мусоҳибаҳо – 20/I-D/3; 03/I-N-I/15.

[68] Мусоҳибаҳо – 22/I-D/7; Бонки ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаи 121.

[69] Мусоҳибаҳо – 20/I-D/3; 03/I-N-I/15; Бонки ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаи 11.

[70] Мусоҳибаҳо – 22/I-D/7; 03/I-N-I/15.

### АНГОРАИ 13. МАНБАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ДАР БАХШИ ОБУ ТАШНОБ ДАР СОЛҲОИ 2006–2015*

*Манбаъ: Стратегияи рушди соҳаи об (2006)*

| Манбаи маблағгузорӣ | 2006 | 2006–2008 | 2006–2010 | 2006–2015 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ бо доллари ИМА, ҳазор | **74 424** | **248 967** | **510 032** | **998 273** |
| – Хонаводаҳои шаҳрӣ | **2 786,00** | **8 582** | **11 802** | **35 832,00** |
| – Хонаводаҳои деҳот | **80** | **656** | **2 292** | **7 264** |
| – Хукумати ҶТ | **4 121** | **10 915** | **16 702** | **31 028** |
| – Сармоягузориҳои беруна | **36 618** | **78 931** | **121 580** | **232 185** |
| – Донорҳои байналмилалӣ | **7 700** | **7 700** | **7 700** | **84 700** |
| – Дефитсити маблағтузорӣ | **23 119** | **14 2183** | **349 956** | **607 264** |
| – Дефитсити маблағгузорӣ, фоиз | **31,6%** | **57,1%** | **68,6%** | **60,8%** |

* Арзёбии соҳавии кишвар: Барномаи GoAL WASH БРСММ, Ҷилди 2, Тоҷикистон, 2010, саҳ.19.

**Мушкилиҳо**[71]

- Нокифоя будани иқтидори сохторҳои тарофавӣ ва ҷамъоварии пардохтҳо дар мавзеҳои шаҳрӣ[72].
- Саҳми ҷамоатҳо ба тозагӣ (барои сохтани инфрасохтор ва пардохти хидматҳо), зеро камбизоатӣ як маҳдудият аст[73].
- Ба таври нокифоя ҷалб шудани бахши хусусӣ (бо сабаби сиёсати андозбандӣ, баргардонидани сусти сармоягузорӣ)[74].
- Таҷҳизоти беҳдоштӣ ба тарзи воридотӣ ба кишвар меоянд / аз ин рӯ арзиши баландтар доранд.
- Барномаҳои тавассути грантҳо пеш мераванд; саҳми ҳукумат ва мардум дар ин сурат душвор мебошад.
- Камбизоатӣ /Шароит / қобилияти пасти молиявии аҳолии деҳот.
- Набудани захираҳо барои амалиёт ва нигоҳдории системаҳо.

**Оқибатҳо**[71]

- Хароҷотҳои бештар барои муқовимат намудан ба душвориҳо.
- Коҳиш ёфтани суръати рушд.
- Маҳдудияти рушди иқтисодӣ.
- Коҳиши сатҳи зиндагӣ дар деҳот.
- Аз сабаби маҳдуд будани захираҳои моддӣ, лоиҳаҳои пайгирикунанда / идомадиҳанда мавҷуд нестанд.
- Таъсири манфӣ ба бахшҳои дигар, ба монанди туризм.

---

[71] Бардошту хулосабарориҳои муаллиф дар асоси мусоҳиба ва баррасии ҳуҷҷатҳо ва ҳамчунин аз таҷрибаи қазияҳои гуногун.
[72] Мусоҳибаҳо – 03/I-N-I/15; Бонки ҷаҳонӣ 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаҳои 133, 137-138.
[73] Мусоҳибаҳо – 21/I-N-I/4; 26/I-R/10; 02/I-D/14; 03/I-N-I/15.
[74] Бонки ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии об, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC; Саҳифаи 9. Мусоҳибаҳо – 21/I-N-I/4; 03/I-N-I/15.

## 3.4 Чорчӯбаҳои ҳуқуқӣ, муассисаҳо ва мушкилиҳо дар соҳаи идоракунӣ

**Бозёфтҳои асосӣ**[75]

Асоси ҳуқуқии танзими соҳаи санитария дар кишвар ин Конститутсия мебошад.

- Об ва дастрасии самараноки он барои тамоми шаҳрвандон ва истифодаи онро давлат кафолат медиҳад. (моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).
- Ҳукумат қонунҳои гуногунро ба тасвиб расонидааст, то ин ки таъминоти об, нигоҳдорӣ ва истифодаи гуногуни захираҳо ва сифати онро дар сатҳи хуб ба роҳ монад.
- Чорчӯбаи ҳуқуқии соҳаи об ба Кодекси об, ки соли 2000 қабул шуда, дар соли 2012 ба он тағйироту иловаҳо ворид шудаанд ва ҳамчунин ба Қонун дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, ки дар моҳи июли соли 2019 ба тасвиб расонида шудааст, асос меёбад.

> **Давлат алайҳи шаҳрванд**
> Сарқонуни Ҳиндустон барои ба миён гузоштани масъалаи ҳифзи муҳити зист тавассути даъвоҳои манфиатҳои ҷамъиятӣ истифода карда шудааст.
>
> *Ҳуқуқ ба муҳити тозаи зист – М.С Меҳта алайҳи Иттиҳоди Ҳиндустон, Дива Рай, 3 октябри 2019 https://blog.ipleaders.in/right-to-clean-environment-m-c-mehta-v-union-of-india/*

**Варақаи 3. Масъулияти давлат вобаста ба таъмини ҳуқуқҳо**

- Асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии таъминоти оби нӯшокӣ ва канализатсияро ин санадҳои ҳуқуқӣ танзим мекунанд.
- Онҳо кафолат медиҳанд, ки эҳтиёҷоти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба оби нӯшокӣ, обтаъминкунӣ ва санитария таъмин карда шаванд.
- Қонуни мазкур ҳуқуқи инсонро ба дастрасӣ ба оби бехатар ва санитария таъмин менамояд ва масъулияти тамоми сатҳҳои ҳукуматро дар таъминоти оби нӯшокӣ ва фароҳам овардани шароитҳои муносиби санитарӣ барои ҳама муқаррар мекунад (ниг. *Варақаи 3*).
- Он эълон мекунад, ки тамоми нақшаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд масоили таъминоти оби бехатар ва санитарияро дар бар гирифта бошанд.
- Ба иншооти обӣ ва обанборҳое, ки манбаи таъмини оби нӯшокӣ ба ҳисоб мераванд, партофтани партовобҳо манъ аст (моддаи 99, Кодекси об).
- Барои таъмини суботу устуворӣ, дар қонун ҷудо карда шудани буҷети давлатӣ ва муқаррар карда шудани тарофаҳо барои истифодабарандагони об барои маблағгузории обу ташноб пешбинӣ шудааст (тарофаҳои санитарӣ то ҳол аз ҷониби ҳукумат амалӣ карда намешаванд, гарчанде ки дар Қонун дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ин пешниҳод шудааст).
- Дар қонун ҳамчунин пешбинӣ шудааст, ки барои кӯмак намудан ба кӯшишу заҳматҳои таъмингарони хидматрасонии обу ташноб дар таъмини ҳалли масоили тозагӣ давлат онҳоро дастгирӣ хоҳанд кард (моддаи 16, Қонун дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов)[76].
- Бехатарӣ ва сифати обтаъминкунӣ ва ҳифзи захираҳои об инчунин тавассути ташкили минтақаҳои муҳофизатии санитарӣ ба роҳ монда мешавад (Бонки осиёии рушд /БОР, Лоиҳаи обтаъминкунӣ ва санитария дар ш. Душанбе, RRP, 2018, саҳифаи 11)[77].
- Тоҷикистон имзокунандаи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид мебошад.
- Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ/SDGs) ҳангоми таҳияи Стратегияи миллии рушд (СМР) барои солҳои 2016–2030 ба назар гирифта шудаанд.
- Ҳадафи СМР аз хатти камбизоатӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми шаҳрвандони кишвар, мусоидат кардан ба истеҳсолот ва истеъмоли устувор буда, инчунин ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст (СМР, 2016). Аз ин рӯ, ин ҳуҷҷат бояд инчунин масъалаҳои об ва санитарияро ҳаллуфасл намояд, зеро онҳо бо рушд ба таври табиӣ алоқамандии бевосита доранд.

---

[75] Баррасии сиёсат ва амалияи санитарӣ дар ҶТ, 2015, SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, ОКСФАМ БК, TajWSS, GoAL WaSH.
[76] Қонун дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, 2019. Саҳифаи 10.
[77] Моддаи 18, Таъмини сифат ва бехатарии оби ошомиданӣ, Қонун дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов.

- Айни замон дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аз ҷониби Оксфам БК ва БРСММ Нақшаи рушди тозагӣ дар кишвар омода шуда истодааст, ки дар он тамаркузи асоси ба масоили тозагӣ дар деҳот равона шудааст. Одатан, нақшаҳои ободонӣ ва рушд танҳо барои марказҳои ноҳияҳо тартиб дода мешаванд ва дар онҳо ба масоили ободонии қишлоқҷойҳо, аз ҷумла дар бахши тозагӣ (ташноб, коркард, ҷамъоварӣ, кашондан, нигоҳдорӣ ва истифодабарии партовҳои дурушт, моеъ ва партовҳои кишоварзӣ) таваҷҷӯҳи зарурӣ дода намешавад. Ин масъала дар нақшаи таҳияшаванда ба назар гирифта мешавад. Барномаҳои ҷорӣ аз ин Нақшаи рушди санитария дастгирӣ карда хоҳанд шуд.
- Такмили инфрасохтори бахши тозагӣ дар давари пас аз истиқлолият дар дар саросари деҳоти кишвар хеле маҳдуд аст[78] ва одатан аз ҷониби худи хонаводаҳо амалӣ карда мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки талаботи сохтмон ва меъёру қоидаҳои санитарӣ риоя карда намешаванд, ки дар натиҷа шароити номусоиди санитарияи зист ба вуҷуд омада, хавфу хатарро ба саломатии одамон зиёд мекунад.
- Идоракунии дарозмуддати ҳамгирошудаи захираҳои об ҳадафи Стратегияи миллии об (СМО) мебошад. СМО инчунин бо ҲРУ, аз ҷумла ҷанбаҳои мушаххаси масоили таъминоти оби тозаву бехатар ва санитария, ҳамзамон бо татбиқи СМР то соли 2030 ба таври куллӣ алоқамандӣ дорад.
- Барномаи ислоҳоти соҳаи об барои солҳои 2016–2025, ки соли 2015 қабул шудааст, самт ва принсипҳои ислоҳоти соҳаи обро муайян мекунад. Аз рӯи ин барнома чунин интизорӣ меравад, ки дар натиҷаи қабули ин ислоҳот системаи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ муносиби идоракунии об ба даст оварда мешавад, ки он барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар бомуваффақ хизмат менамояд. Барои анҷом додани раванди ислоҳот ва ноил шудан ба Ҳадафи 6-уми ҲРУ то соли 2030 кӯшишҳои мушаххас ва рафъи камбудиҳои эҳтимолӣ зарур аст.

| |
|---|
| Қонунҳо ва Стратегияҳои рушд дар Тоҷикистон барои дастгирӣ намудани Ҳадафҳои рушди устувор равона шудаанд ва аз ин рӯ, масъалаи таъмини тозагӣ барои ҳамагон ин яке аз ӯҳдадориҳои асосии давлату ҳукумат мебошад. Аз ин рӯ, дастрасӣ ба санитария (дастгирии нақша, татбиқ ва фаъолияти устувори ҳамаи гурӯҳҳои функсионалии занҷираи санитарӣ) як аз авлавиятҳои асосии рушд буда, бояд ҷузъи муҳими барномаҳо ва нақшаҳои рушди бахши ОТБ бошад. |

**Мушкилоти институтсионалӣ ва идоракунии бахши санитария** – Шумораи зиёди вазоратҳо, идора ва муассисаҳое, ки ба идоракунӣ машғуланд. Нақш, вазифа ва ӯҳдадориҳои ин ниҳодҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ аниқ муайян ва баробар тақсим карда нашудаанд.

**Варақаи 4. Мушкилоти институтсионалӣ ва идоракунӣ**

Баррасии ҷанбаҳои институтсионалӣ ва идоракунии бахши об ва канализатсия нишон медиҳад, ки ба он аз ҷониби вазорату идораҳо ва муассисаҳои сершумор идора карда шудан хос аст. Теъдоди ками гузоришҳо ва таҳлили бахшҳо далели онро таъкид мекунанд, ки нақшу вазифа ва масъулиятҳои ин ниҳодҳо ҳарчанд муайян шудаанд, вале болои ҳам меоянд. Онҳо инчунин дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ноҳиявӣ нобаробар тақсим карда шудаанд[79] (ниг. *Варақаи 4*). Масалан, тавре ки дар Гузориши Бонки Ҷаҳонӣ, соли 2017 қайд шудааст[79], Корхонаи воҳиди давлатии «ХМК» субъекти асосиест, ки соҳиби доираи васеи дороиҳо буда, вале он бо на камтар аз ҳафт вазорату идораҳои дигар фаъолияти худро ҳамоҳанг месозад. Ҳар яке аз ин ниҳодҳо дар навбати худ сохторҳои сатҳи вилоятӣ ва ноҳиявӣ доранд. Сохторҳои махсуси ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ танҳо дар сатҳи ҷумҳури /миллӣ вуҷуд доранд, дар ҳоле ки сохторҳои маҳаллӣ маъмулан аз ҳамдигар мустақилона кор мекунанд.

Инчунин маълум аст, ки алоқаи байни муассисаҳо/оҷонсиҳои сершуморе, ки дар ин бахш кор мекунанд, дар ҳама сатҳ суст буда ҳамчунин норасоии мубодилаи иттилоот/ҳисоботдиҳӣ байни

[78] Стратегияи рушди бахши об дар ҶТ, 2006. Саҳ.25–26.
[79] Бонки ҷаҳонӣ, 2017. Паймона нимпур аст:Ташхиси камбизоатии шароити таъмини об, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC, Саҳифаи 122.

онҳо аён аст. Камбудии дигарро ба набудани механизмхои амалигардонӣ рабт додан мумкин аст.

- **Вазорати энергетика ва захираҳои об** барои пешбарии сиёсат ва танзими соҳаи об, инчунин банақшагирӣ ва роҳнамоии стратегӣ масъул мебошад. Масъулияти амалиётӣ барои интиқоли об ба бахшҳои давлатӣ ва тиҷоратии шаҳрӣ ба дӯши мақомоти маҳаллӣ/иҷроияи шаҳр аст.
- **Вазорати тандурустӣ, Сарраёсати хадамоти санитарию эпидемиологӣ** барои риояи қоидаву меъёрҳои санитарӣ ҳангоми муайян кардани ҷойгиршавӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ ва истифодабарии шабакаҳои оби нӯшокӣ ва канализатсия масъул мебошад. Дар мувофиқа бо мақомоти иҷроия раёсат назорати давлатӣ ва муоинаи ҳифзи мавзеъҳои об, мониторинги сатҳи ифлосшавӣ ва тозаву безараргардонии обҳои партовро ба роҳ мемонад. **Марказҳои тарзи ҳаёти солим (МТҲС)** барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи тозагӣ ва беҳдошт, барои пешгирии паҳншавии бемориҳо, аз ҷумла бемориҳои тавассути об сирояткунанда масъул мебошанд.
- **Вазорати молия** маблағхои давлатиро ба идораҳои соҳавӣ ҷудо мекунад.
- Системаҳои ташноб/канализатсияро корхонаҳои давлатӣ, ки тобеи мақомоти иҷроияи шаҳр мебошанд, корандозӣ мекунанд.
- **Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» (ХМК)** субъекти асосии хизматрасонӣ ва истифодабарии шабакаҳои обтаъминкунӣ ва ташноб/канализатсия мебошад. Он ба ҳукумати ҷумҳурӣ зертобеъ буда ва ба шаҳру марказҳои ноҳиявӣ бо шабакаҳои обу канализатсия хизматрасонӣ мекунад. Дар сатҳи марказӣ КВД ХМК вазифаҳои идоракуниро дорад, аммо дар сатҳи шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва деҳот ҳамчун як таъмингари хидматрасонии обтаъминкунӣ ва канализатсия амал мекунад[79]. Хизматрасонии шаш шаҳри калон ба ихтиёри мақомотҳои иҷроияи шаҳрҳои дахлдор дода шудааст. Барои шаҳру деҳоти боқимонда ташкилоти фаръии ХМК, **водоканалҳо** (корхонаҳои обу ташноб) таъмингарони хидматрасонӣ мебошанд. Водоканалҳо дар амал зершуъбаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ мебошанд. Фаъолияти хизматрасонии водоканалҳо дар асоси шартнома бо ХМК сурат мегирад. ХМК манзилҳои давлатӣ, шабакаҳои обтаъминкунӣ, канализатсия, ҷамъоварии партовҳои дурушт ва дигар хизматрасониҳо, аз қабили аз лойқаи наҷосат холӣ кардани ҳоҷатхонаҳо ва септикҳоро идора мекунад. Сиёсати хидматрасонии давлатӣ ва иҷроия низ аз ҷониби ХМК таҳия ва амалӣ карда мешавад.
- Дар деҳоти ҷумҳурӣ масъалаҳои санитарӣ аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – **Ҷамоатҳо** (мақомоти иҷроияи сатҳи зерноҳиявӣ) ҳаллуфасл гардида, водоканалҳо дар зертобеияти Ҳукуматҳои маҳаллӣ (мақомоти иҷроияи сатҳи ноҳиявӣ) кор мекунанд.
- Дар сатҳи ноҳия **Ҳукуматҳо** аз ҷониби **Кумитаҳои маҳалла** ва **Ҷамоатҳои** (**зерноҳия**) гурӯҳи деҳот дастгирӣ ёфта, роҳбарони алоҳидаи деҳот барои фароҳам овардани хизматрасонии санитарӣ – татбиқи инфрасохтор ва истифодаву нигоҳдории онҳо масъуланд. Водоканалҳо**,** дар сурати мавҷуд будан дар ноҳия, бояд хидмати санитариро фароҳам оранд (аммо аз сабаби нарасидани кормандон ва дурии масофаҳо ин гуна хидматрасониро расонида наметавонанд).
- **Сарраёсати геологияи Тоҷикистон** барои захираҳои обҳои зеризаминӣ ва Вазорати энергетика ва захираҳои обии Тоҷикистон ба манбаъҳои обҳои рӯизаминӣ масъуланд. **Кумитаи ҳифзи муҳити зист** истифода ва ҳифзи об ва додани иҷозатномаҳоро барои истифодаи махсус танзим мекунад. **Кумитаи меъморӣ ва сохтмон** доир ба сиёсати техникии системаҳои обтаъминкунӣ ва ташноб, аз ҷумла стандартҳои сохтмон ва лоиҳакашӣ маслиҳат медиҳад.
- Усули пароканда ва нақшҳои ноаниқи ниҳодҳо боиси идоракунии нодурусти инфрасохтори санитарӣ ва фароҳам овардашавии хидматрасонӣ гардида, ҳамчунин ба иҷрои сусти қоидаву қонунҳо овардааст (*Мисоли возеҳ дар* Варақаи 5 *оварда шудааст*).

- Меъёрҳои рафъӣ обҳои партов аз замони Шӯравӣ то ҳол амал мекунанд (Моддаҳои 14 ва 19-и Қонуни нав дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов стандартҳои сифатро аз рӯи меъёрҳои мавҷуда, бо назардошти имкони тағйиру иловаҳо муқаррар менамоянд). Бо вуҷуди ин, дар амал татбиқи иҷрои қонун дар бораи қонунгузории обҳои партов аз сабаби ба таври нокифоя будани назорат / мониторинг, ки аз сабаби нарасидани кадрҳо ва инчунин норасоии маблағ ба вуҷуд омадааст, хеле заиф ба роҳ монда шудааст.
- Барои дар зери назорат нигоҳ доштан ва беҳтар намудани вазъи санитарӣ, мавҷудияти маълумоти аслӣ беҳад муҳим аст. Бо вуҷуди ин, маълумот дар бораи вазъи санитарӣ (дар тамоми занҷираи арзиши санитарӣ), махсусан барои манотиқи деҳот мавҷуд нест[80].




ХМК (сатҳи миллӣ) ва бахшҳои он дар минтақаҳо, шаҳракҳо ва мақомотҳо (дар шаҳрҳои калонтар), водоканалҳо ва ҷамоатҳо дар амал ҳама масъулияти моликияти инфрасохторӣ ва хидматрасониро доранд.

**ВАРАҚАИ 5. МУТААЛЛИҚИИ МОЛИКИЯТ ВА ТАРЗИ АМАЛИЁТИ ИНФРАСОХТОРИ САНИТАРӢ**

Ин ҳолат идоракунӣ ва чораҳои такмилдиҳиро душвортар мегардонад, зеро ошкор ва муқаррар кардани камбудиҳо ва инчунин тартиб додани тадбирҳои беҳбудӣ душвор аст.

*Манбаъ: Аз Оҷонсиҳои танзимкунанда ва амалкунанда оид ба обтаъминкунӣ (ва санитария) Бонки Ҷаҳонӣ мутобиқ карда шудааст. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC.*

Дар асоси баррасии гузоришҳо, ҳуҷҷату мақолаҳои барои Таҳқиқоти мазкур ҷамъоваришуда, инчунин дар заминаи мусоҳибаҳое, ки бо оҷонсиҳои мухталифи соҳа баргузор шуданд, рӯйхати ҷонибҳои манфиатдор (*ниг.* Ҷадвали 4) тартиб дода шуд. Бояд гуфт, ки ин ҳоло як таасуроту фаҳмиши пешакӣ аст ва дар марҳилаи баъдӣ тасдиқ карда мешавад.

**ҶАДВАЛИ 4. ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР ДАР БАХШИ САНИТАРИЯ, КИ ДАР ҶАРАЁНИ ТАҲҚИҚОТ МУАЙЯН КАРДА ШУДААНД**

| Сатҳ/Намуд | Ташкилот | Нақши асосӣ |
|---|---|---|
| Миллӣ | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пешбарии сиёсат ва танзим, инчунин банақшагирӣ ва роҳнамоии стратегӣ дар соҳаи об дар дасти ин ниҳод буда, он ҳамзамон истифодаи манбаҳои оби рӯизаминиро назорат мекунад |

[80] Interviews – 26/I-R/10.

| Сатҳ/Намуд | Ташкилот | Нақши асосӣ |
|---|---|---|
| Миллӣ | Вазорати тандурустӣ (ва ҳифзи иҷтимоӣ), Сарраёсати хадамоти санинарию эпидемиологӣ | Барои риояи қоидаҳову меъёрҳои санитарӣ ҳангоми муайян кардани ҷойгиршавӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ ва истифодабарии шабакаҳои оби нӯшокӣ ва ташноб/канализатсия масъул мебошад |
| Миллӣ | Марказҳои тарзи ҳаёти солим (МТҲС) | Барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар бораи тозагӣ ва беҳдошт дар байни аҳолӣ масъул аст |
| Миллӣ | Вазорати молия | Барои ҷудо кардани маблағҳо ба оҷонсиҳои соҳа вазифадор мебошад |
| Миллӣ | Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» (ХМК) | Амалгари асосӣ дар хизматрасонӣ, истифода ва нигоҳдории шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия мебошад, ки ҷамъоварии партовҳои дурушт ва хизматрасониҳои дигар, аз қабили холӣ кардани наҷосатлойқаи ҳоҷатхонаҳо ва зарфҳои септикӣ ба зиммаи он вогузошта шудааст |
| Миллӣ | Бахшҳои ХМК | Айнан ҳамон гунае, ки дар боло нишон дода шудааст. |
| Маҳаллӣ | Водоканалҳо (идораҳои обу ташноб) | Корхонаҳои фаръии ХМК мебошанд |
| Маҳаллӣ | Мақмотҳои шаҳрдорӣ | Танҳо барои якчанд шаҳрҳо марбут аст; асосан бо масоили идоракунии инфрасохтор машғуланд |
| Маҳаллӣ | Ҳукумат | Барои фароҳам овардани хизматрасониҳои санитарӣ – татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва истифодву нигоҳдории он масъул аст |
| Минтақавӣ | Ҳукумати ноҳияҳо | |
| Маҳаллӣ | Кумитаҳои махаллӣ | |
| Минтақавӣ | Ҷамоатҳои деҳот | |
| Миллӣ | Сарраёсати геология | Вобаста ба манбаву захираи обҳои зеризаминӣ масъул аст. |
| Миллӣ | Кумитаи ҳифзи муҳити зист | Истифодабарӣ ва ҳифзи обҳо ва дода шудани иҷозати итсифодаи махсуси обро танзим менамояд |
| Миллӣ | Кумитаи меъморӣ ва сохтмон | Доир ба сиёсати техникии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, аз ҷумла стандартҳои сохтмон ва тарҳрезӣ маслиҳатҳо медиҳад |
| Миллӣ | Агентии зиддиинҳисорӣ | Дар қатори доираи масъулиятҳои дигар муқаррар намудани тарофаҳо барои хидматрасонии об ва партовҳо |
| Муассисаи байналмилалии молиявӣ / Бонки рушд | БОР – Бонки Осиёии рушд (ADB) | Лоиҳаи Бонки Осиёии рушд дар Тоҷикистон – дастгирӣ намудани Тоҷикистон дар самти: (i) барқарорсозӣ ва тавсеаи инфрасохтори обтаъминкунӣ ва канализатсияи ба иқлим тобовар, озмоиши таҷрибавии таъсиси минтақаҳои ченкунии ноҳиявӣ (МЧН) барои идоракунии оби ғайритиҷоратӣ (ОҒ) дар ноҳияҳои интихобшудаи шаҳри Душанбе ва барқарорсозии коллектори ташноби ҷанубӣ, ки ба 352 000 нафар манфиат меорад ва (ii) ташаккул додани тамсилаи бизнеси Корхонаи воҳиди давлатии «Водоканали Душанбе» (ВКД) барои такмили устувории фаъолияти он, аз ҷумла механизми ҳисоботдиҳӣ ва ҳавасмандгардонӣ бо матритсаи муқоисавии самаранокӣ ва системаи идоракунии оқилона. Лоиҳа ба таври озмоишӣ як ҷузъи тағйир додани рафтори ҷомеаро барои баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ доир ба истифодабарии оқилонаи об ва сарфаву ҳифзи он ва манфиатҳои ҳисобкунакҳои доноро месандҷад. Ин аввалин лоиҳаи бахши шаҳрӣ аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон аст, ки идоракунии самараноки шабакаро нишон дода, эҳтимоли афзоишёбии он дар саросари шаҳр мавҷуд аст. БОР аввалин лоиҳаи сатҳи шаҳрии худро дар Тоҷикистон дар самти обтаъминкунӣ ва ташноб дар соли 2018 тасдиқ кард. Лоиҳаи Обтаъминкунӣ ва канализатсияи Душанбе коллектори канализатсияи ҷанубии Душанберо, ки қисми муҳими шабакаи ташноби пойтахт мебошад, барқарор мекунад.Дар ҳоле ки |

| Сатҳ/Намуд | Ташкилот | Нақши асосӣ |
|---|---|---|
| | | тамаркузи ибтидоии лоиҳа ҳалли масъалаҳои таъмини об ва санҷиши таҷрибавии усули минтақаҳои ченкунии ноҳиявӣ мебошад, бонк умедвор аст, ки дар лоиҳаҳои оянда диққату афзалият ба самти беҳдошт равона карда мешавад |
| Оҷонсии байналмилалии ғайритиҷоратии рушд | Фонди (Бунёди) Оғохон | «Фонди Оғохон» дар бисёр минтақаҳои деҳот дар масъалаҳои тозагӣ ва беҳдошт фаъолият дорад ва услуби кории он дар алоқамандӣ ба ҳам тадбиқ намудани масоили обтаъминкунӣ бо тозагӣ ифода ёфтааст |
| Ташкилоти байналхалқии ғайритиҷоратӣ | Котиботи байналмилалии об (КБО) | «Котиботи байналмилалии об» (*International Secretariat for Water*) ва «Ҳамдилии Аврупо барои об» (Solidarity Water Europe /SWE) як ҷунбишеро ташкил медиҳанд, ки шаҳрвандон ва созмонҳоро муттаҳид месозад, ки онҳо ба ҳифзи об аҳд намудаанд. Аҳди онҳо иборат аз он аст, ки ҳамаи одамон ба оби нӯшокӣ ва санитария дастрасӣ дошта бошанд. КБО ба ҷамоатҳои хурдтари деҳот ва шаҳракҳои хурд таваҷҷӯҳи махсус дорад, ки дар он ҷо ниёз ба инфрасохтори мувофиқ аксар вақт бештар аст. Ҳавзаҳои обиро ҳамчун чорчӯба истифода бурда, онҳо ба ҷамоатҳо дар татбиқи идоракунии ҳамгироии захираҳои об кӯмак мекунанд. Дар доираи лоиҳаи худ онҳо ҳадафи пешбурди системаи ғайримарказонидашудаи идоракуниро пеш гузоштаанд, ки устуворӣ ва муваффақияти лоиҳа аслан аз худи шаҳрвандон вобаста аст, ки онҳо худашон бо дастгирии мақомоти давлатӣ амалӣ мегардонанд. Коркунони хизмати давлатӣ бевосита кор мекунанд |
| Дастгирии бахши оби Финляндия | «ФинУотэ» (FinWater) | Таваҷҷӯҳи асосӣ ба идоракунии захираҳои об, ки дар он тозагӣ як қисми лоиҳа мебошад |
| Гурӯҳи асосии ғайритиҷоратӣ, ки дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини воситаҳои зиндагии устувор, дар қатори масъалаҳои дигар, корбарӣ мекунад | «Оксфам БК (Британияи Кабир)» (Oxfam GB) | Ҳадафи барномаи об, тозагӣ ва беҳдошт (ОТБ) дар Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ба аҳолии Тоҷикистон дастрасии беҳтару устувор ва одилонаро ба оби ошомиданӣ ва шароити муносиби тозагӣ фароҳам орад ва таъмин кунад, ки мардум рафтори хубтари гигиениро пеша намояд.<br>Ин барнома дар натиҷаи таҳлилу баррасии лоиҳаи панҷсолаи таъмини обу тозагӣ ва дар посух ба нигарониҳо роҷеъ ба дурнамои суботи ин кӯшишҳои ба харҷ додашуда, ба роҳ монда шуд. Маълум гардид, ки ТҒДБ, таъминкунандагони бахши давлатӣ ва хусусӣ ҳама дар чорчӯбаи институтсионалии мавҷуда душвориҳо мекашанд. Ҷавобан ба ин, Шабакаи обтаъминкунӣ ва беҳдошти Тоҷикистон (Шабакаи ТоҷТОС – таъмини об ва санитария) таъсис дода шуд, ки 17 вазорату идораҳои давлатӣ, оҷонсиҳои СММ, ТҒДБ, намояндагон ва арбобони илм, расонаҳо, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон, бахши хусусӣ ва Парлумонро муттаҳид мекунад. Танҳо таваҷҷӯҳ додан ба масъалаҳои расонидани хадамот ва инфрасохтор дар дурнамои тӯлонӣ имкон намедиҳад, ки шароити дастрасӣ ба об ва ташноб такмил ёбад. Ба ҷои ин, барнома усули «идоракунии худмаблағгузорӣ»-ро истифода мебарад, ки муаммоҳои муҳити институтсионалӣ ва сиёсиро ҳаллуфасл намуда, инчунин бо истеъмолкунандагон ва агентиҳои иҷрокунанда корбарӣ мекунад |
| Бузургтарин созмони умуиҷаҳоинии байниҳукуматӣ, ки ба таъмини | САҲА (OSCE) | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар таҳияи барномаи санитарии ба маҳал мувофиқ, ки ба беҳбуди вазъи санитарӣ, махсусан дар деҳот, мусоидат менамояд, ва ба ин васила имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои худро оиди таъмини оби |

| Сатҳ/Намуд | Ташкилот | Нақши асосӣ |
|---|---|---|
| амният нигаронида шудааст | | ошомиданӣ пурратар гардонад, кӯшишҳо ба харҷ дода истодааст |
| Оҷонсӣ, ки дар самти ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи рушд ва кӯмаки башардӯстона кор мекунад | Оҷонсии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ «ЭсДиСӣ» (SDC) | Ҳадафи умумии Дафтари SDC дар Тоҷикистон саҳмгузорӣ намудан ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ, мусоидат намудан ба рушди устувор, дастрасии одилона ба хизматрасониҳои босифати давлатӣ ва гузариш ба низоми давлатҳои дорои гуногунандешӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ рақобатпазир мебошад. |
| Муассисаи байналмилалии молиявӣ | Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (EBRD) | |
| Оҷонсии Созмони Милали Муттаҳид, ки барои расонидани кӯмаки башардӯстона ва рушд ба кӯдакон дар саросари ҷаҳон масъул аст | ЮНИСЕФ | ЮНИСЕФ дар буриши бахшҳои ҳифзи кӯдакон, тандурустӣ, сиёсати иҷтимоӣ, рушди барвақти кӯдакон ва таҳсилот, ОТБ (об, тозагӣ ва беҳдошт), вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда, тағйирёбии иқлим ва омодагӣ ба хатари офатҳо, кӯдакони дорои маълулият ва кор бо ҷавонон корбарӣ мекунад. Дар самти ОТБ он ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои тандурустӣ, тағйир додани рафтор ва таблиғи беҳдошти ҳайз таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд |
| Оҷонсии ғайритиҷоратӣ ва ғайридавлатии ёрирасон | Welthungerhilfe («Велтҳунгаҳилфе», ташкилоти Олмонӣ, мубориза алайҳи гуруснагӣ дар ҷаҳон) | Welthungerhilfe дар доираи барномаи «Идоракунии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист» бо 5 500 хонавода дар ҳавзаи оби Зарафшон дар шимолу ғарби Тоҷикистон корбарӣ намуда, ҷиҳати ҳифзи манбаҳои оби ошомиданиву обёрӣ ва коҳиш додани таназзули замин саҳмгузорӣ менамояд |
| Муассисаи байналмилалии молиявӣ | Бонки ҷаҳонӣ | Ҳадафҳои рушди Лоиҳаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи деҳот барои Тоҷикистон инҳоянд: (i) беҳтар намудани дастрасӣ ба хадамоти асосии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар ноҳияҳои интихобшуда; ва (ii) таҳкими иқтидори муассисаҳо дар бахши обтаъминкунӣ ва канализатсия. Ин лоиҳа аз се ҷузъ иборат аст. 1) Ҷузъи якум, Сармоягузорӣ ба инфрасохтори обтаъминкунӣ ва канализатсия, ки зерқисматҳои зеринро дар бар мегирад: (i) Сармоягузорӣ ба инфрасохтори об ва (ii) Сармоягузорӣ ба таъмини шароитҳои ОТБ дар муассисаҳои иҷтимоӣ. 2) Ҷузъи дуюм, таҳкими институтсионалӣ ва таҳкими иқтидори муассисаҳои бахши об, ки ҳадафи он маблағгузории молҳо, хизматрасониҳо ва таълими мутахассисон барои дастгирии як қатор фаъолиятҳои густариши институтсионалӣ ва таҳкими иқтидор (инчунин бо сафарбаркунии иҷтимоӣ ва тадбирандешиҳои тағйири рафтор вобаста ба ОТБ) мебошад. ки дар сатхи махаллӣ ва чумхурӣ ба амал баровард мешавад. Он дорои зерқисматҳои зерин аст: (i) Оҷонсиҳо/корхонаҳои сатҳи миллӣ ва (ii) Оҷонсиҳо/корхонаҳои сатҳи ноҳиявӣ ё маҳаллӣ. 3) Ҷузъи сеюм, Дастгирии идоракунӣ ва тадбиқи лоиҳа, ки ҳадафи он маблағгузории хароҷоти (а) ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи лоиҳа; (b) омода намудани тадқиқотҳо ва тарҳҳои пеш аз сармоягузорӣ; (c) фаъолиятҳои мониторинг ва арзёбии лоиҳа (M&A) ва татбиқи тадқиқоти ибтидоӣ ва ниҳоӣ; (d) омода намудани аудитҳои солонаи лоиҳа; ва (e) механизми баррасии шикоятҳо (МБШ)-и лоиҳа, ки имкон медиҳад системаи бақайдгирии шикоятҳои муштариёни хадамоти об ба роҳ монда шавад.<br>Тадбирҳои БҶ дар самти ТОС (таъмини об ва санитария) бо ду лоиҳа пешниҳод карда мешаванд (i) Лоиҳаи Таъмини об ва канализатсия дар деҳот; ва (ii) Лоиҳаи обтаъминкунӣ ва рафъи партови шаҳри Душанбе, ки дар чорчӯбаи он таваҷҷӯҳ |

| Сатҳ/Намуд | Ташкилот | Нақши асосӣ |
|---|---|---|
| | | мувофиқан ба деҳот ва шаҳр дода шудааст. Дар чорчӯбаи ин тадбирҳо ба масъалаи тозагӣ хеле кам аҳамият дода мешавад – асосан тавассути навсозии иншооти ОТБ дар мактабҳо ва муассисаҳои тандурустӣ дар манотиқи деҳоти 7 ноҳияи интихобшудаи вилояти Хатлон (таъмини ҳоҷатхонаҳои дорои оби равон бо зарфҳои септикӣ ва тозакунии наҷосатлойқа ва коркарди он тавассути интихоби тарҳҳои мувофиқи иншоотҳое, ки дар саросари занҷираи тозагӣ истифода мешаванд – тамоми иншооти ОТБ ва аз ҷумла истифодабарӣ ва нигоҳдории онҳо) ва иваз намудани шабакаи ташноб дар шаҳри Душанбе. Инчунин, ҳадди аққал ду фаъолияти институтсионалӣ вуҷуд доранд – якеаш таҳияи Барномаи миллии обтаъминкунӣ ва санитария (созмон додани муҳити мусоид) ва дигарар ин тартиб додани Нақшаи генералии рафъи обҳои партов (харитабандӣ намудани тамоми нақшаҳо ва манбаъҳои обтаъминкунӣ; таҳлили сифати об дар ҳама манбаҳои об, аз ҷумла обҳои зеризаминӣ) дар шаҳри Душанбе. Таҳияи ин ду санад мутаносибан аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрдории ш. Душанбе раҳнамоӣ карда мешавад |

**Мушкилиҳо**

- Оҷонсиҳои сершумор / Масъулияту ӯҳдадориҳои дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ноҳиявӣ ё маҳаллӣ парокандашуда. (Масъалаҳои идоракунӣ дар моддаҳои 5, 6, 7, 8-и Қонуни нав дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи партовобҳо баррасӣ шудаанд; аммо татбиқи он мумкин аст вақт ва тавзеҳоти иловагиро талаб кунад).
- Интизорӣ аз муассисаҳои беруна барои ҳалли масъалаҳои санитарӣ.
- Суст будани ичрои конунхо.
- Таваҷҷӯҳ додан танҳо ба масъалаҳои таъминоти об.
- Масоили таъмини об ба санитария алоқаманд гардонида нашудааст[81] (ниг. *Варақаи 6*).
- Маҳдудиятҳои захиравӣ (норасоии кормандони соҳибихтисос ё таълимдида; маҳдудиятҳои молиявӣ) дар сатҳи институтсионалӣ, махсусан пас аз сармоягузории ибтидоии инфрасохторӣ.

**Таъминоти об ва рафъи оби партов**

Миқдори кофии обтаъминкунӣ метавонад боиси ба кор андохтани ҳоҷатхонаҳои оби равондор гашта он дар навбати худ ба тавлиди оби партовҳо оварда мерасонад (ки дорои моддаҳои наҷосат ва аз ин рӯ дорои таркиби органикӣ, маводи ғизоӣ, микроорганизмҳо мебошад, ки метавонанд ба хок ва обе, ки бо онҳо дар омезиш мешаванд ва дар навбати худ таъсири зараровар дошта, ба одамон интиқол ёфтанашон мумкин аст), ки бояд ҷамъоварӣ ва безарар карда шаванд.Агар барои идоракунии обҳои партов системаҳо сохта нашаванд, ин ҳол метавонад боиси мушкилоти ҷиддии саломатии аҳолӣ ва олудашавии муҳити зист гардад.

**Варақаи 6. Робитаи байни таъминоти об ва санитария**

**Оқибатҳои ногувор:**

- Татбиқи сусти системаи санитарӣ бо сабаби бемасъулиятӣ дар навбати худ боиси мушкилоти саломатии аҳолӣ ва ифлосшавии муҳити зист мегардад.
- Натоиҷи тадбиқи лоиҳаҳо пас аз хуруҷи маблағгузор (донор) ё ТҒДБ устувор нестанд.

[81] Мусоҳибаҳо – 03/I-N-I/15; 27/I-D/12.

# 4 ТАЛАБОТУ ТАВСИЯҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САНИТАРИЯ ДАР МАНОТИҚИ ДЕҲОТ

Барои муайян кардани маҳдудиятҳои шароити заминавӣ дар манотиқи фарогири лоиҳа, таҳлили вазъи санитарӣ дар тамоми занҷираи арзиши санитарӣ (аз ҳоҷатхона то истифодаи такрорӣ/рафъи наҷосат) гузаронида шуда, мушкилот ё масъалаҳои марбутро, ки дар боби 3 таъкид шудааст, муқаррар намудем. Таҳлили мазкур сабақҳои калидии омӯхташуда ва эҳтиёҷоту талаботи мушаххасро вобаста ба чораҳои зарурии санитарӣ муқаррар намудааст, ки онҳо дар *Ҷадвали 5* таъкид шудаанд.

## 4.1 САБАҚҲОИ АСОСИИ ОМӮХТАШУДА

- Дар сурати мавҷуд набудани системаҳои мувофиқи таъмини об ва идоракунии обҳои партов, системаҳои санитарии хушк роҳи ҳалли мувофиқ мебошанд, гарчанде онҳо такмили тарҳрезӣ ва идоракуниро талаб мекунанд.
- Мақсади санитария беҳтар намудани саломатии аҳолӣ ва тозагии муҳити зист мебошад. Инро танҳо тавассути татбиқи ҳоҷатхона ба даст овардан мумкин нест. Нигоҳдории бехатар ва коркарду безараргардонии маҳсули ихроҷи одамон низ муҳим аст. Аммо ин масъаларо мардум баъзан аниқ дарк карда натавониста, санитарияро танҳо бо таъмини ҳоҷатхонаҳо баробар медонанду халос. Ин фаҳмиш ҳоло батадриҷ тағйир ёфта истодааст, зеро одамон дарк мекунанд, ки санитария маънои мукаммал кардани ҳоҷатхонаҳо, нигоҳдории бехатар ва коркарди маҳсули инсонро дорад. Ниёз ба он мавҷуд аст, ки масъалаҳои санитарӣ ҳамаҷониба ҳаллуфасл карда шаванд (ниг. Ангораи 14) – аз нуқтаи назари ҳамаҷониба ва на ин ки дар алоҳидагӣ – масъалаи обҳои хокистарӣ (партовоби маишӣ ё мағзоба), обҳои сиёҳ (обҳои наҷосат), оби боришот, партовҳои дурушт, таъминоти об – ин ҳама бояд бо усули ҳамбастагӣ, ҳамгирой ва фарогирӣ ба амал бароварда шавад (ниг. Варақаи 9). Ташаббусҳои дар шароити шаҳр тадбиқшаванда ҳамчунин метавонанд барои ҳаллуфасли масъалаҳои санитарӣ дар деҳот бо назардошти мутобиқсозии муносиб ҳамчун роҳи ҳалли масъала баррасӣ карда шаванд (ниг. Варақаи 10).
- Барои бартараф кардани камбудӣ ва ноил гардидан ба беҳбудиҳо, ҷамъоварӣ ва муқоисаи маълумот ва иттилоъ (маълумоти рақамӣ дар доираи тамоми занҷираи арзишии санитарӣ; сифати инфрасохтор ва тарзи иҷрои безараргардонӣ; истифодаи такрорӣ; арзёбии бозори маҳсулоти санитарӣ) аз лоиҳаҳои гуногун ва дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ басо муҳим аст, зеро онҳо дар айни замон дастрас нестанд.
- Татбиқи инфрасохтор дар ҳоле сурат мегирад, ки агентиҳои беруна (грантҳо) ба он сармоягузорӣ мекунанд. Бо вуҷуди ин, корандозӣ ва нигоҳдории он ба таври зарурӣ кифоят намекунад, зеро захираҳои мувофиқ мавҷуд нестанд (чӣ дар бахши давлатӣ ва чӣ дар бахши хусусӣ). Тадбиқи системаҳои дар сатҳи ҷамоатҳо идорашаванда, ки дар он ҳаққи хидматҳо миқдори ҳадди ақал доранд, яке аз роҳҳои ҳалли ин муаммо мебошад[82] (ниг. Варақаи 7).
- Сатҳи маърифатнокӣ ва дониши марбут ба санитария сарфи назар аз сатҳи баланди саводнокӣ барои ҳама ҷонибҳои манфиатдор (аз қабулкунандагони қарорҳо то корбарон) зарур аст.
- Ташаккул додани робита ва эътимод бо тамоми ҷонибҳои манфиатдор ва ҷалби онҳо дар самти бонақшагирӣ ва татбиқ, инчунин идоракунӣ дар баъзе минтақаҳои кишвар бомуваффақия ба даст оварда шудааст ва ин усулҳоро метавон барои болобарии сатҳи санитария тавсеа кардан мумкин аст (ниг. Варақаи 7).

[82] Бонки Ҷаҳонӣ. 2017. Паймона нимпур аст: Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон. Ташхиси камбизоатии ОТБ. Бонки Ҷаҳонӣ, Вашингтон, DC. Саҳифаи 127.

- Истифодаи такрории партовҳои коркардшудаи инсон (пешоб, обҳои сиёҳ, обҳои хокистарӣ) бо назардошти таълими муносиб, огоҳонӣ, ҳавасмандкунӣ, роҳнамоӣ ва дастгирии мувофиқ имконпазир аст (ниг. Варақаи 7).
- Такрор ба такрор гузаронидани маъракаҳои маърифатӣ барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор (дар бораи манфиатҳои санитария, амалияи беҳдошт, равишҳои технология) барои тағйир додани рафтор ҳалкунанда мебошад.
- Зарурати гуногунҷабҳа намудан (диверсификатсия)-и манбаи маблағҳо барои санитария вуҷуд дорад (дар айни замон маблағҳо барои санитария асосан ҳамчун грантҳо аз агентиҳои байналмилалӣ ворид мешаванд; манбаҳои дигар – бозор; шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд аз нигоҳи устуворӣ омӯхта шаванд)
- Бозори маҳсулоти санитарӣ (таъмини унсурҳои санитарӣ; таъмингарони хидматрасонӣ) дар айни замон заиф аст ва бояд барои ҷавобгӯ будан ба талаботҳои афзоянда рушд карда шавад.
- Ташкилотҳои ҷомеавӣ ё бахши хусусӣ барои идоракунии корбаст ва нигоҳдории системаҳои санитарӣ ва хидматрасонӣ бо назардошти ҳадафи мақсаднок / манфиатбарон (хонаводаҳо дар деҳот ё муассисаҳои иҷтимоӣ) ниҳодҳои босамар буда метавонанд (ниг. Варақаи 7).
- «Шунидан кай бувад монанди дидан» – тадбиқ кардани лоиҳаҳои намоишӣ-таҷрибавӣ ва корбасти муваффақонаи онҳо дар мӯҳлати муайяни вақт зарур аст, то ин ки бо мурури замон самаранокии онҳо ҳамчун намуна ва системаҳои намоишӣ хидмат кунанд (ниг. Варақаи 7).
- Қонунҳо ва механизмҳои идоракунӣ бояд возеҳтар бошанд, то ин ки тарзи фароҳам оварда шудани хидматрасонии санитарӣ самаранок гардад.

#### Ангораи 14. Сайрхаритаи оддии беҳтар кардани вазъи санитарӣ[83]

| **Қадами 1** | **Такмили системаҳои нигоҳдорӣ** |
|---|---|
| а | Баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум оиди ҳаргуна имконоти технологӣ дар сартосари занҷираи таъминоти санитария |
| б | Такмил додани системаҳои дар ҷойҳо мавҷуда |
| | Интихоби намуди ба шароит мувофиқи ҳоҷатхона (хушки пешобҷудокунанда [UDDT], EcoSan, компосткунанда, дучоҳа ва ғ.) |
| | Ҳавасмандгардонии мақомоти маҳаллии ҳокимият, роҳбарон |
| | Ба истифодабарандагон фароҳам овардани дастрасӣ ба маблағҳо (мисол, қарзҳои хурд, пардохтҳои батадриҷ) |
| | Фароҳам овардани дастрасӣ ба таъмингарони хизматрасонӣ ва механизмҳои расонидани хидмат (рушди бозори санитарӣ) |
| в | Танзим ва мониторинг |
| **Қадами 2** | **Хидмат* Муҳити мусоид** |
| | Имконоти таъмини молиявӣ |
| | Рушд додани захираҳои инсонӣ |
| | Замина (чорчӯба)-и меъёрӣ |
| | Нававарии институтсионалӣ (мисол: хизматрасонии коммуналии обу ташноб; худтаъминкунӣ) |

***** *«Хидмат» дар ин ҷо маънои аз сохторҳои нигоҳдорӣ холӣ намудан, рафъ кардан ва бозистифодабарии дурдаи наҷосатро дорад.*

Сарфи назар аз маҳдудиятҳои мавҷуда, аз ҳамкориҳои гуногун метавон муайян кард, ки ҳам ҳукумат, ҳам мардум зарурати тағйир додани нуқтаи назари худро оид ба санитария дарк мекунанд ва омодаанд ин гуна тағйиротро дастгирӣ кунанд (ниг. ба *Ангораи 15)*.

[83] Дар асоси таҳлилу хулосабарории муаллиф бар мабнои мусоҳибаҳо, баррасии ҳуҷҷатҳо ва инчунин омӯхтани таҷрибаҳои гуногун таҳия шудааст.




**Ангораи 15. Унсурҳои мусоидаткунандаи ҷорӣ**

Дар Тоҷикистон роҳҳои алтернативии технологияҳои инноватсионӣ дар самти санитария, технология, менеҷмент ва усулҳо баро такмили таҷрибаҳои тозагӣ тавассути талошҳои мухталифи созмонҳои байналмилалӣ оғоз шуда истодаанд. Тағйирёбии рафтори марбут ба тозагӣ низ ҳамчун як ҷанбаи муҳим ва омили пешравии босамари санитарӣ эътироф карда шуда истодааст. Ин тадбирҳо байни мардум ва ҳукумат дастгирии бештар пайдо карда истодаанд. Баъзе мисолҳо дар зер оварда шудаанд.

**Усулҳои Котиботи байналмилалии об вобаста ба таъмини об ва тозагӣ дар деҳот**

Котиботи байналмиллалӣ оид ба об (КБО) дар лоиҳаи худ дар водии Фарғона аз баланд бардоштани огоҳӣ, рушди эътимоди одамон тавассути иштироки онҳо дар тамоми марҳилаҳои лоиҳа ва инчунин дар идоракунии системаҳои татбиқшаванда бо истифода аз усули муштараки ҷалби ҷомеа тадбирҳояшро пайгирӣ кардааст.
Барои идоракунии системаҳои таъмини оби нӯшокӣ Ташкилотҳои оби нӯшокӣ (ТОН) ҳамчун сохтори маҳаллии институтсионалӣ бо намояндагии хонаводаҳо созмон дода шуданд – онҳо инчунин дар ҷамъоварии маблағи саҳмӣ барои сохтмон (30% аз арзиши он) кӯмак мекунанд ва ҳуқуқи татбиқи тарофаҳоро доранд (аз ҷониби Агентии зиддинҳисорӣ тасдиқ карда шудааст). Ин инчунин ба ТОН имкон медиҳад, ки аз бонкҳо маблағи сармоягузорӣ ҷӯянд. ТОН дар баъзе минтақаҳои лоиҳа ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятиро идора мекунанд. Оҷонсии зиддиинҳисории сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ тарофҳои обро дар тамоми шабакаҳои оби деҳот, ки бо дастгирии лоиҳа амалӣ карда шудаанд, тасдиқ намуд. Дар шабакаҳои обтаъминкунии деҳот, ки дар ноҳияҳои Конибодом, Исфара, Мастчоҳ ва Спитамен ҷойгиранд, тарофаҳоеро истифода мебаранд, ки на танҳо хароҷоти пурраи истифода ва нигоҳдорӣ, балки хароҷоти асосиро низ мепӯшонанд. Ин тавассути пайгирии доимии Созмон, пешбурди манфиатҳо (лоббикунӣ) ва иртиботи таҷрибаи муваффақ дар лоиҳаҳо ба даст омад.
Дар доираи ин лоиҳа ҳоҷатхонаҳои EcoSan сохта шудаанд ва аз ҷониби корбарон хуб нигоҳдорӣ мешаванд. Истифодаи такрории маҳсулоти иловагии коркардшуда – пешоб ва наҷосати компостӣ аз тарафи аҳолии маҳаллӣ хуб қабул карда мешавад. Ин қабулкунӣ тавассути маъракаҳои мунтазами бардоштани огоҳӣ ба даст оварда шудааст. Ҳоҷатхонаҳои обдор бо зарфҳои септикӣ ва ботлоқзорҳои сохташуда низ ба кор андохта шуданд ва бомуваффақият кор мекунанд.
Системаҳо дар муассисаҳои давлатӣ ҳамчун воҳидҳои намоишӣ хизмат мекунанд ва одамонро барои дар хонаводаҳои худ татбиқ кардани чунин системаҳо тарғиб мекунанд. Идораи СЭС инчунин системаи ҳоҷатхонаи EcoSan-ро ҳамчун намоиш татбиқ кардааст.

Манбаъ: www.sie-see.org

**Варақаи 7. Намунаи лоиҳаи тадбиқи усулҳои имконпазири мудохилаҳои санитарӣ**

## Тадбирҳои маркетинги санитарии Оксфам

Дар солҳои охир Оксфам якчанд таҳқиқотеро анҷом дод, ки ҳадаф аз он муайян кардани имконпазирии усулҳои бозорӣ (вобаста ба маҳсулоти санитарӣ) барои беҳбуди вазъи санитарӣ дар Тоҷикистон буд. Дар чорчӯби ин тадқиқотҳо иқтидори бахши хусусӣ ва муассисаҳои давлатӣ дар бобати фароҳам овардан ва дастгирӣ намудани таъмини маҳсулот ва хидматҳои санитарии муносибу устувор баррасӣ карда шуд. Як қатор омилҳои мусоид вуҷуд доранд (чунон ки дар Ангораи 10 низ қайд карда шудааст) – ба монанди муштариёне, ки мехоҳанд иншооти ҳоҷатхонаи худро беҳтар созанд, як қатор устоҳои омӯзонидашуда (барномаҳои омӯзишӣ инчунин аз ҷониби Оксфам амалӣ карда мешаванд), сиёсатҳо оид ба тарҳрезии ҳоҷатхонаҳои мукаммал, таъминоти хуб ба роҳ мондашудаи занҷираи таъмини масолеҳи сохтмонӣ ва бозори ривоҷёбандаи маҳсулоти санитарӣ, ки мавҷудияти ин омилҳо чунин маъно дорад, ки усулҳои бозорӣ барои беҳбуди вазъи санитарӣ имконпазир ҳастанд. Оксфам бар асоси таҷрибаи чандинсолаи худ ва равобити хуб бо ҳукумат ва дигар ҷонибҳои манфиатдори соҳа ин азму талош карда истодааст, ки масъулони соҳаро ба кор карда баромадан ва санҷидани усули мазкур раҳнамоӣ кунад. Тавре ки дар ин Тадқиқот таъкид шудааст, дар Тоҷикистон ба иншооти санитарӣ дастрасӣ мавҷуд аст. Бо вуҷуди ин, гузориш дода мешавад, ки ин иншоотҳо аксаран ба талаботҳои меъёрҳои гигиенӣ ҷавобгӯ нестанд – «нигоҳдории наҷосат таъмин карда нашудааст, тоза кардани рӯйпӯшҳо осон нест, иншоотҳо мунтазам аз наҷосат холӣ карда намешаванд ва баъзе ҳоҷатхонаҳо аз ҳад зиёд истифода мешаванд» (Маркетинги санитарӣ дар Тоҷикистон, 2017, барномаи WSUP). Бар асоси таҳқиқоти созанда, Оксфам дар се деҳаи ноҳияи Рӯдакӣ бо истифода аз низоми омехтаи маркетингӣ (маҳсулот, нарх, таблиғ, ҷой ва одамон) ва шарикӣ бо бахши хусусӣ, бо мақсади фурӯши маҳсулоти ОТБ ба хонаводаҳое, ки дорои имконоти моливии беҳтар (имконоти пардохти батадриҷ) ҳастанд, озмоиши тадбири «маркетинги тозагӣ»-ро, анҷом дода истодааст, то ки вазъияти тозагӣ дар сатҳи хоҷагиҳо беҳтар карда шавад. Иҷрои ин тадбир ба ҷорӣ намудани имконоти нави технологияҳо, кор бо бахши хусусӣ барои рушди иқтидори бозор, талабот ва кор дар самти тавсеаи бозор тавассути ҷорӣ намудани рафтори беҳтари тозагӣ ва беҳдошт нигаронида шудааст. Оксфам инчунин нақша дорад, ки бо ширкатҳои хидматрасонии молиявӣ барои пешниҳодҳои маблағгузорӣ ба истеъмолкунандагони мувофиқ корбарӣ намояд, то ин ки харидуфурӯшро ривоҷ диҳад ва инчунин барои амалӣ намудани тағйироти мусбии рафтор нақшаҳои ҳавасмандгардониро ташкил кунад. Ба истеъмолкунандагон як миқдори хурди имконоти маблағгузорӣ фароҳам оварда мешавад, то ин ки дар чорчӯби ин тадбирҳо дар тамоми қишрҳои аҳолӣ новобаста аз сарвату даромадашон такмили санитарӣ сурат гирад. Лоиҳа идома ёфта истодааст, бинобар ин, таъсири ниҳоии онро ҳоло муайян карда намешавад.

Маълумотҳо аз намояндагони Оксфам ва лоиҳаи Маркетинги санитарӣ дар Тоҷикистон, 2017, барномаи WSUP

**ВАРАҚАИ 8. НАМУНАИ ТАДБИҚИ МАРКЕТИНГИ САНИТАРӢ**

## Идоракунии ҳамгирошудаи обҳои партов

Бо мурури он ки дар бозор воситаҳои алтернативии сохтани ҳоҷатхонаҳо дар муқоиса ба амалияи кунунии ҳоҷатхонаҳои «сӯрохӣ дар замин», ки ба чоҳҳои девораҳояш рӯйбандинашуда алоқамананданд, пайдо шуда истодаанд ва саъю кӯшиши мардум барои беҳтар кардани ҳолати санитарӣ дар хонаҳояшон вусъат меёбад, зарурати он ба миён омада истодааст, ки мутахассисони соҳаи санитария барои дарёфти роҳҳои мувофиқи сохтани ҳоҷатхонаҳо омода шаванд ва ба системаҳои гуногун, ки метавонанд дар як деҳа, шаҳрак ё шаҳр вуҷуд дошта бошанд, онҳоро мутобиқ намоянд. Илова бар ин, дар баробари он ки шароитҳои таъминоти об беҳтар шуда истодаанд ва мардум аз истифодаи ҳоҷатхонаҳои хушк ба истифодаи ҳоҷатхонаҳои об равондор мегузаранд, мушкилоти идоракунии рафъи обҳои партов низ афзоиш хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, усули ҳамгирошудаи идоракунии обҳои партов самти мантиқии ҳаракат ба пеш аст.

Роҳи ноилшавӣ ба ин тарзи идоракунӣ пеш аз ҳама аз таҳия намудани нақшаи санитария барои деҳа/шаҳр/шаҳрак иборат бояд бошад, ки ба таври муассир ҳама масоили рафъи обҳои партовро (обҳои хокистарӣ + обҳои сиёҳ + обҳои боришот) дар системаҳои нигоҳдории иншоотӣ ё канализатсионӣ, ки аз ҳама манбаъҳо тавлид мешаванд, дар ҳудуди мавзеи аҳолинишин (деҳа/шаҳр/шаҳрак) ҳаллуфасл мекунад.. Сипас муайян кардан зарур аст, ки ба кадом роҳҳо чораёнҳои гуногуни обҳои партовро аз ҷиҳати илмӣ коркарду безарар гардонидан, истифодабарӣ ва ба таври устувор иншоотҳои ба он вобастаро нигоҳдорӣ кардан мумкин аст. Ин усул дар якҷоягӣ истифода шудани системаҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавиро барои ҳалли эҳтиёҷоти санитарӣ (дар макони ҷойгиршавӣ ва берун аз он / дорои ташноб ва бе ташноб) дар шароити шаҳр ба таври батадриҷ афзоянда пешбарӣ менамояд.

Чунин усули ҳамгирой айни замон дар Ҳиндустон дар бисёр шақраку шаҳрҳо қабул карда шуда истодааст, зеро тамоюли шаҳришавии манотиқи деҳоти ин кишвар (вобаста ба системаҳои санитарии маҳаллӣ) бештар шуда истодааст. Дастур оид ба қабули қарорҳо барои усули ҳамгирошуда дар поён ба таври возеҳ оварда шудааст, ки он аз «Дастур оид ба идоракунии ҳамгирошудаи обҳои партов ва сепажҳо» гирифта шудааст. Ин дастур аз ҷониби Комиссар ва Директори Департаменти идоракунии шаҳрдории Ҳукумати Телангана, Ҷумҳурии Ҳиндустон дар соли 2018 нашр шудааст. Дар он усули стратегӣ, ки аз ҷониби Илоёти Телангана дар Ҳиндустон таҳия карда шуда, барои ҳалли идоракунии масоили рафъи обҳои партов аз нуқтаи назари истифодаи оптималии захираҳои об, бо истифода аз системаҳои мавҷудаи идоракунии партовобҳои ғайрианъанавӣ равона карда шудааст, муқаррар мешавад. Ин усул суботи кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд, ки бар пояи он тадриҷан ҳадафҳои дарозмуддати фарогирии 100 фоизаи аҳолӣ бо хадамоти идоракунии обҳои партов амалӣ карда мешавад.

ТАСМИМГИРӢ ВОБАСТА БА СИСТЕМАҲОИ ДАМГИРОШУДАИ ИДОРАКУНИИ ОБУ ТАШНОБ ВА ТОЗАГӢ ДАР МИҚЁСИ ШАҲР




Дар дастур маҷмӯи шаш «принсипҳои роҳнамо» таъкид карда шудааст, ки ба шахсони тасмимгиранда дар таҳияи нақшаҳои мувофиқи санитарӣ, ки одилона, устувор ва аз ҷиҳати иқтисодӣ рақобатпазиранд, кӯмак мекунад. Равандҳои банақшагирӣ, тарҳрезӣ, татбиқ, меъёрҳои техникии интихоби технологияҳо ва корбасту нигоҳдорӣ дар асоси стандартҳои дар Ҳиндустон амалкунанда ба тарзи қадам ба қадам шарҳ дода шудаанд. Дар он инчунин имконоти устувори технология дар робита ба арзиши сармоявӣ, хароҷоти корбасту нигоҳдорӣ ва таъмир, талабот ва бартариятҳои истифодаи нерӯ, ҳамчунон чорчӯбаи меъёрӣ шарҳ дода шудааст.

**ВАРАҚАИ 9. НАМУНАИ ЛОИҲАИ ТАДБИҚИ УСУЛИ ҲАМГИРОШУДАИ ТАЪМИНИ ТОЗАГӢ**

## Санитарияи фарогири шаҳрӣ (CWIS)

Дар чорчӯбаи лоиҳаи Санитарияи фарогири шаҳрӣ (CWIS) кӯшишҳо ба он равона шудаанд, ки тамсилаи санитарии шаҳр тағйир дода шавад то ин ки дастрасии ҳама ба санитарияи бехатар идорашаванда таъмин гардад. Ин тавассути пешбурди як қатор роҳҳои ҳали тозагӣ – ҳам дар макони ҷойгиршавӣ (ғайриташнобӣ) ва ҳам берун аз он (ташнобӣ), мутамарказ ё ғайримарказонидашуда, роҳандозӣ мешавад, ки ба воқеияти шаҳрҳои тез тараққӣ ёбандаи ҷаҳон мутобиқ карда шудаанд. CWIS чунин маъно дорад, ки дар он таваҷҷӯҳи асосӣ на ба бунёди инфрасохтор, балки ба пешниҳоди хадамот ва муҳити мусоид дода мешавад.

Ба CWIS чунин хусусиятҳо хосанд:

Ҳама аз натиҷаҳои муносиби расонидани хадамоти санитарӣ баҳра мебаранд; маҳсулҳои ихроҷи одамон дар тамоми занҷираи хидматрасонии санитарӣ бехатар идора карда мешаванд; ба таври самарабахш дубора истифодабарӣ ва барқарор намудани захирахо ба назар гирифта мешавад; барои истифода аз усулҳои мутобиқшаванда, гуногунҷабҳа ва афзоянда як қатор қарорҳои техникӣ фаро гирифта шудаанд; роҳҳои ҳалли тозагӣ дар макон ва бо истифода аз ташноб дар системаҳои мутамарказ ё ғайримарказонидашуда дар якҷоягӣ ба амал бароварда мешаванд, то ин ки ба воқеиятҳои дар шаҳрҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ мавҷуда ҷавобгӯ бошанд.

Барои роҳандозии CWIS чор пояи асосии созанда мавҷуд аст: (1) Афзалият додан ба масоили ҳуқуқи ҳама ба санитария, ки тибқи он стратегияҳои фарогир ба маҳалҳои аҳолинишини ғайрирасмӣ ва аҳолии осебпазир дастрас мегарданд; (2) Тадбиқи «идоракунии бехатар» дар тамоми занҷираи хидматрасонии санитарӣ тавассути тамаркуз на ба технологияҳо, балки ба натиҷаҳои хадамот ва ҳамчунин тавассути фарогирии инноватсия ва рушди батадриҷ; (3) Эътироф намудани нақшу саҳми масоили тозагӣ ва беҳдошт дар иқтисоди пешрафтаи шаҳрӣ тавассути ҳамгироии ин масоил ба раванди банақшагирии шаҳрӣ, ислоҳоти сиёсати танзимкунанда ва фарогирии барқарорсозӣ ва истифодаи дубораи захираҳо ва (4) Омодагӣ барои кор дар ҳамкорӣ миёни бахшҳо ва ҷонибҳои манфиатдор барои пешрафт тавассути созмон додани муассисаҳои дорои масъулияти амиқ ва ворид намудани масоили санитария ба дохили системаҳои шаҳрдорӣ.

Санитарияи фарогири шаҳрӣ интихоби технологияро ба таври возеҳ инкор менамояд. Натиҷаҳои возеҳи хидматрасонӣ – барои ҳама сокинон, дар минтақаҳои дорои низоми ташноб ва бе он – инчунин мулоҳизаҳои имконпазирии система (масалан, иқтидори молиявӣ, экологӣ, сиёсӣ, иқтидори ташкилӣ, фарҳангӣ ва дигар омилҳо) ба тарҳрезии система ва интихоби технология маълумот медиҳанд. CWIS ба фаҳмиши бунёдии он асос ёфтааст, ки ба масоили идоракунии партову маҳсулҳои ихроҷи инсонӣ дар шаҳрҳо вобастагӣ доштан аз нокомиҳои хоси бозорӣ таъсир расонида ва аз ин рӯ, бояд ҳамчун хидмати давлатӣ ташкил шавад, аз ҷумла таъмини нигоҳдории бехатар барои ноил шудан ба ҷузъҳои санитарии манфиатҳои ҷомеа (яъне, бехатарӣ ва фарогирӣ). Ин масъала ҷалб гаштани давлатро дар сохтори бозор талаб намуда, аммо нақши бахши хусусиро истисно ва ё кам намекунад. Барои ноил шудан ба натиҷаҳое, ки дар доираи ваколатҳои қонунии мақомоти хидматрасонӣ пешбинӣ шудаанд, онҳо бояд дар сатҳи хуб иҷро шудани хизматрасониҳоро таъмин намоянд. Ин тавассути эҷоди ангезаҳои бозорӣ барои сармоягузорӣ ва инноватсия имкониятҳои иштироки бахши хусусиро дар ин самт васеъ мекунад.

Манбаъ: МАҚОЛАИ МУХТАСАРИ СИЁСАТ- Front. Environ. Sci., 28 феврали 2020; https://doi.org/10.3389/fenvs.2020.00019; Санитарияи фарогири шаҳрӣ: Усули хидматрасонии давлатӣ барои расидан ба ҲРУ-и санитария шаҳрӣ; Алисе Шреконгост (Alyse Schrecongost), Даниел Педи (Danielle Pedi), Ян Виллем Розенбум (Jan Willem Rosenboom), Рошан Шреста (Roshan Shrestha), Раду Бан (Radu Ban); Фонди Билл ва Мелинда Гейтс, ш.Сиэтл, Вашингтон, Иёлоти Муттаҳида

**ВАРАҚАИ 10. НАМУНАИ ТАДБИҚИ УСУЛИ САНИТАРИЯИ ФАРОГИР ДАР МУҲИТИ ШАҲР**

## 4.2 Усули роҳандозии тадбирҳои тозагӣ

Дар асоси бозёфту мушкилот, сабақҳои калидиву интизориҳо аз мудохилаҳои санитарӣ дар минтақаи лоиҳа чунин тавсия дода мешавад, ки барои кор карда баромадани усули мукаммалу ҳамаҷонибаи иҷрои лоиҳаи санитарӣ як зумра арзёбиҳои муайян гузаронидан зарур аст (ниг. *Ҷадвали 5*):

### Ҷадвали 5: Усулҳои мудохилаи санитарӣ

| | **Нақшаи чорабинӣ** | **Натиҷа** |
|---|---|---|
| 1 | Арзёбии пешакӣ | Гузориши таҳқиқот (анҷомшуда) муҳити мусоид муайян ва мушкилот муқаррар карда шудааст |
| 2 | Меъёрҳои интихоби деҳаҳоро барои тадбирҳои озмоишӣ муайян кунед ва деҳаҳоро интихоб кунед | Деҳаҳои озмоишӣ интихоб карда шуданд |
| 3 | Муайян кардани имконоти мувофиқ барои идоракунии тадбирҳои санитарӣ (рақобатпазирии институтсионалӣ ва иқтисодӣ) / муассисаи масъул барои мудохилаҳои санитарӣ (ба истиснои САҲА), ташаккули он, таҳияи нақшҳо ва ӯҳдадориҳо | «Гурӯҳи корӣ»-и санитарӣ (метавонад шахси ҳуқуқии нав ё мавҷуда бошад, ки дорои аъзоёни соҳибхтисос бошад). Сохти муассиса (қонунан эътиборнок) бояд барои амалисозӣ ва идоракунии татбиқи тадбир(ҳо)-и озмоишӣ аз ҷиҳати молиявӣ устувор бошад. |
| 4 | Хулосаҳои ниҳоии Таҳқиқоти китобии анҷомёфтаро тавассути боздидҳои саҳроӣ тасдиқ ва ҷонибҳои асосии манфиатдорро муқаррар намоед. | Мушкилоти асосӣ ва ҷонибҳои манфиатдор муайян карда шуданд |
| 5 | Омӯзиши «Дарки маҳаллӣ»-ро дар деҳаҳои пилотӣ дар мавзӯи «Санитария чист ва манфиатҳои он дар чист» баргузор намоед | Зарурати тағйир додани рафтори мушаххас ва баланд бардоштани маърифатнокӣ муайян карда шуд |
| 6 | Гузаронидани арзёбии сатҳи ифлосшави обанборҳои мавҷудаи рӯизаминӣ, обҳои зеризаминӣ ва хок) | Муайян кардани ҳадафҳои тарҳрезӣ ва безараргардонӣ ва феҳристи имконоти инфрасохтори санитарӣ ва идоракунии онҳо дар тамоми занҷираи арзишии санитарӣ мувофиқан ба шароитҳои мушаххаси мавҷудаи ҷуғрофӣ ва инчунин ниёзу талабот |
| 7 | Гузаронидани арзёбии талабот ба санитария (беҳбудӣ дар ин соҳа) – одамон ба чӣ пардохт кардан омодаанд | Талаботи одамон аниқ муайян карда шуд |
| 8 | Гузаронидани арзёбии эҳтиёҷоти зарфият барои ҷонибҳои манфиатдори гуногун ва таҳияи нақшаи ҷалби онҳо | Нақшаи рушди зарфият тасвиб ва стратегияи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор муқаррар шуд. |
| 9 | Пешниҳод ва итмоми нақшаи татбиқи лоиҳа аз тарафи ҷонибҳои манфиатдор ва арзёбии имконпазирии техникӣ, ки пас аз он тадбиқи лоиҳа амалӣ мегардад | Нақша тасдиқ ва Тадбирҳои озмоишӣ (пилотӣ) иҷро шуданд |
| 10 | Мониторинги система ва ҳуҷҷатгузории сабақҳои омӯхташуда | Арзёбӣ ва такмилдиҳӣ мунтазам иҷро мешавад |

Амалҳои афзалиятноки дар ин гузориш пешниҳодшуда барои идоракунии беҳтари масоили таъмини тозагӣ дар деҳоти Тоҷикистон ва ба ин васила ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ як нуқтаи ибтидоӣ месозанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки пас аз муайян карда шудани деҳаҳои озмоишӣ барои тадбиқи барномаҳои мудохила, арзёбии мазкур бояд аз нав баррасӣ карда шавад. Пеш аз анҷом додани вариантҳои лоиҳаҳои санитарӣ бояд арзёбии имконпазирии техникӣ гузаронида шавад. Фаъолиятҳои мудохилаи муайяншударо бо ҷонибҳои манфиатдор муҳокима карда ва дар ҳолати зарурӣ тағйир додан мумкин аст.

Илова бар ин, ба тартиб даровардани ҳама гуна чорабиниҳои санитарии дар деҳаҳои озмоишии интихобшуда рафтаисода бисёр муҳим аст, то ин ки захираҳо ба таври самаранок истифода карда шаванд (масалан барои илова кардан ё кам/мутобиқ кардани захираҳо). Дар баробари ин, аз ибтидо ба таври қавӣ ҷалб намудани ҷомеаи сокини деҳот ва инчунин ҷонибҳои манфиатдор аз ҷониби ҳукумат хеле муҳим мебошад, масалан тавассути дастгирӣ намудани баргузории вохӯриҳои ҷамъиятӣ оид ба рафти татбиқи лоиҳа ва чорабиниҳои ҳамшабеҳ оид ба баланд бардоштани маърифатнокӣ.

# 5 ЗАМИМАҲО

## 5.1 ЗАМИМАИ 1: ҚАЙДҲОИ СӮҲБАТУ МУҲОКИМАҲО

(Эзоҳ: Дар чорчӯбаи таҳқиқоти мазкур муҳокимаҳои электронӣ бо коршиносон ва созмонҳои гуногун бо мақсади гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи вазъи санитарӣ, иншооти беҳдоштӣ ва вазъи хизматрасонӣ дар деҳот, сатҳи огоҳӣ ва тасаввурот дар бораи масоили таъмини тозагӣ, ҷалби ҳукумат ва мушкилоти асосӣ дар татбиқи тадбирҳои санитарӣ гузаронида шуданд. Пеш аз анҷом додани сӯҳбатҳо, ба ташкилоту шахсони мусоҳибашаванда оиди он ки чаро муаллиф мехост бо онҳо ин мавзӯҳоро муҳокима намояд, шарҳ дода шуд. Барои таъмини махфият номи ашхос ва созмонҳо, рамзгузорӣ ва тавре дар зер тавсиф шудааст, пешниҳод карда шудааст, то ин ки ба нуктаҳои дар рафти мусоҳибаҳо баррасишуда имкони истинод кардан пайдо гардад. Нуктаҳои дар ин қайдҳо зикршуда айнан нақлшуда нестанд ва бо суханони худи муаллиф дарҷ гардидаанд.

| | Номгӯй | Рамзҳо/Ихтисорот |
|---|---|---|
| i. | Ташкилоти байналмилалии ғайридавлатӣ – Оҷонсии иҷрокунанда | I-N-I |
| ii. | Ташкилоти байналмилалии ғайридавлатӣ – Донор | I-N-D |
| iii. | Агентии байналмилалии донорӣ | I-D |
| iv. | Коршиноси байналмилалӣ | I-E |
| v. | Фонди байналмилалии хусусӣ | I-F |
| vi. | Муассисаи байналмилалии таҳқиқотӣ | I-R |

*Дар асоси рақамгузорӣ, намуди ташкилот/шахсон ва санаи мусоҳиба рамзгузорӣ дар шакли сана / намуди ташкилот ё рақами инфиродӣ / тартибӣ дода шудааст.*

| Рақами тартибӣ | Санаи мусоҳиба | Намуди ташкилот / Шахс | Рамз |
|---|---|---|---|
| 1. | 20.05.2020 | I-N-D | 20/I-N-D/1 |
| 2. | 20.05.2020 | I-E | 20/I-E/2 |
| 3. | 20.05.2020 | I-D | 20/I-D/3 |
| 4. | 21.05.2020 | I-N-I | 21/I-N-I/4 |
| 5. | 21.05.2020 | I-E | 21/I-E/5 |
| 6. | 22.05.2020 | I-D | 22/I-D/6 |
| 7. | 22.05.2020 | I-D | 22/I-D/7 |
| 8. | 22.05.2020 | I-D | 25/I-D/8 |
| 9. | 25.05.2020 | I-N-I | 25/I-N-I/9 |
| 10. | 26.05.2020 | I-R | 26/I-R/10 |
| 11. | 27.05.2020 | I-F | 27/I-F/11 |
| 12. | 27.05.2020 | I-D | 27/I-D/12 |
| 13. | 02.06.2020 | I-D | 02/I-D/13 |
| 14. | 02.06.2020 | I-D | 02/I-D/14 |
| 15. | 03.06.2020 | I-N-I | 03/I-N-I/15 |

**Мусоҳибаи 1 – 20/I-N-D/1**

- Ҳоҷатхонаҳо хеле оддӣ ҳастанд, ки аз дар ҷойи аз назар дур сохта шудаанд, одатан аз рӯи тарҳи «сӯрохӣ дар замин», ки бо тахтаи чӯбӣ сарпӯш шудаас, ё бидуни тахта барои пӯшидани сӯрохӣ буда метавонад. Чуқурии он метавонад аз 1,5 то 2 м бошад ва паҳноӣ / қутри он аз рӯи андозаи замини мавҷуда аст. Ҳоҷатхонаҳо одатан берун аз хона дар ҳавлӣ ҷойгиранд. Сохтори болоии ҳоҷатхона аз рӯи қобилияту имкониятҳои молиявии соҳиби хона сохта мешавад. Одатан, ин сохтори муваққатӣ мебошад – чодари брезентӣ, ки ба болои каркаси чӯбӣ пӯшида шудааст. Дар ҳоҷатхона ягон дастгоҳи дастшӯйӣ вуҷуд надорад. Ҳоҷатхонаҳои оби равондор одатан дар деҳот татбиқ карда намешаванд, зеро ба роҳ мондани ҷорӣ намудан, нигоҳдорӣ ва рафъи муносиби обҳои партов фазои зарурӣ вуҷуд надорад.
- Сохтори нигоҳдорӣ одатан танҳо аз як чоҳ (замини кофташуда) иборат аст, ки деворaҳои он рӯйбандӣ ё андова нашудаанд. Дар баъзе ҳолатҳо одамон ҳалқаҳои бетониро дар чуқурӣ гузошта насб мекунанд, аммо ҳамоно қаъри он рӯйпӯш карда намешавад. Ҳангоми ворид шудани сиёҳоб ба ин чоҳҳо, моддаҳои сахти он дар чоҳ нигоҳ дошта шуда оби олуда ба хоки атроф ворид мешавад. Ин чоҳҳо одатан холӣ карда намешаванд. Вақте ки ин чуқуриҳо пур мешаванд (ин гоҳо то 10 сол давом мекунад), дар ҳавлӣ чоҳи дигар кофта ҳоҷатхона ба он ҷой кӯчонида мешавад. Чоҳи пуршуда баста ва ҳамон тавре ки ҳаст, гузошта мешавад.
- Безараргардонӣ ва истифодаи дубораи сиёҳоб вуҷуд надорад.
- Дар умум одамон барои истифодаи дубораи моддаҳои наҷосат/сиёҳоб дар кишоварзӣ чандон майл надоранд.
- Хокистароб (мағзоба) аз хонаҳо ба ҳавлӣ ҷорӣ карда мешавад ва дар моҳҳои тобистон ҳамчун манбаи обёрӣ барои обчакорӣ истифода мешавад. Дар зимистон онро аз ҳавлӣ ба кӯча, канори роҳ ё ба ҷӯйборҳо ё наҳрчаҳое, ки оби барфу борон ба он ҷорӣ мешавад, равон мекунанд. Ин об оқибат мумкин аст ба наҳру дарё ва ё кӯлҳо рафта бирезад.
- Азбаски мавзеи болооби дарёи Зарафшон минтақаи кӯҳистон аст, замин санглох буда, обҳои зеризаминӣ дастнорас мебошанд. Об дар қишрҳои обгарди замин мавҷуд буданаш мумкин аст. Одатан дар деҳоти ин минтақа рӯду дарёҳо мавҷуданд.
- Об дар деҳот одатан аз рӯдҳо ё дарёҳо таъмин карда мешавад. Миқдори чоҳҳои амудӣ ё дастӣ кофташуда хеле кам аст. Об ба хонаводаҳо ё тавассути қубурҳо (ки одатан аз як нуқтаи умумӣ дар назди якчанд хонаҳо иборат мебошад) аз ин рӯд/дарёҳо ё дастӣ оварда мешавад. Гуфтан мумкин аст, ки таъминоти об ба миқдори 30 л. ба ҳар сари аҳолӣ дар як шабонарӯз ва ё ҳатто камтар маҳдуд аст.
- Қазои кушоди ҳоҷат (дефекатсияи кушод) хеле маҳдуд аст ё метавон гуфт, ки он вуҷуд надорад. Мактабҳо ҳоҷатхона доранд (аммо маҳдуд ва барои шумораи донишҷӯён ё кормандон мувофиқ нестанд ва дар ҳолати бад қарор доранд). Муассисаҳои тандурустии ҷамъиятӣ низ ҳоҷатхона доранд, аммо онҳо дар ҳолати хеле бад қарор доранд. Вазъи санитарӣ барои мардум ва ҳамчунин ба ҳукумат низ аҳамияти аввалиндараҷа надорад. Мардум камбағал ҳастанд ва намехоҳанд барои ҳоҷатхона пул сарф кунанд. Онҳо метавонанд на барои беҳтар кардани вазъи санитарии хонаводаи худ, балки барои харидани автомашинаҳои кӯҳнаи дасти дуюм пули худро масраф намоянд. Дар шароити пасошӯравӣ ба беҳтар кардани ҳолати санитарӣ хеле кам аҳамият дода мешавад, зеро одамон барои беҳтар кардани даромад ва тарзи зиндагии худ мубориза мебаранд.
- Тавлиди партовҳои дурушт дар деҳот маҳдуд аст. Тавлиди партовҳои пластикӣ ва коғаз хеле кам аст. Партовҳои органикӣ дар хонаводаҳо ҷамъ карда мешаванд ва одатан бо саргини чорво ва компост омехта мешаванд. Инҳо дар боғу обчакории заминҳои наздиҳавлигӣ ё хоҷагиҳои кишоварзӣ истифода бурда мешавад. Баъзе партовҳои органикӣ инчунин метавонанд бо саргини ҳайвонот омехта карда шуда дар шакли таппакҳо хушк карда мешаванд ва ҳамчун маводи сӯзишворӣ барои афрӯхтани алав истифода шаванд (ангишт мавҷуд аст).

- Сатҳи саводнокӣ дар кишвар баланд аст, аммо сатҳи маърифатнокӣ дар бораи санитария, робитаи байни санитария ва саломатӣ ниёз ба такмил дошта хеле маҳдуд аст. Омодагӣ ба тағйирот аз сабаби камбизоатӣ маҳдуд мешавад.
- Аксари лоиҳаҳои санитарӣ аз ҷониби агентиҳои байналмилалие, ки дар кишвар кор мекунанд, амалӣ мешаванд. Таваҷҷӯҳ ҳануз ба масъалаи таъминоти об дода мешавад, вале на ба бехтар намудани вазъияти санитарӣ.
- Таъмини об вобаста ба андозаи деҳа ва маъмурияти он аз ҷониби Кумитаи деҳот (қисман интихобшуда ё таъиншуда), ташкилотҳои ҷамоатӣ ё Кумитаи истифодабарандагони об ё худи одамон пурра ё то андозае идора карда мешавад. Пешвоёни динӣ низ дар роҳнамоӣ ва идоракунии ҷамоатҳои деҳот нақши муҳим мебозанд.
- Стандартҳои рафъи обҳои партов эҳтимол мавҷуд бошанд, аммо истифода намешаванд, махсусан дар деҳот. Ҳатто стандартҳои сифати оби нӯшокии дар деҳот таъминшаванда риоя карда намешаванд.

**Мусоҳибаи 2 – 20/I-E/2**

- Мардуми Тоҷикистон хеле дилкушоду хайрхоҳ ва ба ҳамкорӣ кушод ҳастанд, аммо ба забони англисӣ бисёриҳо ҳарф намезананд, аз ин рӯ тарҷума муҳим аст. Барои ҳамин ҳам фаҳмида гирифтани нозукиҳои масъала бисёр вақт душвор буданаш мумкин аст.
- Одамон дар бораи санитария гап намезананд ва аз ин рӯ барқарор кардани робитаи хуб бо ҷомеа барои фаҳмидани нуқтаи назари онҳо дар бораи санитария муҳим мегардад. Аз ин рӯ, моил кардани одамон ба сӯҳбат дар бораи санитария ва корбарӣ намудан бо онҳо дар самти беҳтар кардани вазъи тозагӣ хеле душвор аст. Иштироки ҷомеа дар муҳокимаҳои марбут ба санитария душвор буданаш мумкин аст.
- Ҷалби пешвоёни ҷомеа ба корҳо ва иҷрои ташаббусҳо бо роҳбарии ҷомеа муфид хоҳад буд.
- Одамон дар бораи манфиату фоидаҳои доштани шароити мукаммали санитарӣ он қадар фаҳмиши аниқ надоранд.
- Иштироки ҳукумат дар соҳаи санитария хеле маҳдуд аст.
- Дарачаи таълиму саводнокӣ умуман баланд аст.
- Тарҳрезии ҳоҷатхонаҳо хеле оддӣ буда, одатан дур аз хона дар ҳавлӣ ҷойгиранд. Он одатан дар шакли чоҳи торик буда, ба хубӣ ҳавокаш надорад. Дар дохили ҳоҷатхона дастшӯй мавҷуд нест. Масоили беҳдошти ҳайз дар сатҳи паст қарор дошта одатан дар бораи он сухан гуфтан ҷоиз нест. Духтарон дар вақти ҳайз ба мактаб намераванд.

**Мусоҳибаи 3 – 20/I-D/3**

- Тадбирҳои мо дар самти ТОС бо ду лоиҳа муаррифӣ мешаванд – (i) Лоиҳаи Таъмини об ва канализатсия дар деҳот; ва (ii) Лоиҳаи обтаъминкунӣ ва рафъӣ обҳои партов дар шаҳри Душанбе, ки мутаносибан ба деҳот ва шаҳрҳо тамаркуз мекунад. Дар чорчӯби ин тадбирҳо ба масоили санитария диққати хеле маҳдуд дода мешавад – асосан тавассути навсозии иншооти ОТБ дар мактабҳо ва муассисаҳои тандурустӣ дар деҳоти 7 ноҳияи интихобшудаи вилояти Хатлон (ҳоҷатхонаҳои оби равондор бо зарфҳои септикӣ ва тоза кардану безараргардонии дурдаи/лойқаи наҷосат бо интихоби тарҳҳои мувофиқ барои иншооти саросари занҷираи санитарӣ – ҳамаи иншооти ОТБ аз ҷумла корбасту таъмири онҳо) ва иваз намудани шабакаи ташноб дар шаҳри Душанбе. Инчунин, ҳадди ақкал ду фаъолияти институтсионалӣ вуҷуд доранд – яке аз онҳо ин таҳияи Барномаи миллии обтаъминкунӣ ва санитария (созмон додани муҳити мусоид) ва дигараш ин тартиб додани Нақшаи генералии рафъи обҳои партов (харитабандӣ намудани тамоми нақшаҳо ва манбаъҳои обтаъминкунӣ; таҳлили сифати об дар ҳама манбаҳои об, аз ҷумла обҳои зеризаминӣ) дар шаҳри Душанбе. Таҳияи ин ду санад мутаносибан аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрдории ш.Душанбе раҳнамоӣ карда мешавад.

- Пештар барои масоили тозагӣ дар Тоҷикистон сармоягузорӣ намекарданд, аммо ҳоло онҳо ҳам ба обтаъминкунӣ ва ҳам тозагӣ таваҷҷӯҳ доранд ва ҳамчунин Барномаи обтаъминкунӣ ва санитария дар деҳотро оғоз кардаанд.
- Дар муҳити шаҳрӣ, иншооти муштараки идоракунии обҳои партов барои мисол. барои биноҳои бисьёрошёна мувофиқ буданаш мумкин аст. Аммо ҷалби сокинони ин биноҳо барои идоракунии иншоот душвортар аст. Дар ин ҷо ҷалби бахши хусусӣ метавонад бештар қобили қабул бошад. Дар деҳот бошад, ҷалби ҷомеа метавонад бештар бомуваффақият бошад.
- Сармоягузорӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеа дар масоили тозагӣ бағоят зарур аст, зеро одамон айни замон он манфиату фоидаҳоеро, ки аз истифодаи воситаҳои мукаммали таъмини вазъи санитарӣ барои беҳтар кардани некӯаҳволии экологӣ ва саломатии ҷамъият ба даст овардан мумкин аст, дарк накарда истодаанд.
- Одамон масъалаҳои санитарияро ҳамчун мушкилоти беруна қабул намуда, фикр доранд, ки онҳо бояд аз ҷониби ниҳодҳои беруна назорат ва ҳаллуфасл карда шаванд.
- Ҳукумат барои сармоягузорӣ намудан ба бахши тозагӣ чандон майл надорад. Таъмини об дар айни замон ба он афзалиятнок аст.
- Ҳукумат барои таъмини об ва ҳам тадбирҳои санитарӣ асосан ба маблағҳои беруна такя мекунад. Барои он аз бюджет малағҳои алоҳида ҷудо намешавад. Ин гуна ҳолати кор ояндаи устувор надорад ва бояд тағйир дода шавад.
- Дар маҷмӯъ, мавҷудияти об хеле фаровон ба назар мерасад, аз ин рӯ беҳтар кардани обтаъминкунӣ ва самаранокии обёрӣ вазифаи аввалиндараҷа нагардидааст. Ҳатто ҷамъоварии оби борон ҳамчун сармоягузории мувофиқ қабул карда намешавад.

**Мусоҳибаи 4 – 21/I-N-I/4**

- Бахши санитария дар Тоҷикистон то ҳол як самти афзалиятноки фаъолият нест. Татбиқи системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, ки устуворанд, аз ҷиҳати институтсионалӣ хеле душвор аст, махсусан сохтан ва истифода бурданани онҳо. Ин хидматҳо фоидаовар нестанд (масъалаи андозбандӣ монеа аст). Дар фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ҳанӯз ҳам бисёр системаҳои кӯҳна мавҷуд аст, ки дар натиҷа ба тиҷорати бахши хусусӣ зиёновар аст.
- Мо дар тӯли солҳо барои ба тартиб даровардани сиёсат ва заминаҳои ҳуқуқӣ оид ба обтаъминкунӣ ва канализатсия, фаъолияти муассисаҳо ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар сатҳи ҷомеа кор мекардем.
- Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҳозираи кишвар аз 40-50% интиқоли маблағҳо вобаста буда, иқтидорҳо дар сатҳи ҳукумат маҳдуданд. Ин бахши обтаъминкунӣ ва канализатсияро боз ҳам осебпазир мегардонад (тадбиқи тадбирҳои беҳбудӣ он қадар осон нест).
- Сохтмони иншооти санитарӣ дар деҳот душвор аст, зеро дар маҳалҳо устоҳои ботаҷриба дарёфт кардан муҳол аст.
- Мушкилоти дигар аз ҷониби ҷомеаи деҳот пазируфта шудани системаҳои санитария мебошад, ки аз сабаби бехабарӣ ва камбизоатӣ мебошад. Аз ин рӯ, интихоби ҷомеаҳоро барои татбиқи лоиҳа бояд чуқур баррасӣ кард – деҳаҳои ба шаҳрҳо наздиктар барои тадбиқи имконоти нави беҳтаргардонидани вазъи санитарӣ кушодатар буда метавонанд.
- Системаҳои санитарӣ набояд ройгон таъмин карда шаванд. Пешниҳоди имконоти интихоби нархномаҳои ва тарофаҳои гуногун ба ҷомеаҳо бояд ба роҳ монда шаванд то ин ки онҳо тавонанд барои худ гузинаи мувофиқро интихоб кунанд – шояд тадбиқи системаи кредитӣ як чораи дастгирӣ гашта тавонад.
- Барои идоракунии масъалаҳои тозагӣ, як сохтори институтсионалӣ бояд ба таври муфассал дида баромада шавад – АИО (ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об), дар манотиқе, ки онҳо вуҷуд доранд, метавонад як гузина бошад.

- Пандемияи Ковид метавонад ба иқтисодиёт таъсири манфӣ расонад ва талабот ба ҳоҷатхонаҳо коҳиш ёбад. Ин масъаларо баҳо додан лозим аст.
- Дар тӯли солҳо тасаввуроти одамон дар бораи санитария тағйир ёфт. Ин дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои атрофи шаҳр мушоҳида мешавад. Аммо дар деҳот сатҳи огоҳӣ ҳанӯз хеле паст аст.
- Одамон омодаанд, ки барои таъминоти об пардохт кунанд, аммо барои хидматрасонии санитария ҳанӯз ҳам майли кофӣ вуҷуд надорад.
- Системаҳои нигоҳдории оби сиёҳ дар деҳот калонанд ва то 10 соли истифода хеле кам пур мешаванд. Системаҳои нигоҳдорӣ одатан ҳалқаҳои бетонӣ мебошанд (дар бозорҳои шаҳрӣ мавҷуданд). Барои як чоҳ аз чор то панҷ ҳалқа истифода бурдан мумкин аст. Оби ин чоҳҳо ба замин ворид мешавад. Ҳар як ҳалқа тақрибан 35-50 доллар арзиш дорад.
- Истифодаи такрории оби партови тозашуда ё дурдаи наҷосат метавонад аз ҷониби деҳқонон махсусан дар минтақаҳои наздишаҳрӣ қобили қабул бошад, аммо дар сатҳи ҷамоатҳо ва қишлоқҷойҳо ин масъала метавонад душвор бошад ва бояд дар ҳар минтақаи мушаххаси лоиҳа алоҳида арзёбӣ карда шавад.

**Мусоҳибаи 5 – 21/I-E/5**

- Ҳоҷатхонаҳои хушк, ки дар он технологияи ҷудокунии пешоб ба роҳ монда шудааст, шояд барои деҳоти Тоҷикистон мувофиқ бошад.
- Агар одамон баъд аз ду соли пӯсиши наҷосати хушк онро дубора истифода бурдан нахоҳанд, онро бо хок омехта карда ва бешазори ваҳшӣ истифода бурдан мумкин аст.
- Пешобро дар богу сабзавоткорӣ истифода бурдан мумкин аст.
- Тавсия дода мешавад, ки як миқдор системаҳои намунавӣ барои одамон нишон дода шавад, то ин ки манфиат аз ин корҳоро худашон бубинанд.
- Системаи дарозмуддати дастгирӣ бояд таъсис дода шавад (ҳадди ақал барои 3–6 сол) то ин ки одамон касеро дошта бошанд, ки ҳангоми пайдо шудани мушкилиҳо зимни истифодаи ин системаҳои ҳоҷатхонаҳои хушки ҷудокунандаи пешоб ба он муроҷиат намоянд.
- Арзиши сохтани ин воҳидҳо аз сифати ниҳоии пешбинишуда ва шароити маҳаллӣ вобаста аст, аммо ин системаҳо метавонанд камхарҷ бошанд, зеро бо мурури замон онҳо ба хароҷоти густурдаи нигоҳдорӣ ва таъмир ниёз надоранд.

**Мусоҳибаи 6 – 22/I-D/6**

- Лоиҳаи Обтаъминкунӣ ва канализатсияи Душанбе коллектори канализатсияи ҷанубии Душанберо, ки қисми муҳими шабакаи канализатсия мебошад, барқарор мекунад. Дар ҳоле ки тамаркузи ибтидоии лоиҳа ҳалли масъалаҳои таъмини об ва таҷрибаи усули минтақаҳои ченкунии ноҳиявӣ мебошад, умед аст, ки дар лоиҳаҳои оянда ба самти санитария ҳаракат кунад.
- Таҷрибаи ман дар ҷараёни коркарди лоиҳа ва кор дар Тоҷикистон аз соли 2016 ин аст, ки ширкати водоканали Душанбе аз масъалаҳои беҳдошт хеле огоҳ аст ва мехоҳад онро ҳал кунад, аммо захираҳои маҳдуд доранд. Ҷанбаҳои хеле асосии таъмини об мавҷуданд, ки бояд ҳал карда шаванд, аз ҷумла дастрасӣ, фарогирӣ, таъмин ва идоракунии ОҒ, чункунӣ ва таъмини шабонарӯзии об. Мо бо ДВК ҳамкории зич ба роҳ мондаем, то ин ки боварӣ ҳосил кунем, ки ин масъалаҳо ҳалли худро меёбанд.

**Мусоҳибаи 7 – 22/I-D/7**

- Мушкилоти калонтарин дар айни замон дар бахш инҳоянд:1) набудани маблағгузорӣ барои сармоягузории асосӣ барои тавсеа/барқарорсозии системаҳои фарсудашудаи инфрасохтор, ки дар давраи шӯравии собиқ сохта шудаанд; 2) даромади нокифоя аз хидматрасонии шаҳрӣ (аз ҷумла санитария) барои истфиодабариву нигоҳдорӣ ва таъмири иншоот ва 3) муносибат ва огоҳии муштариён дар бораи нарасидани об ва таъсири муҳити зист.

- Оид ба устувории хизматрасонии шаҳрӣ якчанд масъалаҳо мавриди таваҷҷӯҳ қарор доранд: 1) баланд бардоштани иқтидори операторони коммуналӣ; 2) таъсиси МЧН, ченкунӣ ва насби системаи SCADA; 3) гузаштан ба тарофаҳои ҳаҷмӣ ва 4) нархгузории ҳамгироии ҳам об ва ҳам канализатсия. Дар ҳамин ҳол, дар айни замон як такони бузург оиди пешбурди дастрасии фарогир дар саросари шаҳр ба хидматрасонии беҳдошт ва тамаркузи махсус ба COVID-19 тавассути барномаи ОТБ рафта истодааст.

**Мусоҳибаи 8 – 22/I-D/8**

- Ба фикрам, байни вазъу шароити таъмини санитария дар Душанбе ва деҳот фарқияти калон мавҷуд аст. Дар деҳот ҳолати санитарӣ бо ҳоҷатхонаҳои оддӣ маҳдуд аст. Зичии аҳолӣ дар аксари манотиқи деҳот паст аст ва аз ин рӯ тарзи оддии таъмини тозагӣ мушкилоти зиёди санитариро ба миён наовардааст. Дар шаҳрҳо, ки зичии аҳолӣ бештар аст, идоракунии санитария мушкилтар аст. Инфрасохтори мавҷудаи шабакаҳои ташноб ва иншооти тозакунии обҳои партов дар Душанбе дар ҳолати хароб қарор дошта, онҳо аз замони шӯравӣ мондаанд. Инро барқарор кардан лозим аст.
- Ташкил ва идоракунии санитарӣ дар ҷумҳури нихоят бад ба роҳ монда шудааст.
- Ба масоили идоракунии захираҳои об эътибор дода намешавад. Масоили таъмини об нисбат ба санитария афзалияти бештар дорад.
- Тағйирёбии иқлим ба захираҳои об таъсири манфӣ мерасонад, аз ин рӯ ба ҳам бастани масоили идоракунии захираҳои об, таъминоти об ва тозагӣ як масъалаи муҳим аст, ки ҳаллуфаслро талаб мекунад (обшавии пиряххо, ҷараёни дарёҳо, обхезӣ ва ярчҳо, ки дар натиҷа обҳо хеле тира мешаванд, инчунин захираҳои оби заҳролудшуда ба вуҷуд меоянд, ки ин масъалахое ҳастанд, ки бояд ба банақшагирии таъминоти устувор дохил карда шаванд). Дар соли 2017 нишондиҳандаҳои ҳолатҳои дарунравии кӯдакон дар саросари ҷаҳон дар Тоҷикистон баландтарин будааст.
- Аз нуқтаи назари институтсионалӣ – шумораи одамон зиёд аст, аммо ба қадри кофӣ соҳибихтисос набуда таҷрибаи кофӣ надоранд ва ба қадри зарурӣ ҳавасманд нестанд.
- Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ – қонунҳо системаҳои идоракунӣ мебошанд, ки фаҳмидан ва татбиқи онҳо душвор буда тадбиқи риояи онҳо суст аст.

**Мусоҳибаи 9 – 25/I-N-I/9**

- Санитария масъалаи ба таври куллӣ нодида гирифташуда мебошад.
- Дарачаи маърифати санитарӣ хеле паст аст.
- Масъалаи камбизоатӣ боиси он мегардад, ки одамон имкони хариди системаҳои беҳтари санитарияро дар деҳот надоранд.
- Маблағҳои пулӣ барои санитария одатан аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ дастрас карда мешаванд.
- Ҳоҷатхонаҳо дар деҳот даҳшатнок ба назар мерасанд – ба мисли қафаси торик, дур аз хона ҷойгиршуда ва дастгоҳи дастшӯйӣ нест. Чоҳҳо одатан калонанд ва дар давоми тақрибан 10 сол пур мешаванд.
- Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ асосан аз ҳисоби интиқоли маблағҳои хориҷӣ, ҳамкориҳои рушд.
- Арзиши сохтмон ба Афғонистон монанд аст, бештари мавод аз Чин меояд.
- Таваҷҷӯҳ ба таҳияи барномаи санитарӣ бояд ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, озмоиш ва арзёбии талабот ба иншооти санитарӣ, роҳҳои беҳтар кардани системаҳои мавҷуда – ба осонӣ тозашаванда, дастгоҳҳои дастшӯйӣ, иқтидори истифодаи такрорӣ равона карда шавад.

**Мусоҳибаи 10 – 26/I-R/10**

*Таваҷҷуҳи ҳукумат (об ва санитария):*

- Таваҷҷӯҳи асосии ҳукумат – Афзалиятҳои ҳукумат асосан ба об нигаронида шудаанд ва тамаркузи ҳозира ба ҷанбаҳои Идоракунии ҳамгироии захираҳои об нигаронида

шудааст, ки дар он таъмини оби нӯшокӣ дар баробари санитария сурат мегирад. Қонуни ба наздикӣ қабулшуда «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва санитария» заминаи меъёрии ҳуқуқиро оид ба беҳбуд бахшидан ба обтаъминкунӣ ва санитария дар баробари таъсиси институтсионалӣ ва нақши ҷамоатҳо, бахши хусусӣ ва ҳар як истифодабарандаи об таъмин менамояд. Аммо, зарурати механизмҳои дақиқтари татбиқ бо ҷудо кардани нақши ҳар яки онҳо дар бахш вуҷуд дорад. Тадқиқотҳои гуногун нишон медиҳанд, ки беҳдошт дар Тоҷикистон танҳо ҳамчун ҳоҷатхона, бидуни дарки иртибот бо коркарди оби партов, бахусус дар деҳот, ки дар он ҷо ягон системаи канализатсия вуҷуд надорад ва ё коркарди системавӣ вуҷуд надорад, қабул мешавад. Ҳамин тариқ, дар қонуни ҷорӣ ва лоиҳаҳои мавҷуда талаботи сахте гузошта шудааст, ки ба санитария ва коркарди оби партов аҳамият дода шавад. Дар соли 2015 БРСММ оид ба меъёрҳо ва расмиёти санитарӣ, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ҳамчун стандартҳои техникии дар сатҳи миллӣ тасдиқшудаи инфрасохтори санитарӣ муқаррар карда шудаанд, тадқиқот гузаронида, барои аз нав дида баромадани баъзеи аз онҳо дар асоси тамоюлҳои кунунии рушд, навоварӣ ва ӯҳдадориҳои миллӣ-байналмилалӣ тавсияҳо дод.

- Барномаи захираҳои об дар Тоҷикистон ба идоракунии захираҳои об тамаркуз мекунад, ки дар он масоили тозагӣ дар доираи лоиҳаҳо бо шарикони иҷрокунанда – Оксфам, Фонди Оғохон, СУТ гузошта шудааст.Намудҳои иншооти санитарӣ асосан аз ҷониби онҳо, аз ҷумла машваратҳо бо баҳрабардорон, мақомоти маҳаллӣ ва ҷонибҳои манфиатдор тасдиқ карда шуданд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаи Бунёди Оғохон беш аз 100 хонавода дар минтақаи ВМКБ бо ҳоҷатхонаҳои ЭкоСан (ҳоҷатхонаҳои хушки тақсими пешоб) таъмин гардиданд.
- Ҳоҷатхонаҳои «ЭкоСан» дар ВМКБ бо чанд сабаб қобили истифода будани худро исбот карданд. Онҳо системаҳои тозагии дастрас ва бидуни об мебошанд, ки аз раванди оддии ҷудокунӣ барои тақсими маҳсули ихроҷи инсон ба маводи алоҳидаи моеъ ва маводи бебӯи хушкшуда ва ба компост монанд истифода мебаранд. Чунин ҳоҷатхонаҳо ба шабакаи қубурҳои канализатсия ё иншооти тозакунии ташноб ниёз надоранд, ба захираҳои обҳои зеризаминӣ ҷорӣ ва омехта намешаванд, бӯи ногуворро ба вуҷуд намеоранд ва як роҳи камхарҷи ҳалли масъалаи тозагӣ бе қубурҳои об мебошанд. Илова бар ин, аксари онҳо дар маҳалле, ки замини сахт доранд, бунёд шудаанд, ки ҷамоатҳо барои кофтани сӯрохиҳои ҳоҷатхонаҳо мушкилӣ доранд.
- Аммо он чизе, ки дар як ҷо хуб кор кард, дар ҷои дигар ба далели мушкилоти мухталиф, аз напазируфтани ба истилоҳ «техникаи нав» аз ҷониби аҳли ҷомеа ва баҳсҳои матраҳкардаи бархе аз мақомоти динӣ пазируфта нашуд. Ин дар лоиҳаҳои гуногуни шарикони дигар рӯй додааст.
- Дар мавриди Оксфам БК бошад, усули онҳо мураккаб аст ва танҳо бо сохтмон маҳдуд намешавад. Лоиҳаи дарозмуддати онҳо, ки аз ҷониби Швейтсария (SDC) маблағгузорӣ мешавад, ба динамикаи санитария дар Тоҷикистон нигаронида шудааст ва ба ҷорӣ намудани технологияҳои гуногун барои истифодабарандагони гуногун – хонаводаҳо, муассисаҳои иҷтимоӣ (мактабҳо, муассисаҳои тандурустии маҳаллӣ) тамаркуз мекунад. Ҳоло онҳо дар самти маркетинги санитарӣ фаъолона кор мекунанд.Омӯзиши дақиқ ба мушкилоти гузашта ва кунунӣ, тағйирот ва рушди ҷомеа рӯй оварда ва омодагии онҳоро ба муносибат ва тарзи «пардохт барои ҳоҷатхона» санҷидааст.
- **Мушкилоти асосӣ** – Дар соли 2014 ман як гурӯҳи кории санитариро роҳбарӣ мекардам, ки барои баррасии сиёсатҳо ва амалияҳои мавҷуда оид ба санитария ва таҳияи роҳнамо барои Тоҷикистон оид ба технологияҳои санитарӣ мақсад дошт. Гуруҳ аз бисёр ҷонибҳои манфиатдор аз ниҳодҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои байналмилалӣ иборат буд. Мушкилоти асосӣ бар дӯши мақомотҳои иҷроияи ҳукумат аст, ки фаҳмиши онҳо дар бораи масъалаи асосӣ – «санитария ҳоҷатхона аст ва ҳоҷатхона санитария аст» мебошад. Дар рафти баҳсу мунозираҳои зиёд маълум шуд, ки бисёре аз лоиҳаҳои байналмилалӣ ба стандартҳои миллии ОТБ риоя намекунанд ва мақомоти давлатӣ

ҳангоми тасдиқи тарҳҳои лоиҳа аҳамият зарурӣ намедиҳанд. Набудани ҳамоҳангсозӣ, иртиботот ва мониторинги лоиҳаҳои инфрасохторӣ ҳамчун масъалаи асосӣ гузориш дода шуд, аз ҷумла масъалаи суст будани ҳамоҳангсозии байни лоиҳаҳо бо мақсади пешгирии маблағгузории такрорӣ ё мубодилаи дарсҳои омӯхташуда. Сипас дертар БРСММ, Оксфам тадқиқоти фарогириро оид ба санитария, аз ҷумла маркетинги санитарӣ (ки дар боло зикр шуд) таҳия намуданд.

- Набудани маълумот боз як нигаронии бузург аст. Агар шумо ба гузориши JMP ОТБ нигаред, шумо ҳайрон мешавед. Маълумоти санитарӣ тақрибан вуҷуд надорад ва ин ба маълумоти соҳаи об низ дахл дорад. Ташхиси камбизоатии ба наздикӣ аз ҷониби БҶ дар самти ОТБ дар Тоҷикистон баргузоршуда низ набудани маълумоти нав дар бораи санитария ва зарурати такмили механизмҳои мавҷудаи ҷамъоварӣ/мубодилаи маълумотро таъкид мекунад. Стратегияи нави миллии об ҳадафҳои марбут ба ҲРУ ва ниёз ба маълумоти боэътимод, дастрасӣ, қабули қарор ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалиро инъикос мекунад.
- **Ҷонибҳои асосии манфиатдор** оид ба беҳтар намудани санитария дар кишвар – Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва шӯъбаҳои зертобеи он (Агентии назоратӣ) барои тасдиқ, бознигарӣ ва қабули меъёрҳо ва расмиёти ОТБ оид ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ (СанПиН) масъуланд.
- Вазорати энергетика ва захираҳои об, ки агентии иҷрокунандаи ислоҳоти бахши об таъин шудааст, ки дар он ОТБ ҷузъи муҳим ҳисобида мешавад; тамоми равандҳои марбут ба ислоҳот, аз ҷумла қонунҳо, чорчӯбаҳои институтсионалӣ ва механизмҳои татбиқро ҳамоҳанг месозад.
- Кумитаи ҳифзи муҳити зист ба назорати ҳолати партовҳо ба обанборҳо ва объектҳои об, аз ҷумла мониторинги мунтазами сифати обҳои рӯизаминӣ вазифадор аст.
- Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳама лоиҳаҳои байналмилалӣ, корҳои сохтмонӣ ва мониторинг, аз ҷумла ҳисоботдиҳӣ ба дастгоҳи марказӣ иштирок мекунанд.
- Ҷамоаҳои маҳаллӣ, Муассисаҳои иҷтимоӣ, баҳрабардорон дар тарҳрезии лоиҳаҳо, муҳокимаҳо ва гуфтушунидҳои ҷомеа, насби иншооти санитарӣ ва истифодаи онҳо иштирок мекунанд.
- **Маблағгузории санитария** дар Тоҷикистон – Дар соли 2013 аз ҷониби ҷомеаи донорҳо Гурӯҳи кор оид ба об ва тағйирёбии иқлим таъсис дода шуд. Ин гурӯҳ аз ҳамаи оҷонсиҳои рушд, ки лоиҳаҳои ОТБ-ро маблағгузорӣ мекунанд, иборат мебошад. То соли 2015 SDC нақши пешбаранда бозида ва сипас Иттиҳоди Аврупо ин вазифаро бар ӯҳда гирифт. Вазифаҳои асосии гурӯҳ аз инҳо иборат мебошад:
- Таҳкими минбаъдаи муколамаи сиёсӣ бо Ҳукумат оид ба доираи васеи масъалаҳои марбут ба идоракунии устувори захираҳои об ва масъалаҳои дахлдор бо таваҷҷуҳи хоса ба татбиқи Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2025.
- Тақвият додани мубодилаи иттилоот ва табодули байни донорҳо оид ба масъалаҳои ҷорӣ ва
- Тадбиқи лоиҳа ва барномаҳои ба нақша гирифташуда.
- Таҳкими мубодила ва муколама байни донорҳо оид ба масъалаҳои асосӣ, аз қабили:
    - Хизмат кардан ҳамчун як форум барои муҳокимаи масъалаҳои сиёсӣ ва мурофиавӣ, ба монанди пешрафт дар соҳаи об;
    - татбиқи ислоҳоти бахш, ташаккули сиёсати мушаххас дар зербахшҳои гуногун
    - (таъмини об ва санитария, обёрӣ ва ғ.) ва ҳамгироии мавзӯъҳои фарогир аз қабилӣ;
    - ҳамчун мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ;

- мусоидат ба консенсус оид ба масъалаҳои асосии марбут ба кӯмак дар асоси таҷриба ва дарсҳои омӯхташуда;
- ва таъмини робитаи мунтазам бо гурӯҳҳои кории донорҳо.

- **Омодагӣ ва қобилияти пардохти ҳаққи** хидматрасонии санитарӣ – Дар шаҳраку шаҳрҳо ин боиси нигаронӣ нест, шумо танҳо барои системаҳои ташноби мутамарказонидашуда пардохт мекунед ва хидматҳои мувофиқро талаб мекунед. Дар деҳот бошад вазъият фарқ дорад ва аз минтақа, рафтори одамон ва фаҳмиши онҳо дар бораи санитария вобаста аст. Бо таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ, вақте одамон ҳангоми сафарҳои дур аз хона дар кишварҳои дигар иншооти беҳтари санитариро мебинанд, онҳо кӯшиш мекунанд, ки пас аз бозгашт ба хонаи худ вазъи ҳоҷатхона, шароитҳои ҷомашӯӣ ва системаи обтаъминкунии хонаводаи худро беҳтар созанд. Шаҳришавии босуръат, технологияҳои нав ва гуногунии бозор ба аҳолии маҳаллӣ имкон медиҳад, ки дар хонаҳои нав сохтаистодаи худ иншооти беҳтар бунёд созанд, вале захираҳои молиявиашон маҳдуд мебошанд. Дар аксари мавридҳо, одамон то ҳол аз воситаву дониш ва таҷрибаҳои анъанавӣ истифода мебаранд, ки баъзан аз нуқтаи назари таъсир ба саломатӣ хуб нестанд. Дар манотиқи дурдаст, деҳаҳо ба вазъи санитарии худ аҳамият намедиҳанд, ҳоҷатхонаҳо бе назардошти эҳтиёт намудани муҳити зист сохта мешаванд, ҳоҷатхонаҳо обҳои зеризаминиро олуда карда ва як қисми онҳо дар канори рӯдхонаҳо сохта мешаванда, ки дар натиҷа сиёҳобҳо ба обҳои тозаи равон ҷорӣ ва омехта мешаванд, ки ин боиси таҳдиди хатари ба саломатии аҳолии деҳаҳои поёноб мегардад.
- Дар чорчӯбаи лоиҳаҳо кӯшишҳо ба харҷ дода мешаванд, ки дар деҳаҳои аз ҳама зиёд осебдида тағйиротҳои мусбӣ ба миён оянд, на танҳо ба воситаи сохтани ҳоҷатхонаҳои нав, балки тавассути корбарӣ бо ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии мардум. Яке аз механизмҳои асосии таъсиррасонӣ ба кирдору рафтори санитарии мардум, ки дар лоиҳаҳо истифода мешаванд, маълумотҳои марбут ба саломатӣ (маълумоти заминавӣ) мебошад, ки робитаи байни дониши нокифояи аҳолӣ оид ба обтаъминкунӣ, таъсири он ба саломатии одамон ва таъсири иқтисодӣ ба ҳар як хонаводаҳоро нишон медиҳад.

**Мусоҳибаи 11 – 27/I-F/11**

- Вазъияти санитарӣ дар деҳоти Тоҷикистон хеле бад аст. Марказҳои ноҳияҳо инфрасохтор доштанд/доранд, аммо онҳо ҳоло аксаран дар ҳолати корношоям ҳастанд. Дар марказҳои ноҳияҳо ҳатто дар биноҳои бисёрошёна ҳам аз ҳоҷатхонаҳои хушки берунаи анъанавӣ истифода мебаранд. Дар деҳот зиёда аз 90%-и аҳолӣ аз ҳоҷатхонаҳои анъанавии оддӣ истифода мебаранд. Баъзе биноҳои маъмурӣ дар ноҳияҳо дорои чунин системаҳои санитарии оддӣ мебошанд – ҳоҷатхонаҳо ба канализатсия ва системаҳои коркарди оддӣ пайвастанд, аммо онҳо аз сабаби кам будани обтаъминкунӣ ё осеби инфрасохтор дар ҳолати корношоямӣ ҳастанд.
- Мушкилоти асосии бахши обу ташноб дар ноҳияву деҳот ин таъминоти нокифояи об, сохторҳои идоракунӣ, инфрасохтори норасои мавҷуда ва ба тарзи номутаносибу нокифоя фарҳам оварда шудани хизматрасонӣ аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ мебошад.
- Дар сурати набудани таъминоти устувори об, тавсия додани системаҳои ҳоҷатхонаҳои оби равондор тавсия дода намешавад. Санитария на танҳо ҳоҷатхона, балки нигоҳдорӣ, коркарду безараргардонӣ ва рафъи сиёҳобҳои тавлидшуда мебошад.
- Мо дар шимоли Тоҷикистон насбу истифодабарии ҳоҷатхонаҳои хушки ҷудокунандаи пешоб Экосан (EcoSan)-ро ҷорӣ кардем (арзишаш тақрибан 200 доллари ИМА). Тақрибан 1 300 чунин ҳоҷатхона сохта шудааст. Гарчанде ки аксари ин ҳоҷатхонаҳо айни замон мавриди истифода ҳастанд, ба тарзи дуруст истифода бурда шудан ва идоракунии онҳо таъмин карда нашудааст.

- Истифодаи наҷосати коркардшуда ва пешобро ҳама ба осонӣ қабул намекунанд. Ин ба ҷомеаи маҳал вобаста аст. Аҳолии амиқан консервативӣ маҳсулоти ихроҷи инсониро (моводи наҷосат ва пешоб)-ро дубора истифода бурдан намехоҳанд, зеро он наҷис ва мамнӯъ / табу ҳисобида мешавад.
- Мо дар бисёр минтақаҳои деҳот дар самти таъмини санитария кор карда истодаем ва усули кор аз он иборат аст, ки таъмини обро бо масоили санитария дар алоқамандӣ ҳаллуфас менамоем. Таъмини об дастрасии он танҳо ба он хонаводаҳое тасдиқ карда мешавад, ки барои беҳтар кардани иншооти санитарии худашон ӯҳдадорӣ ба зимма мегиранд.
- Мукаммалгардонии тавсияшудаи санитарӣ аз беҳтар кардани сохтори болоии ҳоҷатхонаҳо иборат мебошад – ба монанди системаи ҳавокашӣ / вентилятсия, тарҳи сақф, дарҳо, асбобҳои тозакунӣ ва насби дастгоҳҳои дастшӯӣ. Истифодаи унитазҳо дар ҳоҷатхона ё системаҳои ба оби равон асосёфта тавсия дода намешаванд, зеро ҳалли масоили идоракунии рафъи обҳои партов аз сабаби мушкилоти таъмини об, маҳдудиятҳои молиявӣ ва инчунин маҳдудиятҳои дастрасии замин ҳанӯз имконнопазир аст.
- Мо инчунин дар марказҳои ноҳияҳо сохтани ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятиро дастгирӣ мекунем. Ин ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ дар ҷойҳое сохта мешаванд, ки он ҷо таъминоти об мавҷуд аст. Ин ҳоҷатхонаҳо ба чоҳҳо ё зарфҳои септикӣ пайваст карда шудаанд, ки онҳоро мошинҳои махсуси партовкашон (асенизатор) холӣ мекунанд (бар ивази пардохт).
- Механизми дигари ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ ин фароҳам овардани иншооти дигар дар як бино, ба монанди хидматрасонии сауна мебошад.
- Равиши дигари устувории молиявии ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ ин аст, ки иҷоза додани он ки соҳибмулкии ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятиро ХМК ё муассисаҳои хусусӣ ба ӯҳдаи худ гирифта мавриди истифода қарор диҳанд. Тавассути системаи пулакии истифодабарӣ, ҳоҷатхонаҳо мумкин аст барои фаъолият ва нигоҳдории устувори худ маблағ тавлид кунанд.
- Дар деҳот, ташкилотҳои ҷамоатӣ инчунин метавонанд масъулияти идоракунии санитариро ба дӯш гиранд, зеро онҳо барои рушди куллии деҳа масъуланд.
- Оби хокистарранг идора карда намешавад ва дар беруни хонаҳо ё дар ҷӯйборҳои кушод ё захбурҳо партофта мешавад.
- Стандартҳо барои безараргардонии обҳои партов вуҷуд доранд, аммо ин стандартҳо аз сабаби набудани захираҳо, иқтидорҳо ва болои ҳам омадани ваколатҳои институтсионалӣ иҷро намешаванд.
- Сифати оби дарёҳо хеле хуб аст, зеро онҳо аз пиряххо сарчашма мегиранд.Дар бораи сифати обҳои зеризаминӣ маълумоти кофӣ вуҷуд надорад. Ҳоҷатхонаҳои назди дарёҳо низ метавонанд дарёро олуда кунанд. Маҳсулоти ихроҷи чорво низ манбаи ифлосшавии дарьёхо мебошад.

**Мусоҳибаи 12 – 27/I-D/12**

- Умуман дар тамоми корҳои ободонии таъминоти об ва ташноб тақрибан 80–90 фоизи маблағи бюҷет ва диққати фаъолият ба масоили обтаъминкунӣ ва танҳо маблағи бокимонда ба масоили санитария равон мешавад. Аммо ташкилоти мо таи ду соли охир кори худро дар соҳаи санитария фаъолона ва ба тарзи пешгирона пурзӯр намуд.
- Усули тадбиқи тадбирҳо аз он иборат аст, ки ҳангоми ба хонаводаҳои алоҳида даровардани об, бояд таъмин карда шавад, ки системаҳои санитарӣ низ вуҷуд дошта бошанд – ин системаи ҳоҷатхонаҳо, иншооти шустушӯи даст ва коркарди обҳои партов дар маҳал ё берун аз он мебошад. Хонаводаҳо инчунин бояд аз манфиатҳои санитария, дар бораи вариантҳои тарҳрезии системаҳои санитарӣ ва масолеҳи сохтмонӣ огоҳ карда шаванд.

- Дар лоиҳа бо БРСММ ва Оксфам, мо кӯшиш менамоем, ки системаҳои ғайримарказонидашудаи коркарди оби партовро барои беморхонаҳо фароҳам биёрем ва доир ба маркетинги санитарӣ ва дар самти сиёсат (таҳияи нақшаи давлатии санитарӣ) корбарӣ намоем.
- Ҳоҷатхонаҳои хушк дар деҳот аз аввал истифода бурда мешуданд, зеро одамон таҷрибаи истифодаи онро доранд (ин як таҷрибаи анъанавӣ буд) ва масоили такмили системаҳои санитарӣ афзалият дода намешавад, зеро одамон аз имконоти алтернативӣ огоҳ нестанд, онҳо аз манфиатҳои беҳтари санитарӣ хабар надоранд ва аксар вақт қобилияти молиявии онҳо барои такмил додани системаҳои худ маҳдуд аст.
- Аз таҷрибаи мо баъзе усулҳои марбут ба саҳми ҷомеа барои чораҳои санитарӣ чандон хуб кор надоданд – додани қарзҳо бо фоизи паст барои такмили ҳоҷатхонаҳо босамар нашуд, зеро хеле кам одамон қарз гирифтанд. Баръакс, вақте ки мардум бо масолеҳи сохтмонӣ таъмин карда шуд ва аз ҳисоби меҳнати худ дар рафти сохтмон ва гоҳ гоҳе бо саҳми хурди пул ҳиссагузорӣ карданд, онҳо зиёд кӯшиш карданд ва муваффақ ҳам шуданд.
- Ҳангоми интихоб намудани деҳаҳо барои тадбиқи лоиҳаҳои обтаъминкунӣ, яке аз меъёрҳо омодагии ин ҷомеаҳо барои такмил додани системаи санитарии худ мебошад.
- Ҳоҷатхонаҳои EcoSan дар минтақаҳои гуногун вобаста ба мавҷудияти об, қобилияти молиявӣ ва қабули фарҳангӣ бо натоиҷи гуногун кор мекунанд. Ҳоҷатхонаҳои Экосан, дар ҳама ҷое, ки сохта шуда бошанд, аксаран мавриди истифода қарор доранд, вале аксар вақт ба тарзи зарурӣ истифода намешаванд. Ҳамчунин тавсеаи таҷрибаи ин ҳоҷатхонаҳо сурат намегирад – одамон бо майли худ ин ҳоҷатхонаҳоро намесозанд. Сабаби аз ҳама асосӣ дар он аст, ки пас муддати як ё ду соли фаъолият, вақте ки мушкилот бо идоракунии иншоот ба миён меояд, системаи муназзами дастгирии техникӣ вуҷуд надорад. Инчунин тағораҳои он дар маҳал дастрас нестанд. Ин тағораҳо/зарфҳои махсуси ҷудокунии наҷосату пешоб аз Чин ворид карда мешаванд.
- Дурдаи хушкшудаи наҷосат ва пешоби аз ин ҳоҷатхонаҳо ҳосилшуда истифода бурда мешаванд, аммо на аз ҷониби ҳама. Барои беҳбуди вазъи санитарӣ огоҳӣ ва баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ дар ин самт зарур аст.
- Дар оянда, таъминоти об ва канализатсия набояд аз ҳам дар алоҳидагӣ тадбиқ карда шавад (чунон ки дар нақшаи генералии санитария тавсия шудааст).
- Агар об таъмин карда шавад, пас бояд пайвастшавӣ ба ҳоҷатхонаҳо ва коркарди муносиби обҳои хокистарӣ ва рафъи партовоб ё истифодаи дубораи онҳо ба роҳ монда шуда кӯшишҳо дар ин самт равона карда шаванд, зеро дар баробари таъмини об рафъи партовоби хокистарӣ низ бояд идора карда шавад.
- Дар он ҷое, ки зарфҳои септикӣ истифода бурда мешаванд, бояд чораҳои беҳтар кардани хидматрасонии холикунии дурдаҳои наҷосат ва коркарди партовобҳо ва фароҳам овардани иншооти коркарди наҷосатлойқа кӯшиш ба роҳ монда шаванд.
- Дар оянда афзоиши ифлосшавии обҳои зеризаминӣ метавонад як масъалаи асосии экологӣ гардад, аз ин рӯ бояд айни ҳол кӯшишҳо ба харҷ дода шавад, то ки тафаккури мардумро тағйир дода, имконот барои идоракунии мувофиқи обҳои партов ба одамон дастрас сохта шаванд, на балки танҳо таъмини ҳоҷатхонаҳо ба онҳо. Имрӯзҳо дар маҳаллаҳои наздишаҳрӣ хонаводаҳо ва биноҳои муассисаҳо ҳоҷатхонаҳои обдор доранд ва оби ифлоси онҳо баъзан мустақиман ба рӯдхонаҳо ҷорӣ мешавад.
- Қонуни нави таъминоти оби нӯшокӣ аз ҷониби ҳукумат таҳия шудааст, ки сохторҳои тарофавиро барои обтаъминкунӣ ба инобат гирифта, инчунин барои идоракунии рафъи обҳои партов низ таваҷҷӯҳ дода мешавад.
- Масоили ОТБ инчунин бояд бо чораҳои пешгирии COVID баррасӣ карда шавад.

**Мусоҳибаи 13 – 02/I-D/13**

- Ташкилоти мо дар Тоҷикистон бо масоили обтаъминкунии шаҳрӣ ва идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об (IWRM) дар асоси усулҳои ҳавзаи обӣ ва тибқи Кодекси об

машғул аст. Дар аввал таъмини об дар маркази таваҷҷӯҳ қарор дошт ва дар солҳои охир масъалаҳои санитария ба барнома дохил карда шуданд, зеро таъмини об бидуни дахолати муносиби санитарӣ аз нигоҳи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ мувофиқ нест.

- Ташкилоти мо дар барномаҳои минтақавии об (Ӯзбекистон ва Қирғизистон) ва инчунин барномаҳои миллии Тоҷикистон кор кардааст.
- Кор дар самти ҳамкорӣ бо ҳукумат, дигар оҷонсиҳои донории байналмилалӣ, ТҒДБ ва ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ва муассисаҳои бахши хусусӣ барои рушди бозори тозагӣ вусъат меёбад.
- Чӣ тавре ки аз мушоҳидаҳо дар маҳал бармеояд, баъзан таҷрибаҳои анъанавии тамини тозагӣ мувофиқи шароити маҳаллӣ нисбат ба технологияҳои муосир самараноктар ба назар мерасанд, зеро онҳо ба шароити мушаххаси маҳал мувофиқтар мебошанд.
- Муваффақияти татбиқи ҳоҷатхонаҳои EcoSan аз идоракунии он вобаста аст – то чӣ андоза одамон барои идора кардани он омодаанд. Дар Тоҷикистон, дар минтақаҳои гуногун мардум ба маҳсули ихроҷи инсонӣ ба таври мухталиф муносибат нишон медиҳанд. Дар баъзе манотиқ барои дастгирӣ намудани фикру ғояҳои нав омодагӣ дида мешавад. Вақт, маърифатнокӣ ва омӯзиш барои одамон барои тағйир додани ақидаҳои худ дар бораи идоракунии маҳсулҳои ихроҷи инсонӣ ва дубора истифода бурдани он пас аз коркардшавӣ ҳамчун нурӣ дар бахши кишоварзӣ бисёр муҳим аст.
- Теъдоди хурди ташкилотҳо барои АИО (ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, мактабҳо, муассисаҳои тандурустӣ дарсу омӯзишҳо ва маъракаҳои тарғиботӣ гузаронидаанд ва дар ин ҷойҳо системаҳои ЭкоСан самаранок кор мекунанд.
- Якчанд муассисаҳои давлатӣ мавҷуданд, ки бо баъзе ҷанбаҳои санитария дар сатҳи миллӣ, вилоятӣ ва маҳаллӣ сарукор доранд. Аз ин рӯ, ҳамкорӣ бо оҷонсиҳои сершумор барои лоиҳаи марбут ба санитария душвор аст. Кор бо ҷомеа осонтар ва самараноктар мебошад.
- ХМК барои истифодабарӣ ва нигоҳдории системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия вазифадор аст. Аммо, аксар вақт ин масъулият танҳо бо ҷамъоварии пардохтҳо маҳдуд мешаваду халос. Идоракунӣ ҳоло ҳам як мушкилӣ аст. Таклифҳо карда шудаанд, ки сохтори ХМК аз нав тарҳрезӣ карда шавад, то ин ки он беҳтар кор кунад.
- Дар Стратегияи миллии об, Кодекси об ва қонуни нав дар бораи Обтаъминкунӣ ва санитария кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки нақш ва масъулиятҳо ба хубӣ муайян карда шаванд, то ин ки фаъолияти ин ниҳодҳо беҳтар гардад.
- Қонунҳо сахт бошанд ҳам тафаккури анъанавии одамон дар сохтори ҳукумат корбарӣ дар бахши санитария мушкил мегардонад. Усули кории ғайримарказонидашуда, дар асоси ҷомеа беҳтар кор мекунад. Бо вуҷуди ин, барои беҳбудӣ овардан дар сатҳи кишвар, ҷалб кардани ХМК ба хубии кор хоҳад буд (зеро он на мутамарказ ва ё ғайримарказонидашуда буда барои беҳтар кардани вазъият мусоид аст, балки маҷмӯи ҳарду омил аз рӯи шароити маҳаллӣ мебошад).
- ХМК дар сатҳи ҷумҳуриявӣ амал намуда ва ҳашт ширкати минтақавиаш барои дастгирии водоканалҳо дар сатҳи маҳаллӣ таъсис дода шаванд.
- Умуман, шимоли кишвар нисбатан пешрафтатар ва кор бо мардумони он осонтар аст, дар ҳоле ки ҷануб бештар консервативӣ буда, баъзан ворид кардани тағйирот вақти зиёдро талаб менамояд.

### Мусоҳибаи 14 – **02/I-D/14**

- Корҳое, ки дар самти муоширāт ва тағйир додани рафтори одамон анҷом дода мешаванд, бо вазъияти COVID вусъат ёфтанд, зеро амалҳои пешгирикунанда ва эҳтиёткорӣ чораҳои асосии пешгирии сироят мебошанд.
- Дар чанд соли охир дар соҳаи санитарияи кишвар як импулси мусбӣ мушоҳида мешавад, зеро ҳукумат ба масоили таъмини оби нӯшокӣ ва тозагӣ бо такя ба ҲРУ афзалият дода истодааст. Ин давраи ҲРУ аст. Масъалаҳои таъмини об ва санитария айни ҳол ба ҳам баробар муҳим арзёби карда мешаванд.

- Аз соли 2010 инҷониб дар фарогирии санитарӣ пешравӣ ба назар мерасад, аммо дар деҳот пешравӣ суст аст, зеро таваҷҷӯҳ танҳо ба дастрасӣ ба ҳоҷатхонаҳо нигаронида шудааст. Кӯшишҳо дар саросари занҷираи арзиши санитарӣ назаррас набуданд.
- Дар деҳот ҳоҷатхонаҳо асосан анъанавии оддӣ, чоҳӣ мебошанд ва шумораи хеле ками ҳоҷатхонаҳо дорои оби равон ва пайвастшавӣ ба зарфҳои септикӣ мебошад. Септикҳо тавассути мошинҳои махсуси тозакунӣ, ки аз ҷониби ХМК ё операторони хидматрасонии хусусӣ истифода мешаванд, холӣ карда мешаванд. Аммо, ин хидматҳо ба осонӣ дастрас нестанд. Ҳатто агар он таъмин бошад, пас наҷосатлойе, ки аз септикҳо гирифта мешавад, ба дарёҳо ё наҳрҳо партофта мешавад.
- Зарфҳои септикии сохташаванда одатан якҳуҷравӣ буда, иншооти ҷаббидагирӣ надоранд. Деворхои ин ҳуҷра ҳам обногузар нестанд. Аҳёнан дар баъзе мавридҳо деворхои бетонӣ сохта мешаванд. Баъзан ҳалқаҳои бетонӣ таъмин карда шуданашон мумкин аст. Дар лоиҳаҳои мо, агар зарфҳои септикӣ сохта шаванд, онҳо аз ду камера иборат буда маводҳои ихроҷӣ ба системаи сангҳо барои филтратсия / полоиш ворид шуда пас ба замин ҷорӣ мешавад.
- Оҷонсии меъморӣ ва сохтмон, Раёсати сохтмони Вазорати маориф ва тандурустии ҷумҳурӣ низ пеш аз татбиқи лоиҳаҳо дурустии онро месанҷанд.
- Мо стандартҳои системаҳои санитариро дар мактабҳо ва муассисаҳои тиббӣ таҳия карда истодаем.
- Барои рафъи обҳои партов стандартҳои миллӣ аз замони шӯравӣ боқӣ монда хеле талаботҳои баланд доранд, ки татбиқи онҳо мушкил ва айни ҳол заиф аст.
- Системаҳои ғайримарказонидашудаи идоракунӣ метавонанд барои деҳот бештар мувофиқ бошанд.
- ХМК дар сатҳи ҷумҳурӣ ва дар марказҳои ноҳиявӣ фаъолият мекунад. Аммо, шумораи кормандонаш маҳдуд буда, онҳо диққати худро асосан ба хонаводаҳо ва вазифаҳои дигар равона мекунад. Тақрибан аз 4 то 12 нафар кормандон масъулияти муштарак доранд ва масъалаҳои таъминоти об ва санитарияро низ онҳо идора мекунанд. Ҳузури онҳо дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот (гурӯҳи иборат аз 10–30 деҳаҳо) мавҷуд нест ва аз ин рӯ онҳо дар сатҳи деҳот ягон хидмат расонида наметавонанд. Корхонаи оби деҳоти Тоҷикистон, ки қаблан дар деҳот кор мекард, ҳоло бо ХМК муттаҳид карда шудааст, аммо аз ин иқтидори расонидани хидмат беҳтар нашуд.
- Дар деҳот одамон худашон ҳоҷатхонаи худро месозанд ва дар ин роҳ ба тарзи кофтани чоҳҳо бартарӣ медиҳанд, зеро сохтани ин гуна ҳоҷатхона нисбатан осон ва ҳангоми пуршавии он ба ҷои нав иваз карданаш осонтар аст. Агар онҳо чоҳи септикӣ созанд, пас барои онҳо боз зарурияти иловагии тоза кардани септик ба миён меояд, ки арзиши тозакунӣ тақрибан 150–500 сомониро ташкил медиҳад. Ин гуна чоҳҳои септикӣ одатан дар як сол як маротиба пур мешаванд (агар шумораи аъзоёни оила 7–10 нафар бошад).
- Дар мактабҳо ба ҳар 30–40 нафар талаба бояд як ҳоҷатхона муҳайё бошад. Аммо дар асл бошад, одатан як ҳоҷатхона барои 90 нафар талаба рост меояд. Ҳамин тариқ чоҳҳои ин ҳоҷатхонаҳо зуд-зуд, тақрибан дар шаш моҳ як маротиба пур шуда меистанд. Дар ин ҳолатҳо шояд аз ХМК хоҳиш карда шавад, ки ин чоҳҳоро холӣ кунад, аммо азбаски мактабҳо барои пардохти хидматҳои тозакунии ХМК имконоти молиявӣ надоранд, ин кор аксаран амалӣ намешавад ва ин ҳоҷатхонаҳо корношоям мешаванд. Пас кӯдакон дар ин ҳолат маҷбуранд, ки дар ҳавлии паси мактаб қазои ҳоҷат кунанд.
- Дар мактабҳо ҳамчунин сарфаи зиёди об ба мушоҳида мерасад, зеро чумакҳои об дуруст баста намешаванд.
- Аҳли ҷомеа барои об пардохт мекунад, зеро об мегирад, аммо омодагии он барои пардохти хидмати санитария чандон фаъол нест, зеро хидматрасонии санитарӣ ва истифодаи он аз ҷониби ҷомеа хеле кам аст ё тамоман нест.
- Дар бисёр хонаводаҳо дастгоҳҳои дастшӯйӣ вуҷуд надоранд, зеро онҳо барои шустани дастҳо аз чойник ё дастоба истифода мебаранд ва баъзан ба ин амалҳо аҳамияти ҷиддӣ дода намешавад.

- Пас аз эпидемияи домана дар соли 1994, одамон оби нӯшокиро ҷӯшонида истеъмол мекунанд, ки ин боиси коҳиши бемориҳо шудааст, аммо дар бисёр мавридҳо насосҳои дастӣ хеле наздик (камтар аз 30 м) ба чоҳҳои ҳоҷатхона ҷойгир карда шудаанд ва ин метавонад боиси олудашавии манбаи об бошад.
- Дар минтақаи Хатлон обҳои зеризаминӣ одатан дар чуқириҳои аз 1,5 то 10 м мебароянд.
- Дар баъзе деҳаҳо чоҳҳои ҳоҷатхонаҳоро дастӣ холӣ мекунанд ва маҳсули онро дар саҳро истифода мебаранд.
- Дефекацияи кушод расман вуҷуд надорад, аммо ҳангоми сафар ба деҳот мушоҳида кардан мумкин аст, ки иншооти санитарии ҷамъиятӣ дастрас нестанд ва ё агар бошанд ҳам дар чунин шароити бад қарор доранд, ки истифодаи онҳо имконнопазир аст.
- Масъалаҳои идоракунии беҳдошти ҳайз дар мактабҳо як мушкилоти бузург аст.
- Инчунин ҳоҷатхонаҳои муассисаҳои иҷтимоӣ барои истифодаи маъюбон пешбинӣ нашудаанд.
- Насосҳои ирригатсионӣ, ки дар замони шӯравӣ насб шуда буданд, дигар истифода намешаванд (чун кор намекунанд). Ин боиси зиёд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ гаштааст.
- Аксари масолеҳи сохтмонӣ дар Тоҷикистон мавҷуд аст, аммо маҳсулоти санитарӣ аз қабили ҳавзаҳои сафолии дастшӯи (умывальник), унитазҳо ва ғ. аз Чин, Туркия ё Русия ворид мешаванд ва аз ин рӯ арзиши зиёд доранд. Қубуру лӯлаҳои пластикӣ дар Тоҷикистон истеҳсол мешаванд.
- Ҳоҷатхонаҳои EcoSan сохта ва истифода мешаванд, аммо истифодаи бомуваффақияти он танҳо дар баъзе минтақаҳое мавҷуд аст, ки дар он ҷо партовҳои одамон такроран истифода карда шуда ва аз ҷиҳати фарҳангӣ қабул шудааст. Ҳамаи одамон ба ин тайёр нестанд. Корбасту нигоҳдории ҳоҷатхонаҳои EcoSan таваҷҷӯҳи бештарро талаб мекунад ва то он дам ва ба шарте, ки одамон омӯзонида нашаванд ва аз таҷрибаи дурусти истифодабарӣ огоҳ нашаванд, ба роҳ монда шудани истифодаи ин ҳоҷатхонаҳо ба осонӣ ба даст намеояд. Дар бисёр ҳолатҳо чунин мушоҳида мешавад, ки пас аз як соли истифодабарии ин гуна ҳоҷатхонаҳо мардум дигар аз он истифода намебарад, зеро одамон тарзи истифодабарии ин ҳоҷатхонаҳоро дуруст намедонанд.
- Дар манотиқи ғарбии Хатлон ва қисми шимоли кишвар истифодаи такрории маҳсули ихроҷи инсон дуруст қабул мешавад, зеро мардум ба қабули ақидаҳои нав кушод ҳастанд.
- Хидмати дастгирии технологияҳои алтернативӣ вуҷуд надорад, аз ин рӯ, агар ягон чиз вайрон шавад ё мушкилоти амалиётӣ ба миён ояд, одамон ин ҳолатро бартараф карда натавониста ва минбаъд аз истифодаи ҳоҷатхона даст мекашанд. Насбу истифодаи ҳоҷатхонаҳо бо технологияҳои алтернативӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ метавонад як ақидаи хубе бошад, ки санҷида шавад, то одамон чӣ тавр кор кардани онро худашон бинанд (бо системаи корбасту нигоҳдорӣ) ва пас аз мушоҳида ва чанд вақт ин системаҳоро мустақилона дар хонаводаҳои худ татбиқ кунанд.
- Пеш аз он ки таъмини маводҳои зарурии ин гуна технология ба роҳ монда шавакд, талаботи мардум ба ин технологияҳои алтернативӣ бояд аниқу равшан ва бод арки дуруст мавҷуд бошад.
- Барои системаҳои ба ҷомеа асосёфта, масъалаҳои соҳибмулкии ҳоҷатхонаҳо / системаи безараргардонӣ / истифодаи такрорӣ бояд хеле возеҳ бошад – махсусан соҳибмулкии замин, масъулияти нигоҳдорӣ ва таъмири иншоот бояд ба таври возеҳ муайян карда шаванд ва таъмини захираҳо кафолат дода шавад, ки пас дар ин ҳолат одамон боварӣ ҳосил намуда бо омодагии комил ба пардохт кардан шурӯъ мекунанд.
- ХМК низ бояд ҳамчун яке аз ҷонибҳои асосии манфиатдор ҷалб карда шавад ва иқтидори он бояд бунёд карда шавад, то хидматрасонии санитариро фароҳам биёранд ва ҳама ҷонибҳои манфиатдор бояд ба манфиати ҷамъият кор кунанд, на балки барои манфиатҳои шахсӣ. Ҳама ҷонибҳои манфиатдор бояд сарҷамъ шуда якдилона гузинаи беҳтарини технологияро интихоб намоянд.

- Роҳҳои ҳалли масъала бояд ба шароити мавҷуда мутобиқ бошанд. Дар асоси нақшаи корӣ татбиқ шудани амалҳо ба муваффақияти кор хеле муҳим мебошад.
- Хокистароб ба ҷӯйборҳои беруни хонаҳо рехта мешавад. Шумораи хеле ками хонаводаҳо барои полоидани оби мағзоба сӯрохӣ кофта ба он қуму санг илова мекунанд.
- Баъзан вақт обҳои хокистарӣ дар ҷӯйборҳои кушод партофта мешаванд ва пас аз чанд фосилаи ҷараёни он метавонад тоза ба назар расад ва одамон дар поёноби ҷӯйбор бе донистани олуда будани об онро барои мақсадҳои гуногун истифода мебаранд.

**Мусоҳибаи 15 – 03/I-N-I/15**

- Санитария бо рафтори фарҳангӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд аст ва аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии одамон яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини беҳтар кардани ҳолати санитарӣ мебошад.
- Ислоҳот дар соҳаи санитария дар коғазҳо хуб инъикос ёфтааст, аммо дар асл таваҷҷӯҳи бештар ба масъалаи таъмини об барои обёрӣ дода мешавад.
- Дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва санитария муддати тӯлонӣ маблағгузории нопурра вуҷуд дошт.
- Аксарияти зиёди аҳолии деҳот бо мушкилоти марбут ба оби нӯшокӣ ва санитария ҳамарӯза рӯбарӯ мешаванд.
- Дастрасӣ ба санитария бо шарофати маблағгузории беруна беҳтар шуда истодааст.
- Ташкилоти мо танҳо ба наздикӣ (таи якчанд соли охир) дар самти санитария ба кор шурӯъ намуд, зеро аввалан диққати асосии онҳо ба масоили таъмини оби нӯшокӣ дар деҳот буд.
- Аз хонаводаҳо дида бештар муассисаҳои иҷтимоӣ ба ҳаллуфасли масоили тозагӣ ниёз дошта ба беҳтар кардани ҳолати санитарӣ эҳтиёҷоти ҷиддӣ доранд – дар хонаводаҳо одамон камубеш кӯшиш мекунанд, ки ҳоҷатхонаҳои худро то ҳадди имкон сохта дар ҳолати муносиб нигоҳ доранд (хусусан аз ҷиҳати молиявӣ; занони хонавода ҳоҷатхонаҳоро нигоҳдорӣ мекунанд), аммо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ ва давлатӣ, ба монанди мактабҳо ва марказҳои саломатӣ масъулияти нигоҳдории ҳоҷатхонаҳо, инчунин захираҳои зарурӣ намерасанд.
- Масъалаи нигоҳдории ҳоҷатхонаҳо калидӣ аст – барои системаҳои гуногун усул, заҳмат ва захираҳои лозимӣ фарқ карданашон мумкин аст, аммо ҳамоно нигоҳдорӣ ҷиҳати асосӣ аст.
- Мо ҳоҷатхонаҳои EcoSan, ҳоҷатхонаҳои обдор бо зарфҳои септикӣ сохтем ва барои полоиши партовоб заминҳои ботлоқзор сохтем. Азбаски таъминоти об дар деҳот маҳдуд аст, шабакаи марказонидашудаи канализатсия ва коркарди он имконнопазир аст (ҳарчанд мансабдорони давлатӣ ба ин васила бартарӣ медиҳанд).
- Дар ҷойҳое, ки сатҳи оби зеризаминӣ баланд аст, ҳоҷатхонаҳои EcoSan-ро дар болои замин сохтан мумкин аст ва агар сохта хуб идора карда шаванд, барои беҳтар кардани ҳолати санитарӣ метавонанд системаҳои муассир бошанд.
- Дар баъзе мактабҳо мушоҳида шудааст, ки ҳоҷатхонаҳои обдор бо септикҳо ё чоҳҳо мавҷуданд ва оби партови ин иншооти нигоҳдорӣ дар он ҷо ба замин заҳида ҷаббида мешаванд, ки хок ва обҳои зеризаминиро олуда мекунанд.
- Ҳоҷатхонаҳои EcoSan барои кӯдакистонҳо мувофиқ нестанд, зеро кӯдакон аз онҳо дуруст истифода бурда наметавонанд.
- Мо дар мактабҳо, ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ ва минтақаҳои санитарӣ (сатҳи Ҷамоат) системаҳои санитарӣ сохтаем.
- Санитария як мавзӯи мураккабест, ки дар бораи он махсусан бо мансабдорон/мақомот сӯҳбат кардан душвор аст. Дар қишлоқҷойҳо бо одамон сӯҳбат кардан осонтар аст.
- Рафтори беҳдоштӣ ва нигоҳдорӣ як масъалаҳое мебошанд, ки бояд ҳаллуфасл карда шавад.

- Зарурати ташвиқот бурдан ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии мақомдорони давлатӣ вуҷуд дорад.
- Барои ин соҳа сармоягузорӣ лозим аст.
- Ислоҳоти соҳа зарур аст – дар самти рушди ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ.
- Усулҳои ҳамшарики иҷрои кор натиҷаҳои беҳтар доранд – ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор махсусан дар сатҳи ҳукумати миллӣ муҳим аст.
- Тадбирҳои инфрасохторӣ ва беҳбуди рафтори беҳдоштӣ бояд ҳамқадам бошанд.
- Мо ба муаллимон ва кормандони соҳаи тиб оид ба санитария – манфиатҳо ва тағйир додани рафтор (модулҳои омӯзишии PHAST, ки ба шароити маҳаллӣ мутобиқ карда шудаанд) тренингҳои омӯзишӣ гузаронидем.
- Сафарбар кардани одамон барои омӯзиши рафтори беҳдоштӣ имконпазир аст.
- Дар вазъияти имрӯзаи Ковид – омӯзиши рафтори гигиенӣ аҳамият дорад ва ин имкониятро барои нишон додани аҳамияти об, тозагӣ ва беҳдошт истифода бурдан мумкин аст.
- АИО вобаста ба таъминоти обёрӣ ташкил карда шуданд, аммо чандон самаранок набуданд.
- Дар доираи лоиҳа Ташкилоти оби нӯшокӣ (ТОН) ҳамчун сохтори институтсионалӣ бо намояндагони хонаводаҳо оид ба идоракунии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ таҳия карда шудааст – онҳо инчунин барои ҷамъоварии саҳм барои сохтмон (30% арзиши он) кӯмак мекунанд ва ҳуқуқи татбиқи тарофаҳоро доранд (аз ҷониби Агентии зиддиинҳисорӣ тасдиқ карда шудааст). Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки аз бонкҳо сармоягузорӣ ба даст оранд. Онҳоро барои корҳои санитария низ санҷидан мумкин аст. ТОН дар баъзе минтақаҳои лоиҳа ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятиро идора мекунанд.
- Об ва санитария бояд барои дарёфти маблағгузорӣ ва татбиқи онҳо заминаи баробар дошта бошад – бо тамсилаҳои мувофиқ (алтернативӣ) барои деҳот.
- Мутобиқ кардани одамон ба истифодабарии EcoSan осон аст (ин чандон мураккаб нест), зеро одамон аллакай тарзи анъанавии истифодаи ҳоҷатхонаҳои хушкро медонанд – танҳо дониши нав ва хидматрасонӣ бояд таъмин карда шавад, то ин гуна ҳоаҷтхонаҳо босамар истифода ва идора карда шаванд.
- Дар баъзе ноҳияҳо кишоварзон аз ронандагони мошинҳои санитарӣ (асенизаторҳо) хохиш мекунанд, ки дурдаи наҷосати одамиро ба пахтазорашон холӣ кунанд.
- Дар водии Фарғона наҷосатлойҳо аз чоҳҳои ҳоҷатхонаҳои анъанавӣ ё аз ҳоҷатхонаҳои экосанӣ барои заминҳои кишоварзӣ истифода бурда мешаванд.
- Дар баъзе беморхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ идоракунии оби партовҳои ҳоҷатхонаҳо хуб ба роҳ монда нашудааст – ҳангоми пуршавии септикҳо, наҷосатлойҳо мустақиман ба киштзор холӣ карда мешаванд. Одамон ин корро ҳамчу як амали бад мефаҳманд, аммо натавонистанд дар бораи он шикоят кунанд – байни мардум сатҳи огоҳиро бардоштан лозим аст то онҳо донанд, ки наҷосатлойқаро танҳо пас аз коркард аз рӯи қоидаҳои муайяни бехатарӣ ҳамчун нуриҳо дар саҳро истифода бурдан мумкин аст.
- Ҳангоми арзёбии муштараки деҳот, ки барои ҳоҷатхонаҳои EcoSan гузаронида шуд, маълум шуд, ки одамон медонанд, ки наҷосати хушк пас аз чанд сол дар чоҳ ҳамчун нурӣ аст ва барои истифодаи такрорӣ дар саҳро бехатар аст. Одамон онро истифода мебурданд (шояд на ба таври зарурӣ бехатар) ва ин таҷрибаҳоро тавассути омӯзиш боз ҳам бехатар ва беҳтар кардан мумкин аст.
- Мактабҳо инчунин метавонанд компостро аз ҳоҷатхонаҳои худ ба деҳқонон фурӯшанд.
- Дар манотиқе, ки он ҷо аҳолӣ консервативӣ аст, истифодаи такрорӣ мушкилот буданаш мумкин аст, аммо инро тавассути баланд бардоштани огоҳӣ ва омӯзиш бартараф кардан метавон.
- Одамон медонанд, ки пас аз коркарди дуруст истифода бурдани лойи наҷосат қобили қабул аст; барои тағйир додани тафаккури одамон роҳи дурусти расонидани паёмро интихоб намудан мувофиқи мақсад аст.

- Намунаҳоро нишон додан хуб аст – дарахтоне, ки бо поруи компостӣ аз ҳоҷатхонаи экосан ғизо дода шуда буданд беҳтар нашъунамо ёфтанд, чӣ тавре ки дар як Маркази тиббӣ мисоли мусбӣ шуда буд.
- Намоиш ва мубодилаи таҷриба (омӯзиш аз ҳаммаслакон) аз лоиҳаҳои мавҷуда дар пайдо кунонидани эътимоду боварии шарикони нави лоиҳа (дар масоили барқарорсозии молиявӣ, истифодаи такрорӣ, идоракунии муштарак) кӯмаки назаррас мекунад.
- Ҳоҷатхонаҳои EcoSan инчунин дар назди биноҳои асосии хона сохта шудаанд, ки ин барои бисёриҳо – махсусан занон ва духтарони наврас, бартарӣ медиҳад.
- Санитария танҳо дар сурат бомуваффақият мешавад, ки агар талаботи мардум ба он зиёд бошад – ин омил бояд як меъёри мувофиқат барои интихоб шудани деҳаҳо ба лоиҳа бошад.
- Идораи СЭС ҳоҷатхонаи EcoSan-ро дар бинои худ ҳамчун намуна сохтааст, то мардумро ба бартариятҳо ва осонии истифодаи он ва тарзи идоракунии он фаҳмонда бовар кунонад.
- Стандарту меъёрҳои мавҷуда ниҳоят серталаб ва мураккаб буда, барои деҳот мутобиқ карда нашудаанд.
- Сиёсати андозбандӣ хеле сахт аст ва барои деҳот мувофиқ нест.
- Тарофаҳои пардохти об на аз рӯи истифода, балки аз рӯи ҳиссаҳои таъминот ҳисоб карда мешаванд, масалан, таъмини об дар хонаводаҳо аз рӯи миқдори 60 л. ба ҳар сари аъзо дар шабонарӯз муқаррар шудааст ва аз мардум новобаста аз он ки онҳо ин қадар об мегиранд ё истифода мебаранд ё не, барои он пул ситонида мешавад. Барои пайвастҳои ҳавлигӣ ин таъминот ба 95 л баробар аст. Дар асл бошад, одамон танҳо 30-35 литр дар тобистон ва тақрибан 20 литр дар зимистон истифода мебаранд.
- Водоканалҳо ва ХМК муфлис шудаанд, зеро ҷамъоварии пардохтҳо хеле бад аст (онҳо ҳатто ба коргарон маош дода наметавонанд)
- Ғайримарказикунонии идоракунии таъмини об ва санитария метавонад барои деҳот роҳи беҳтари кор бошад
- Дарки аҳамияти нигоҳдорӣ ва ҷудо кардани маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдорӣ он чизест, ки одамон бояд онро омӯзанд – дастрасӣ ба маблағ барои нигоҳдорӣ айни замон мавҷуд нест (хусусан барои муассисаҳои иҷтимоӣ). Инро ба таври ҳатмӣ таъмин кардан зарур аст.
- Нигоҳдории дарозмуддат барои суботу устуворӣ муҳим аст. Мӯътақид кардани одамон ба истифодаи намуди нави ҳоҷатхона ё нигоҳдорӣ кардани он танҳо як қадам аст (ва қадами осонтар ҳам ҳаст), аммо нигоҳ доштани захираҳои зарурии моддӣ барои дар мӯҳлати дароз ба таври босамар нигоҳдорӣ кардани иншоот ва системаи сохташуда як масъалаи хеле ҷиддитар мебошад.
- Идоракунии системаҳо – ин паём бояд ба таври доимӣ бо тамоми ҷонибҳои манфиатдор такрор ба такрор баён карда шавад.
- Нокомии системаҳои санитарӣ (экосан; ҳоҷатхонаҳо бо зарфҳои пур аз септик) аз сабаби нигоҳдории бад метавонад барои қарорқабулкунандагон / мақомдорон сабаби напазируфтани тарзи идоракунии ғайримарказонидашудаи маҳаллӣ гардад, зери ба онҳо имкони идоракунӣ дода наметавонист. Аммо дар ин ҳол ба сабаби дигари нокомӣ – яъне омилҳои беруна ва набудани дастгирии мақомот ба эътибор гирифта намешавад.
- Дар айни замон, маблағҳо барои ин зербахш ҷудошаванда хеле кам аст, махсусан барои корбасту таъмир ва нигоҳдории тамоми занҷираи хидмат.
- Дар ҷое, ки об мавҷуд нест, ҳоҷатхонаҳои оби равондор сохтан мумкин нест
- Ҳоҷатхонаҳои чоҳӣ дар минтақаҳое, ки сатҳи обҳои зеризаминиашон баланд аст, самаранок нестанд.
- Ҳангоми гузаронидани арзёбии техникӣ фаҳмидани дарки одамон, сатҳи огоҳӣ ва талаботи онҳо муҳим аст.

- Дар шимоли кишвар одамон дар соҳаи кишоварзӣ ва корбарӣ бо муассисаҳои молиявӣ бештар ҷалб гашта ва таҷрибаи хуб доранд. Дар ҷануби кишвар барои ҳама лоиҳаҳо ба даст овардани боварӣ бояд қадами аввалин бошад – манфиату фоидае, ки аз лоиҳа ба мардум мерасад, бояд мунтазам ва такроран ба халқ фаҳмонида шавад.
- Ташкилотҳои ҷомеавии маҳаллӣ бояд дар низоми институтсионалӣ ва амалиётии давлатӣ шомил карда шуда ба онҳо мақоми ҳуқуқӣ дода шаванд то ин ки фаъолияти худро босамар иҷро намоянд.
- Усулҳои ҳамкорӣ ва мушорикат бомуваффақият мебошанд – табодули таҷриба ва намоишҳо инчунин барои тағйир додани тафаккури одамон кӯмак мекунанд.
- Дар водии Фарғона усули корбарӣ аз он иборат буд, ки дар муассисаҳои ҷамъиятиву давлатӣ корҳои намоишӣ иҷро шудаанд – то ки одамон аз ин системаҳо истифода бурда бинанд, ки он муфид аст ва кор мекунад ва сипас барои қабули ақидаҳои наву алтернативӣ омода мешаванд, ки ин ҳадафҳоро тавассути баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дастгирӣ кардан ва таваҷҷӯҳи одамонро ҷалб намудан ба ин масъалаҳо зарур аст.
- Дар минтақаҳои кӯҳӣ кофтани чоҳ барои сохтмони ҳоҷатхона ва ҳамчунин дастрасӣ ба замин (масъалаҳои моликият) ҳам мушкилиҳои ҷиддӣ мебошанд. Дар ин ҷо EcoSan метавонад як варианти осонтари татбиқи лоиҳа бошад (лоиҳаи ФО дар минтақаи Помир).
- Пеш аз он ки сохтани ҳоҷатхонаҳои обдор ҳамчун гузинаи кор интихоб карда шавад, дастрасии боэътимоди обро тасдиқ кардан зарур аст.
- Ҳоҷатхонаи намуди VIP ё EcoSan-ро ҳамчун як гузинаи кор интихоб намуда, истифодаи такрории поруи компостро дар боғу саҳроҳо ба роҳ мондан мумкин аст – танҳо дар сатҳи зарурӣ баланд бардоштани маърифатнокии мардум дар ин самт тақозо мешавад.
- Барои интихоби деҳаҳо омилҳои зеринро ба инобат гирифтан зарур аст – сатҳи таъминоти об, дастрасӣ ба иттилоот, талаботи мардум, фаъолнокии намояндагони деҳа.
- Корро аз хонаводаҳо дида дар муассисаҳои давлативу иҷтимоӣ оғоз кардан беҳтар аст, зеро халқ услуби корбарии ин гуна ҳоҷатхонаҳоро дида, боварӣ ҳосил намуда, пас ин корро мустақилона дар хонаҳои худ анҷом медиҳанд.
- Барои дастгирии техникии дарозмуддат иқтидори маҳаллиро эҷод намудан зарур мебшад.
- Бозори маҳсулоти санитарӣ бояд инкишоф ёбад, то ин ки бо мурури замон қисмҳои эҳтиётӣ дастрас бошанд.
- Дар айни замон зарфҳои экосан бештар воридот карда мешаванд – дар сурати мавҷуд будани талабот дар маҳалхо тайёр кардан мумкин аст.
- Баъзе истеҳсолкунандагон дар маҳал зарфҳои бетонӣ сохтанд, ки дар сурати дуруст истифодашавӣ ва нигоҳубини онҳо кор медиҳанд.
- Унсуру ҷузъҳо дар маҳал мавҷуд ҳастанд – танҳо онҳоро бояд якҷоя карда истифода намудан зарур аст, то ин ки санитария ба кор дарояд.
- Одамон роҳҳои ҳалли масъаларо меҷӯянд (хоҳиш вуҷуд дорад), аммо маҳдудиятҳои молиявиро бояд бартараф кард – ин имконотро бояд ба назар гирифт. Ҳатто вақте ки чоҳҳо пур мешаванд ва ба холӣ кардани онҳо ниёз ба вуҷуд меояд, ё чоҳи нав сохтан зарур мегардад – ин пулро талаб мекунад, аз ин рӯ сармоягузорӣ кардан ба системае, ки корбаст ва нигоҳдорӣ кардани он заҳмати камтарро талаб мекунад ва харҷи он камтар аст, метавонад аз ҷиҳати молиявӣ муфидтару рақобатпазир бошад.
- Қарзҳои хурд вуҷуд доранд (аммо фоизи гарон доранд, барои ҳамин байни мардум қобили қабул нест)
- Дар шароити кунунии Ковид, агар мардуми тоҷик ба кишварҳои дигар барои пул кор кардан рафта натавонанд, масъалаҳои тозагӣ ва беҳдошт ба қафо партофта мешаванд, зеро пул намерасад.

- Дар шароити деҳот устои сохтмон ё ширкатҳои тарроҳиро ёфтан душвор аст. Агар мавҷуд бошанд ҳам, онҳоро бояд ба таври ҷиддӣ роҳнамоӣ кард, то аз нозукиҳои системаи нави пешниҳодшаванда огоҳ гардида ин системаҳоро дуруст насбу татбиқ карда тавонанд. Мутобиқсозии тарҳҳо ба бинои мавҷуда душвор буда метавонад ва бояд фикр карда баромада шавад.
- Муассисаҳои лоиҳакашӣ доир ба масъалаҳои санитарӣ чандон хуб нестанд.
- Дар деҳот одамон худашон ҳоҷатхона месозанд – онҳо устои соҳибихтисос нестанд, вале ин корро иҷро мекунанд – онҳо ба омӯзиш ниёз доранд.
- Нархи семент ба таври мавсимӣ тағйир меёбад, аз ин рӯ хароҷоти сохтмон низ тағйир меёбад – омили дигаре, ки ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо бояд ба назар гирифта шавад.
- Тамсилаҳои намунавии стандартӣ бо унсурҳои асосии тарроҳӣ бояд ба тарроҳон нишон дода шаванд, то андозаашон аз ҳад зиёд ё кам нашавад (навъи «IKEA»-и ҳоҷатхонаи экосан)
- Варианти дигари мудохила барои санитария метавонад аз он иборат бошад, ки арзиши сохтори ҳоҷатхона ва иншооти нигоҳдории онро ташкилоти иҷрокунанда маблағгузорӣ менамояд ва онҳо ин унсурҳои мушаххасро ба зимма мегиранд – боқимонда корҳоро хонавода худаш иҷро мекунад.
- Барои деҳаҳо – муқаррар кардани меъёри сатҳи хидматрасонӣ ва тамсилаи ҳавасмандгардонӣ (ба мисли Ҳиндустон) метавонад бомуваффақ бошад.
- Агар сокинони деҳа, ки берун аз кишвар ва ё дар шароити шаҳр муддате чанд кори зиндагӣ карда бошанд, пас, баъд аз бозгаштан ба деҳаи худ онҳо метавонанд барои беҳтар кардани вазъи тозагӣ дар хонаводаи худ бештар омодаву майлу рағбат дошта бошанд.
- Саъю кӯшишро доимӣ ба харҷ додан зарур аст, ки маъракахои санитарӣ баргузор шуда истанд — такрор омили калидӣ аст.
- Санҷиш ва мониторинг як ҷанбаи муҳим ва ҷузъи ташаккулдиҳандаи идоракунӣ мебошад. Он кӯмак мекунад, ки ислоҳи камбудӣ зуд амалӣ шуда, нокомӣ пешгирӣ карда шавад.
- Идоракунии беҳдошти ҳайз бояд дар тамоми системаи санитарии муассисаҳои давлатӣ ба назар гирифта шавад
- Муҳандисон бояд омӯзонида шаванд, ки унсурҳои идоракунии беҳдошти ҳайз ва инчунин насби дастгоҳҳои пешобкунӣ барои мардон ба инобат гирифта шаванд (стандартҳои муқаррарнамудаи СУТ риоя шаванд) – дастгоҳҳои пешобкунӣ набояд ба ҳамдигар зич насб шаванд.
- Таъмини паноҳӣ ва махфият дар иншооти санитарии ҷамъиятӣ муҳим аст
- Сиёсатҳои муносибу мусоид бояд таҳияву тадбиқ карда шаванд.

## 5.2 ЗАМИМАИ 2: ЧОРЧӮБАИ CLUES

- Манбаъ: «Банақшагирии санитарияи экологии шаҳрӣ бо роҳбарии ҷомеа» (Community Led Urban Environmental Sanitation Planning) Lüthi C., Morel A., Tilley E., and Ulrich L., © 2011 Eawag-Sandec/WSSCC/UN-HABITAT,

Барои тадбиқи тадбирҳои созандаву устувори санитарӣ муҳити мусоид лозим аст. Ин муҳити мусоиду созанда аз як қатор омилу унсурҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст, ки ниҳоятан ба натиҷаи тадбирҳои санитарӣ таъсир мерасонанд ва боиси устувории он мегарданд. Ба ин омилу унсурҳо шартҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, молиявию иқтисодӣ, таълимӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ дохил мешаванд, ки ба ин ё он фаъолиятҳои муайян мусоидат мекунанд. Муҳити мусоиди созанда барои муваффақияти ҳар як сармоягузории рушд муҳим аст; бе он, захираҳое, ки барои ба амал овардани дигаргуниҳо нигаронида шудаанд, бесамар хоханд буд.



## 5.3 Замимаи 3: Мавзеи лоиҳавӣ – ҳавзаи болооби водии Зарафшон




**Ангораи 16: Мавзеи лоиҳавӣ – Зарафшони боло (Манбаъ: Ҳисоботи бор, 2013)**

Минтақаи фарогирии лоиҳа дар минтақаҳои ҳавзаи болооби Зарафшон ҷойгир шудааст (ниг. *Ангораи 17*). Мудохилаҳо (тадбирҳо)-и санитарӣ ҳамчун системаҳои намоишӣ дар деҳаҳои алоҳидаи ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакенти водии Зарафшон пешбинӣ шудаанд. Шумораи умумии аҳолии ин 64 деҳа тақрибан 78 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки шумораи аҳолии деҳаҳои алоҳида аз якчанд сад то тақрибан якуним ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Интихоби деҳа(ҳо) дар марҳилаи навбатии лоиҳа гузаронида мешавад.

Дар ин минтақа ҳарорати ҳаво аз ҳадди аксари 23 то 30 дараҷа гармӣ ва то ҳадди ақал –3 –10 дараҷа хунукӣ бошад ва боришот аз моҳи октябр то май дар ҳудуди 15 то 25 мм ва ба ҳадди аксар аз 60 то 100 мм мерасад[84]. Мавзеи лоиҳа дар минтақаи иқлими сарди нимхушк ва минтақаи гармтари иқлими Миёназаминӣ ҷойгир аст[85] (ниг. *Ангораи 11*). Боришоти зиёдтарин дар моҳҳои март ва апрел ба амал меояд. Ба ин минтақа релефи шаху санг хос аст. Даромади асосии аҳолии минтақаи лоиҳа аз соҳаи кишоварзӣ ва интиқоли пулӣ аз муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад[86]. Зироатҳои асосие, ки мардум дар мавзеи лоиҳавӣ дар Зарафшони Боло парвариш мекунад, ин картошка ва гандум мебошад (асосан дастӣ обёришаванда буда, заминҳои лалмӣ қариб нест). Аммо таносуби даромад ба ҳар сари аҳолӣ паст аст. Замин асосан аз они мардум аст, гарчанде ки баъзе сокинон заминро барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ ба иҷора гирифтаанд.

---

[84] EU-Rural Development Program 1, WHH Consortium, ACA/2016/373-575, Baseline Report, 2016.
[85] Манбаъ: Географияи Тоҷикистон, аз Wikipedia санаи 5 июни 2020 дастрас гардидааст.
[86] Манбаъ: Барномаи рушди деҳоти Созмони Аврупо (EU)-1, Консорсиуми WHH, ACA/2016/373-575, Гузориши ибтидоӣ, 2016.




**Ангораи 17. Ҳавзаи оби Зарафшон (Манбаъ: Welthungerhilfe)**

## 5.4 ЗАМИМАИ 4: ВАЗЪИ ТОЗАГӢ ДАР МИНОТИҚИ ҲАВЗАИ БОЛООБИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ВА ЗАРУРАТИ АМАЛҲО

Таҳлили вазъи санитарӣ ҳамон тавре ки дар *Ангораи 5* зикр шудааст, инчунин вазъияти мавзеи лоиҳавии ҳавзаи болооби Зарафшонро инъикос мекунад. Чӣ тавре ки аз он бармеояд, дастрасии номукаммал ба об ва санитария ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад – он ба сатҳи камбизоатӣ, гуруснагӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, масоили барбарии гендерӣ, фавти кӯдакон ва модарон, аксари бемориҳо, устувории экологӣ ва инчунин манфиатҳои иқтисодӣ таъсир зиёд дорад. Барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор беҳбудӣ бахшидани вазъи обтаъминкунӣ ва тозагӣ як шарти аввалиндараҷа аст.

Ҳангоми ба нақша гирифтани тадбирҳои санитарӣ барои минтақаҳои деҳоти ҳавзаи болооби водии Зарафшон зарурияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва талаботҳои зеринро ба миён меорад (ниг. *Ҷадвали 6*):

### ҶАДВАЛИ 6. ШАРҲИ МУХТАСАРИ НИЁЗУ ЭҲТИЁҶОТ ВА МУШКИЛОТИ САНИТАРӢ ДАР МАНОТИҚИ ДЕҲОТ

| | |
|---|---|
| **Масоили техникӣ** | 1. Баланд бардоштани сатҳи дониш дар бораи таҷрибаҳои беҳтарини системаҳои санитарӣ (ки барои минтақа мувофиқанд)<br>2. Такмил додани тартиботи корбасту нигоҳдорӣ барои системаҳои мавҷудаи санитарӣ<br>3. Системаҳои мувофиқ барои заминҳои кӯҳӣ ва санглох<br>4. Идоракунии масоили дастрасӣ ва маҳдудияти замини ҳавлӣ байни хонаводаҳо ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои хурди инфрасохторӣ<br>5. Идоракунии самараноки обҳои партов<br>6. Татбиқи системаҳои стандартӣ (таъмини обногузарӣ, иқтидорҳо ва тарҳҳо)<br>7. Ҷудо карда гирифтани партовҳои сахт / партовҳо аз таркиби обҳои партов дар баробари ҷамъоварии партовҳои дурушти маишӣ<br>8. Ташаккул додани иқтидори мутахассисоне, ки дар тамоми занҷираи санитарӣ кор мекунанд, зарур аст |
| **Масоили ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва идоракунӣ** | 1. Таъмини возеҳияти ӯҳдадориҳои муассисаву ташкилот ва идораҳои ҷалбшуда<br>2. Таъмини масоили моликият ба замин (барои сохтани ҳама гуна системаи безараргардонӣ ва коркард)<br>3. Ташкили система ё низоме, ки барои ҳамоҳангсозӣ ва синхронизатсияи барномаву тадбирҳое, ки дар баробари ҳам амалӣ мешаванд<br>4. Муайян кардани вазифаҳои қонунӣ вобаста ба масъалаҳои санитарӣ ва вогузор намудан ба як субъекти хоҷагӣ<br>5. Татбиқи қонунҳои экологӣ ва ворид намудани амалияи бехатари санитарӣ вобаста ба мунтазам тоза кардани дурдаи наҷосат аз септику чоҳҳо, безараргардонӣ ва коркарди обҳои партов ва пешгирӣ намудани ифлосшавии захираҳои табиӣ<br>6. Муқаррар намудани тарофаҳо ва низоми андозбандӣ барои маркетинги санитарӣ |
| **Масоили иҷтимоӣ** | 1. Дастрасӣ ба ҳоҷатхонаҳо барои ҳама<br>2. Беҳтар намудани саломатии омма<br>3. Бештар ғамхорӣ зоҳир намудан ба муҳити зист ва саломатии омма<br>4. Фаҳмондадиҳӣ ва эҷоди огоҳӣ дар бораи мавҷудияти харҷу хароҷот дар бахши тозагӣ ва беҳтар кардани омодагии мардум барои пардохтани он |

| | |
|---|---|
| | 5. Бартараф кардани стигма дар масоили истифодаи дубораи маҳсули ихроҷи инсон<br>6. Кам кардани бемориҳои бо об сироятшаванда<br>7. Зиёд кардани фаҳмиши мардум дар бораи манфиатҳои санитарӣ |
| **Масоили иқтисодӣ** | 1. Таҳия ва дохил кардани тамсилаҳои тиҷорат барои шарикӣ бо ташкилотҳои хусусӣ ё ташкилотҳои сатҳи ҷомеа<br>2. Ташаккул додани бозор то ин ки шумораи бештари иштирокдорони бахши хусусӣ хидматҳои санитариро пешниҳод намоянд<br>3. Ба даст овардан ва ҷудо кардани маблағҳо барои тадбиқи инфрасохтори санитарӣ ё хидматрасониҳо<br>4. Таъин кардани маблағҳои буҷетӣ барои масоили тозагӣ, махсусан ба хидматрасониҳои корбасту таъмири инфрасохтор<br>5. Ташаккул додани системаи аз ҷиҳати молиявӣ рақобатпазиру устувори тарофаҳо / пардохтҳо барои хизматрасониҳои санитарӣ |
| **Масоили сиёсӣ** | 1. Ташаккул додани иқтидори мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ то ин ки дастаи кормандони оперативӣ дошта бошад<br>2. Муайян кардани агентии раҳнамо барои пешбурди ташаббусҳои бахши ОТБ |
| **Масоили экологӣ** | 1. Баланд бардоштани сифати обанбору объектҳои мавҷудаи об, қишрҳои обрасони зеризаминӣ ва муҳити хокӣ тавассути пешгирии олудашавӣ ва назорати он<br>2. Коҳиш додани олудашавии микробии оби ошомиданӣ<br>3. Кам кардани фишори соҳаи сайёҳӣ ба манбаъҳои об<br>4. Пешгирии ифлосшавии хок ва назорати он |

## 5.5 РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ВА ИСТИНОДҲО


- Дастур оиди лоиҳаи пешбурди тозагӣ ва беҳдошт дар мактабҳо Тоҷикистон, Вазорати маорифи ҶТ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ЮНИСЕФ, Тоҷикистон, 2010.
- Арзёбии тозагӣ ва беҳдошт дар мактабҳо, солҳои 1994-2001. ЮНИСЕФ. Лоиҳа дар Хатлон, Тоҷикистон. Апрел-май 2001. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва санитария».
- «Омори об» (*Aquastats*) http://www.fao.org/nr/water/aquastat/countries_regions/TJK/TJK-CP_eng.pdf Санаи 30 июни соли 2020 дастрас шудааст.
- Ҳисоботи ниҳоии CDIA оид ба лоиҳаи обтаъминкунӣ ва санитария дар шаҳри Душанбе, июни 2018.
- Санитарияи экологӣ дар муҳити шаҳр бо сарварии ҷомеа – CLUES © 2011 Eawag-Sandec/WSSCC/UN-HABITAT.
- Саволҳои асосӣ оиди оби нӯшокӣ, тозагӣ ва беҳдошт барои таҳқиқоти хонаводаҳо: бо таҷдиди 2018. Ню-Йорк: Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) ва Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, 2018.
- Мусаввадаи Стратегияи миллии об, 2019.
- Санитарияи ғайримарказонидашуда дар ноҳияи Рӯдакӣ, BORDA, декабри соли 2017.
- Масъалаҳои экологӣ дар Тоҷикистон, «Донишномаи озод» (Wikipedia) маълумот санаи 5 июни соли 2020 дастрас шудааст.
- Барномаи Созмони Аврупо доир ба рушди деҳот, Консорсиуми WHH, ACA/2016/373-575
- Таҳқиқоти ташаккулдиҳанда барои тарҳи ба истифодабарандагон нигаронидашудаи санитария дар ноҳияи Рӯдакӣ, декабри 2018, Оксфам БК.
- Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ба ҳар сари аҳолӣ (бо доллари ИМА) – Тоҷикистон, Бонки Ҷаҳонӣ, 2019, https://data.worldbank.org/indicator/NY.GDP.PCAP.CD?locations=TJ.
- Ҷуғрофиёи Тоҷикистон, аз Википедиа санаи 5 июни соли 2020 дастрас шудааст.
- Паймона нимпур аст (*Glass Half Full*), Ташхиси камбизоатии шароити обтаъминкунӣ, тозагӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон, © 2017. Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд / Бонки ҷаҳонӣ, ш. Вашингтон, DC 20433, кӯчаи 1818 H NW.
- Истифода ва идоракунии захираҳои оби зеризаминии ҳавзаи дарёи Ому (Осиёи Марказӣ). Илмҳои экологияи замин. 59. 1183-1193. 10.1007/s12665-009-0107-4; Раҳматуллоев, Шавкат ва Хунео (Shavkat & Huneau), Фредерик ва Казбеков (Frederic & Kazbekov), Юсипбек ва Ле Кустюмер (Jusipbek & Le Coustumer), Филипп ва Джуманов (Philippe & Djumanov), Ҷамолҷон ва Эл Ойфи (Jamoljon & El Oifi), Бучра ва Мотелика-Хейно (Bouchra & Motelica-Heino), Микаэл ва Хркал (Mikael & Hrkal), Збинек (Zbynek). (2010).
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, 2019.

- Ҳисобот оиди семинарҳои ҷамоатӣ барои лоиҳаи MIDP, Ташаккули кумитаҳои идоракунии минтақаҳои санитарӣ, Барномаи об ва санитария, Бонки ҷаҳонӣ, октябри 2013.
- Ҳисобот ва тавсияи Президент ба Шӯрои директорон оид ба лоиҳаи Обтаъминкунӣ ва канализатсияи Душанбе, сентябри 2018, БОР (Бонки Осиёи Рушд).
- Баррасии сиёсат ва амалияи тозагӣ дар ҶТ, 2015, SDC, БРСММ, SIWI, Фонди идоракунии об, Оксфам БК, TajWSS, GoAL WaSH.
- Нақшаи рушди санитария барои Тоҷикистон, Мусаввадаи ҳисобот, феврали 2018.
- Маркетинги санитарӣ дар Тоҷикистон, Машварати WSUP, феврали 2017, Оксфам.
- Тоҷикистон: Маълумотномаи иқтисодии кишвар – Тирамоҳи соли 2019, www.worldbank.org санаи 3 июни соли 2020 дастрас шуддааст.
- Дар бораи Тоҷикистон. Манбаъ: https://www.britannica.com/place/Tajikistan санаи 30 июни соли 2020 дастрас шудааст.
- Дар бораи Тоҷикистон. Аз Википедиа санаи 5 июни соли 2020 дастрас шудааст.
- БРСММ. 2010. Гузориши рушди инсонӣ 2010: Сарвати воқеии миллатҳо – Роҳҳои рушди инсонӣ. Ню Йорк. http://hdr.undp.org/en/content/human-development-report-2010.
- БРСММ. 2010, Арзёбии Бахши кишвар: Барномаи GoAL WASH БРСММ, Ҷилди 2, Тоҷикистон.
- ЮНЕСКО, 2014; http://uis.unesco.org/en/country/tj маълумот санаи 3 июни соли 2020 дастрас шудааст.
- Таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон, Тамоюлҳои рушд ва тавсияҳо, TajWSS, Оксфам БК, SDC, августи 2010.
- Стратегияи рушди бахши об дар Тоҷикистон, 2006.
- Бонки Ҷаҳонӣ – https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/overview маълумот санаи 30 июни соли 2020 дастрас гардидааст.
- Бонки Ҷаҳонӣ, www.worldbank.org/Tajikistan маълумот санаи 5 июни соли 2020 дастрас шудааст.